**ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДАР ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ**

ТДУ-373(575.3)
ТКБ-74.20(5Т)
Х-84

Ба ҳуқуқи дастнавис

**ХУДОЙНАЗАРОВ МЕҲРОЖИДИН АШӮРОВИЧ**

# ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Шаропов Ш.А.

**ПАНҶАКЕНТ – 2022**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**…………………………………………………………………..3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР РУШДИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ**………...............................……………13

1.1. Моҳият ва мӯҳтавои технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ……………………………...……...13

1.2. Асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ……………………......................52

1.3. Сохтори мӯҳтавоии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон……………….............................76

Хулосаи боби 1……………………………………………………………101

**БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОН ТИБҚИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ** ………………………......……………102

2.1. Таҳия ва истифодаи китоби электронӣ чун воситаи самараноки технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда…………………………………………………………………102

2.2. Ҷанбаи мухтавоии истифодаи самараноки модулҳои ҷадвалӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон…………………………..........……..123

2.3. Самаранокии мухтавои кори таҷрибавӣ-санҷишӣ оид ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни дарсҳо………………………………....141

Хулосаи боби 2…………………………………………………………...169

**ХУЛОСА**………………………………………………………….………171

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ**………..........................……..…………………175

## МУҚАДДИМА

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Тағйироти назарраси дар рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бавуқӯъпайванда пеш аз ҳама бо такмил ёфтани сохтори таълим вобаста аст, кадоме ки дар навбати худ ба болоравии самаранокии беҳдошти тайёр намудани мутахассисон ба кору зиндагии мустақилона, тарбияи шаҳрвандони соҳибмаърифати ҷомеа мусоидат мекунад. Тарбияи инсони соҳибмаърифат, мутахассиси соҳибкасби ҷавобгӯ ба талаботи муосири пешрафтаи илмӣ-техникӣ пеш аз ҳама ба ташаккули ҷаҳонбинии насли ҷавон мусоидат мекунад, кадоме ки асоси онро сохтори мукаммали асосҳои назарҳои фалсафӣ, тасаввурот дар бораи симои ҷаҳон, дар бораи раванди маърифати илмӣ, тафаккури илмӣ ва эътиқодҳои материалистиро ташкил медиҳанд. Ҳар давра масъалаи ташаккули ҷаҳонбинӣ ва мутобиқати он бо сохти ҷамъиятӣ, сатҳи рушди илму маорифро ҳаллу фасл мекунад.

Равона кардани диққати асосӣ ба масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас ба тамоми самтҳои фаъолияти давлатӣ хос аст. Масъалаҳои ҷаҳонбинии диалектика бо тасдиқи мавқеи инсондӯстии ҳаёти фаъоли шахсӣ, рушди ташаббусҳои коллективӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқ дар маҷмӯъ, аз он ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ марбут аст. Дар шароити муосир асоснок намудани механизми ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таълим махсусан муҳим аст. Муҳимияти ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони ҷавон имрӯз пеш аз ҳама бо тағйироти куллии ҷомеаи мо дар тамоми сатҳҳо муайян мегардад, ки азнавсозии тафаккурро талаб мекунад. Агар ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷамъиятӣ талаботи исроркоронаи такмили ҷомеа бошад, пас нисбати ҷавонон ва дар маҷмӯъ ба хонандагон аҳамияти бағоят муҳим дорад.

**Дараҷаи коркарди мавзӯи таҳқиқот.** Дар адабиёти фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ ва методӣ мушкилоти ҷаҳонбинӣ аз рӯи самтҳои гуногун

аз ҷумла, дар заминаи таърихӣ-фалсафии пайдоиш, рушд ва барқароршавии мафҳуми мазкур дар давраҳои гуногуни таърихӣ-фалсафаи атиқа (Фалес, Пифагор, Платон, Афлотун ва ғайра), дар фалсафаи Аврупои қарнҳои XVIII-XIX (Гегел, Кант, К.Маркс, Ф.Энгелс ва ғайра), дар андешаҳои фалсафаи руси охири қарни XIX ва ибтидои асри XX (В.Т.Белинский, Н.А.Добролюбов, В.С.Соловев, А.С.Хомяков ва дигарон), тасаввуроти муосири фалсафӣ дар бораи ҷаҳонбинӣ чун мафҳуми байниилмӣ, сохтору қисматҳои асосии он (П.В.Алексеев, А.А.Радугин, А.Г.Спиркин ва П.П.Федесееву дигарон), динамикаи огаҳӣ аз ҷаҳонбинӣ дар педагогикаи ватаниву таълим аз мавқеи муносибати парадигмалӣ (Т.Ф.Карпова), роҳ ва воситаву шарти ташаккули ҷаҳонбинӣ (Щукина Г.И., Моносзон Э.И., Скатин М.Н., Лихачев Б.Т., Сисоенко И.В., Бондаревская Е.В., Котова И.Б. ва ғайраҳо), ғояи байнипредметӣ (интегратсия) дар давраҳои гуногуни рушди педагогика, муносибат ба ташаккули ҷаҳонбинӣ тавассути якҷоя сохтани предметҳо (П.Г.Кулагин, В.Н.Максимова, И.Д.Зверев, Л.Я.Зорина, А.Е.Данилюк ва дигарон) баррасӣ шудаанд.

Тағйироти бавуқуъпайвандаи баъди замони шӯравии рушди давлатдории мо олимону муҳаққиқони ин масъаларо маҷбур сохт ба як қатор ҳолатҳои махсус, ки бо мурури замон арзи ҳастӣ кардаанд–субъектнокии иҷтимоии ҷавонон, статуси иҷтимоӣ-сиёсӣ, ҷаҳонбинии ҷавонон, хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ, равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ байни ҷавонон эътибор диҳанд. Эътибор ба ин масъала фаҳмиши масъалаи ташаккули иҷтимоӣ-фалсафӣ ва психологӣ-педагогии дарки ташаккули ҷаҳонибинии ҷавононро ба сатҳи нав баровард. Аз нуқтаи назари муҳаққиқ С.Т.Спасибенко ин гуна муносибатҳо чун иҷтимоӣ-психологӣ (И.С.Кон, С.Н.Иконникова, В.Т.Лисовский ва дигарон), сохторӣ-функсионалӣ (И.М.Слепенков, В.Н.Щубкин ва дигарон), култорологӣ (А.И.Шендрик, С.Н.Иконникова, И.М.Илинский ва дигарон) дар алоҳидаги қарор доранд. Мо ин гуна муносибатро пурра ба таснифоти (классификация) мазкур тақсим мекунем.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои рушди ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас, баланд бардоштани сифати маърифатноксозӣ, омӯзиш ва азхудкунии технологияҳои муосири педагогӣ дар фазои маорифи кишвар, истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва идоракунии ҷараёни тадрис саҳми басо назаррасро олимони ватанӣ ва мутахассисони илми педагогика ба монанди М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, К.Б.Қодирова, Ш.А.Шаропов, Б.Маҷидова, А.М.Миралиев, Х.М.Сабурӣ, Н.Н.Шоҳиён, О.А.Исломов, М.А.Абдуллоева, А.А.Азизов, Ф.Гулшодов, М.М.Ишатова, С.Холназаров, Ф.Ф.Шарипов, А.Р.Мирзоев, М.Р.Юлдошева, Н.М.Юнусова ва дигарон гузоштаанд.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои психологию педагогии мавҷуда нишон медиҳад, ки бисёре аз муҳаққиқон муносибатҳои гуногун ва ҷанбаҳои алоҳидаи ташкили раванди таълим ва тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро баррасӣ кардаанд. Аммо, корҳои илмӣ дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни тадрис бо мақсади рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон нокифоя аст.

Дар натиҷаи таҳқиқот аз тарафи мо **ихтилофоти** воқеан мавҷудаи байни талаботи сохтори муосири маориф дар таълими технологияҳои инноватсионӣ ва мавҷуд набудани шароитҳои педагогии истифодаи технологияи инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон; талаботи омӯзгорони соҳибтаҷриба нисбати технологияи педагогиву маводҳои методӣ барои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим бо мақсади рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон ошкор карда шуд.

Ҳалли ин **ихтилофот** масъаларо оид ба зарурати таҳқиқи шароитҳои педагогӣ дар истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим баҳри рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян сохт.

Ин ҳолат ба интихоби таҳқиқи мавзӯи «Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кард.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), ва мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи “Таҳсилоти муосир ва технологияҳои педагогии инноватсионии таълим” ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ РИСОЛА

**Ҳадафи таҳқиқот**–асосноксозии назариявӣ ва таъмини методии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** – фаъолияти таълиму тадрис дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Предмети таҳқиқот** –шартҳои педагогӣ ва раванди истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии мактаббачагони хурдсол.

**Фарзияи таҳқиқот** –аз он иборат аст, ки истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим самаранокии ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо боваринокии том ва аниқ таъмин месозад, **агар**:

–шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълими ташаккулдиҳандаи ҷаҳони илмии хонанда таҳия шуда бошад;

–маҳак ва нишондиҳандаҳо барои ташаккулдиҳӣ муайян ва ҳамзамон асосноку дар раванди таълим ба таври мунтазам истифода шаванд;

–модулу шакл ва усулҳову воситаҳо барои ташаккули ҷаҳонбинии хонанда таҳия шуда бошанд;

–коркард, таҳлил, ташхис, тасвир ва тавсифи натиҷаҳои корҳои таҷрибавию санҷишӣ ба методологияи муосири таҳқиқоти педагогӣ такя кунанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

–ошкор намудани шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;

–коркард ва тариқи таҷриба санҷидани амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;

–таҳия ва коркарди таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;

–озмоиши санҷишӣ ва таҷрибавии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон.

**Ғояи пешбар** дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар фаъолияти таълиму тадриси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим маҳсуб мешавад.

**Асоси методологии таҳқиқот** вазъи фалсафии пайваст ва вобастагии зуҳуроти педагогӣ, мантиқи диалектикӣ дар бораи омӯзиши мушкилоти ҳаракат, муносибатҳои шахсӣ, гносеологӣ, стохастикӣ, ҳамчунин, назарияи шахсият, корҳои фундаменталӣ дар ҷодаи модуликунонии зуҳуроти педагогӣ мебошад.

**Методҳои таҳқиқот.** Барои иҷрои вазифаҳои дар пешгузошташуда, санҷиши фарзия, расидан ба ҳадафи таҳқиқ усулҳои зерин ва муносибатҳо интихобу истифода шуданд:

назариявӣ: ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмиву таҳқиқотӣ, методиву иттилоотии бевосита бо мавзӯи таҳқиқот вобаста ва бо

қисматҳои алоҳидаи он; омӯзиш ва баррасии таҷрибаи олимони ватаниву хориҷӣ ва муҳаққиқони ба мавзӯи таҳқиқот алоқаманд.

таҷрибавӣ: ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва батартибдарории натиҷаҳои таҷриба; коркарди математикӣ ва омории натиҷаи таҷриба тавассути усулҳои маъмулу самаранок; таҳлили муқоисавӣ ва диагностикаи натиҷаҳои ҳосил мешуда ва дар заминаи онҳо таҳияи хулосаҳои зарурӣ.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот:** ҳуҷҷатҳои расмии маълумоти оливу миёнаро батанзимдароранда; асарҳои муаррихон, файласуфон, сотсиологҳо, рӯҳшиносон (психолог), олимони мутахассиси соҳаи маориф, стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаҳои таълимӣ, адабиёт, аёниятҳои таълими педагогика, таърихи педагогика, таҷрибаи педагогӣ ва таҳқиқотии муаллиф.

**Марҳалаҳои асосии таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се давраи ба ҳамдигар вобаста иборат аст, кадоме, ки ҳар яки он дорои ҳадафи муайян ва вазифаҳост.

Давраи якум (2015–2016) –давраи ҷустуҷӯ ва омӯзиш, ба ҷамъоварию таҳлили сарчашмаҳои илмӣ-методӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба мавзӯи таҳқиқот марбут нигаронидашуда. Дар асоси гуруҳбандӣ ва батартибдарории маълумот ҳадаф, вазифа, макон, предмет, фарзия ва самти таҳқиқот муайян карда шуд. Асосҳои назариявӣ, методологӣ ва воситаҳои баҳодиҳии натиҷаҳои таҳқиқот омӯхта шуданд.

Давраи дуюм (2016–2018) – аз омӯзиши масъалаҳои назариявии таҳқиқот, омӯзиши амиқи як қатор масъалаҳо ба монанди гуногунии муносибатҳои илмӣ ва консепсияи таҳқиқотӣ оид ба муайянсозии мафҳуми «ҷаҳонбинии илмӣ», истифодаи усули тестикунонӣ дар раванди баҳодиҳӣ ба дастовардҳои таълиму тарбияи хонандагон, шаклҳои марказонидашуда ва васеи анкетагузаронӣ, гузаронидани тест, таҳия ва чопи мақолаҳои илмӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқот иборат буд.

Давраи сеюм (2019–2021) –усулҳои математикӣ ва оморӣ барои баҳогузории натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-санҷишӣ интихоб ва натиҷаҳои дар

раванди фаъолияти таҷрибагузаронӣ таҳлилу фарзияи кориву вазифаҳо аниқ карда шуданд. Муҳимтарин ҳолатҳо ва хулосаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ташаккул ёфта, рисолаи илмӣ ба шакл даромад.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шакли инноватсионии №№ 1 ва 4-и шаҳри Панҷакент, вилояти Суғд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, филиали ҷумҳуриявии донишкадаи такмилу баландбардории тахассуси кормандони маориф, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст:

–амсилаи педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва коркард шудааст;

–шартҳои педагогии истифодаи технологияи инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд;

–меъёрҳову сатҳи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим таҳия шуданд;

–шаклу усулҳои асосӣ ва воситаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Натиҷаҳои баъди таҳқиқоти мазкур ба даст омада дар ҷанбаи назариявии таълиму тарбияи хонандагон саҳми муайян мегузоранд, кадоме, ки ба рушди характери шахсияти хонанда нигаронида шудааст, мафҳумҳои асосии «ҷаҳонбинии илмӣ» ва принсипи сохтори ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагонро пурра месозад. Сохтори ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самаранокии кор оид ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки:

–маводҳои дидактикӣ дар шакли адабиёти электронӣ, модули ҷадвалии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон омода карда шудааст;

–дастурҳои методӣ оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар раванди таълим таҳия шудаанд;

–натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ-методӣ аз рӯи мавзӯи марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим истифода шаванд.

**Саҳми шахсии муаллиф:** иштироки бевоситааш дар тамоми давраҳои таҳқиқот, банақшагирӣ, интихобу асосноккунии мавзӯъ, таҳияи сохтори рисола, муайян сохтани ҳадаф, вазифа, объекту предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва батартибдарории натиҷаҳои таҷриба, чун базаи таҷрибаи маълумот ва коркарди он, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти таҷриба, омода ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда ва навиштани рисола аст.

**Муҳтавои асосии таҳқиқот барои ҳимоя** муқаррароти зеринро фаро мегирад:

1. Маҷмӯънокӣ ва бисёрҷабҳагии мафҳуми «ҷаҳонбинии илмӣ», такмили муайянсозӣ, ки ҳисоби муайяни тавсифи раванди таълиму тарбияи бисёралоқаманду ҷудонашаванда талабро дорад.

2. Амсилаи педагогии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим чун яке аз усулҳои самараноки ташаккули шахсият, кадоме, ки чун усули мустақили илми педагогика дар баландбардории сифати таълиму тарбия, мақоми муҳимро ишғол мекунад.

3. Шартҳои педагогӣ, таъмини методиву натиҷаҳои азхудкунии технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон базаи самаранокро барои таҳқиқоти минбаъда нисбатан боз ҳам васеътар омӯхтани масъалаи мазкур фароҳам меорад.

**Муътамадӣ ва асоснокии натиҷаҳои илмӣ** бо таҳлилҳои методологии масъалаи таҳқиқшаванда, истифодаи сохтори усул, ки мутобиқи вазифаҳои таҳқиқот аст, предмети он, ваколатнокии интихоби объекти таҷриба, баҳодиҳии мунтазами натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни гузаронидани таҷриба бо таҳлили теъдодиву сифатии он ва истифодаи усулҳои илмӣ, тасдиқи фарзияҳои таҷриба, таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи таълими фанҳо, ки ба раванди коркарди маълумотҳо нигаронида шудааст, таъмин гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия, ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърӯзаву муаррифиҳо дар конференсияҳои сатҳашон ҷумҳуриявӣ ва байналхалқии назариявӣ ва амалии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент, МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» пешниҳод гардиданд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳое, ки дар ш. Душанбе, ш.Хуҷанд, ш. Панҷакент баргузор шуданд, ироа гардидаанд..

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайдгирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад: банди 1 – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), банди 6 – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои

арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Сохтор ва ҳаҷми рисола.** Рисола аз пешгуфтор, ду боб, хулосаҳои умумӣ ва дастурҳо, ҳамчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар рӯйхати адабиёт номгӯйи 190 сарчашмаи истифодашуда бо забонҳои тоҷикию русӣ оварда шудааст. Мӯҳтавои рисола дар 168 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР РУШДИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 1.1. Моҳият ва муҳтавои технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Барномаи рушди маориф ва потенсиали интеллектуалии захираҳои инсонӣ чун меъёри сатҳи рушди ҷамъиятӣ, иқтидори иқтисодиву амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир вусъати тозаро соҳиб гардид. Дар сохтори муосири маорифи мамлакат омили асосии самаранокӣ технологияи инноватсионӣ маҳсуб мешавад. Технологияи инноватсиониро чун раванди махсуси ташкили фаъолияти маърифатноксозӣ бо маҳсули дониши воқеию сохторӣ-ташкилӣ ва асоснокшуда дар бораи ҷаҳон муайян месозем.

Аз рӯи ақидаи педагогхо ва рӯҳшиносон М.В.Кларина [68] ва В.В.Гузеева [40] нишонаҳои асосии технологияҳои инноватсионии таълим предметнокӣ ва воқеиятнокӣ, ташкил бо тартиби раванди таълимӣ-маърифатӣ маҳсуб мешавад. Агар истилоҳи «технология»-ро тавзеҳ диҳем, пас он чун раванди батартибдарории сохтори таълими оптимиалӣ ва балоиҳадарории равандҳои таълим меънидод мешавад [7.1.].

Технология, аз рӯи ақидаи В.А.Сластенина ва Л.С.Подимова раванди педагогӣ оид ба лоиҳадарорӣ, ташкил ва гузаронидани раванди таълим бо таъмини шароитҳои мусоид барои омӯзгору хонанда аст [144].

Муносибати технологӣ 3 давраи рушдро паси сар кардааст:

–давраи эмпирикии рушд– усули таҳқиқот бо овардани воқеият бе хулоса ва ҷамъбасти назариявӣ мебошад;

–давраи алгоритмии рушд–ҳамаҷониба ба лоиҳагирии алгоритмҳои муайяншудаи фаъолияти омӯзгорону хонандагон, ки қонуниятнокии объективии зуҳуроти табиат ва ҷомеаро эътироф мекунад;

–давраи рушди стохастикӣ-балоиҳадарорӣ ва мувофиқкунонии (оптимизация) алгоритмҳои эҳтимолии идоракунӣ дар ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатноксозии хонандагон. Ба он технологияи насли худӣ мувофиқат мекунад.

Истилоҳи «технологияи инноватсионӣ» мафҳуми васеъ чун «технология» дар соҳаи маориф аст. Мо таҳқиқи технологияи раванди таълимро салоҳ донистем.

Инноватсия–истилоҳест, ки нахустин объекту меъёр ва арзишҳою парадигмаҳои аз дигар ҷодаҳои илму фарҳанг пайдошуда ё иқтибосшударо мефаҳмонад. [71].

Ҳамин тариқ, технологияи инноватсионӣ дар таҳқиқоти мо чун раванди воридсозии воситаҳои нави таълим ба фаъолияти маърифатноксозӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати дониши хонандагон муайян карда мешавад.

Ю.К.Бабанский [15], М.В.Кларин [68] дар бораи назарияи муосири тартиби раванди таълим изҳори ақида намуда, онро оморӣ меноманд (коркард ва омӯзиши нишондиҳандаҳои теъдодии рушд барои хулосаҳои илмиву амалӣ). Иловатан ҳама гуна сохтори дарс,ки аз элементҳои зиёд, иборат аст, балки бинобар номуайянии принсипиалии пешбурди ҳар элемент дар алоҳидагӣ мебошад.

Бинобар он натиҷаи таъсири берунаро якранг пешгӯӣ кардан номумкин буда, ҳолати эҳтимолии тартиби раванди таълим танҳо дар шакли спектори эҳтимолият муқаррар шудааст. Танҳо як (ё якчанд) аз ин ҳолатҳо ба самти зарурии раванди технологӣ мувофиқат мекунанду халос. Аммо ин барои балоиҳагирии механизмҳои эҳтимолияти технологияи раванди таълим басанда аст. Дар ҳолати риоя шудани тартиботи зарурӣ сохтори назариявии раванди таълим имкон медиҳад, эҳтимолияти гирифтани натиҷаи банақшагирифташударо ҳисоб кунад.

Метавон андешаҳои Т.С.Назарова [112] ва А.Г.Границкойро [38] овард, ки ба фикри онҳо ба шарофати технологияи баланди муосир

микропротсессорҳо тайёр карда мешаванд. Онҳо бо модулҳои назариявии техникӣ асоснок карда шудаанд.

Эҳтимолияти муваффақияташон бошад, ҳамагӣ 3 фоиз аст. Вақтҳои охир назарияи омории зуҳурот ва раванди бо мавҷудияти номуайяниҳо асосёфта, ҳолати маконро тавсиф намуда, ба таркиби сохтори омӯхташаванда ворид месозад. Ин гуна назарияҳоро назарияи эҳтимолият (назарияи стохастикӣ) меномидагӣ шуданд.

Стохастика калимаи юнонӣ буда, маънояш «соҳибмаҳорат дар дарёфт» буда, чун тавсифи раванд ё ҳама гуна пайдарҳамии воқеаҳо муайян арзёбӣ мегардад, кадоме, ки бо истифодаи назарияи эҳтимолият тавсиф шуда метавонанд [68].

Дар илми педагогика назарияи эҳтимолият имкон медиҳад қонуниятҳои воқеиро дар зуҳуроти тасодуфӣ дарёфт намояд, ки дорои характери оморӣ мебошанд.

Характери зуҳуроти эҳтимолӣ ва воқеаҳо хусусияти воқеияти он мебошад, на ин ки натиҷаи мушоҳидаҳои мо аз болои онҳо.

Модули назариявии дар заминаи бунёди онҳо асосёфта аз модулҳои динамикӣ ба таври принсипнокӣ фарқ мекунад. Бинобар он дар бораи ивази модули назариявии балоиҳагирӣ ва таҳияи парадигмаи стохастикӣ ҳарф задан мумкин аст, кадоме ки ба моделикунонии эҳтимолии зуҳуроти муҳити иҳотакунанда афзалият медиҳад.

Технологияҳои дар заминаи балоиҳагирии эҳтимолӣ асосёфтаро беҳтар аст, ки стохастикӣ (ё инноватсионӣ) номида шавад [68,69].

В.В.Гузеев [40] асосҳои консептуалии дар назарияи таълим афзалиятдоштаро ба се парадигмаҳои педагогӣ тақсим мекунад. Онҳо пайдарҳам ба вуҷуд омада, ҳар навбатиашон дар дохили қаблӣ бе таъзиқоварӣ ба якдигар мавҷудиятро идома медиҳанд ва рушд меёбанд.

1. Парадигмаи эмпирикӣ

В.А.Якунин [190], В.Оконь [120] муносибати анъанавии методикии шахсиро чун тасвири номуайяни ҳадафи таълим кадоме, ки чун талаботи

барнома ифода ёфта, дар ҳолати тасаввуроти хира оид ба вазъи таълимгирандагон, ки дар мафҳуми «пешрафт» корбаст шудааст, тавсиф мекунанд.

Раванди педагогӣ дар асоси ҷамъбаст, кушодан ва таҳкими таҷрибаи омӯзгорони нисбатан муваффақ, ки дар мавқеи прогрессивии педагогикаи муосир қарор доранду таҷрибаю илмро бо хулосаҳои нав ва низомномаҳо бой мегардонанд, таркиб меёбад. Барои ҳар гуна ҳолати аниқ намунаи фаъолияти педагогии омӯзгори муваффақ дарёфт ва ин намуна қотеъона ба дигар омӯзгорон тавсия карда мешавад. Методистҳо таҷрибаи кофии педагогиро ба даст овардаанд. Истифодаи таҷрибаи бегона пешрафти сифатноку теъдодиро кафолат намедиҳад. Бинобар он пешгӯии рушди сохтор муҳим аст, то ки сари вақт равандро аз хатоl огоҳ карда шавад. Бо ин сабаб элементи асосии муносибати методикаи шахсӣ пешгӯӣ мебошад, ки барои ин иттилооти алоқаи бозгашт зарур аст. Зеро пешгӯӣ яке аз намудҳои фаъолияти таълим аст, кадоме, ки аз рӯи гуфти С.Л.Рубинштейн [135] бо тавсифи «маҳсулоти асосӣ» ва ҳадафи он муайян карда мешавад. Дониш, маҳорат ва малака «маҳсулоти асосӣ»-и фаъолияти маърифатноксозӣ ва пешгӯиро ташкил медиҳад. Ҳадаф бошад, гирифтани маълумот дар бораи муносибати схоластикӣ:

–азёд кунонидан;

–замимаи механикӣ дар таҷриба;

–ҷавобҳои якхелаи хонандагон дар дарсҳо мебошад.

Озмоиш ва хатогӣ хислати хоси муносибати методикаи хусусӣ аст. Таҷрибаи ҷамъшуда имкон медиҳад, хатогиҳои техникиро барои омӯзгорони «муваффақ» муайян карда шавад, ки барои амалҳои минбаъдаи нисбатан ё камтар қатъӣ ҷоришуда аҳамияти умумӣ дорад.

В.И.Загвязинский [53] ва Б.С.Гершунский [35] хислатҳои хоси методикаи шахсиро муайян карда, таҷрибаи ҷамъшудаи омӯзгорони «муваффақ»-ро гурӯҳбандӣ кардаанд. Ин таҷриба ба андешаи онҳо асосан

таркиби технологӣ ва ҳатто технологияи маҷмӯии дохили муносибати методикаи хусусист.

Ин технологияҳоро технологияи таълим дар ҳалли масъалаҳои маҳдудҳал номидан мақсаднок мебуд.

Технологияҳои «самаранок» - и таълим чун усули ташкили сохтории фаъолияти хонандагону омӯзгорон дар доираи сохтори иҷтимоӣ-фарҳангии маърифатӣ метавонанд бо таҷҳизоти махсусонидаи таълим асос ёбанд. Омили муҳим дар заминаи истифодаи таҷҳизоти таълим инҳо буданд:

–пурра қабул накардани технология;

–технология чун алгоритми иҷрои фаъолияти муайяни педагогӣ (чун раванд);

–назарияи маърифат (муҳтавои он ба инобат гирифта намешуд);

–технологияи педагогӣ чун микросохтор бо мақсади ноил шудан ба ЗУН-и хонандагон.

Таҷҳизоти таълимӣ бо муҳтавою усул ва шаклҳо, ҳамчунин, бо муҳити иттилоотӣ-предметии таълим сахт алоқаманд аст, ки дар он воситаҳои моддии таълим алоқаи муайяни онро ташкил медиҳанд.

Саҳми муайянро дар илми педагогика Ш.А.Амонашвили [19] гузоштааст. Технологияи инсондӯстӣ-шахсиаш дар таҷрибаи мактабӣ асоснок ва санҷида шудааст. Дар ин технология шарту муҳтаво ва принсипҳои кор бо бачагони 6-сола кушода дода шудааст, ки ба барқароршавии ҳавасмандии аҳамияти иҷтимоӣ доштаи хонанда мусоидат мекунад. Аз ҷониби ӯ ҳадафи ҷалби бачагони 6-сола ба ҳаёти мактабӣ, фарқияти бачагони 6-сола аз 7-сола, имкониятҳои онҳо, сарчашмаҳои зиддиятҳо дар тарбия, муносибат ба хонанда ва характери таълим муайян карда шудааст.

Технологияи С.Н.Лысенкова [98] дар оянда пешдаст шудани таълим бо истифодаи нақшаи такягоҳӣ шарҳу тавзеҳ додан маҳсуб мешавад. Ӯ тартиби идоракунии таълими мактаббачагони хурдсолро таҳия кардааст, ки ба ҳар кӯдак хурсандӣ аз муваффақиятро дар хониш тақдим мекунад. Дар ин рафтор

ин тартиб бачагонро бо усулҳои таълим, фаъолияти маърифатнокии худ танзимшаванда мусаллаҳ мегардонад.

Ба предмети хусусии технологияи педагогӣ метавон технологияи такмили маҳорати умумитаълимии В.Н.Зайтсевро [55] ворид сохт.

Барои ноил шудан ба мақсади дар пешгузошта ӯ ин гунна элементҳои технологиро истифода бурд: машқ, тренингҳое, ки ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид мекунад: омода сохтани бачагон ба рушди забон, хониши оптималӣ, вусъат бахшидани суръат, баланд бардоштани дониши имло, такмили малакаи муайянсозӣ, нигоҳдории маҳорати таълимӣ дар давраи таътил.

Ин алоқамандӣ идома дорад, аммо, бисёр олимону омузгорони соҳибтаҷриба (В.В.Гузеев[40], Т.Т.Галиев [32]) дар таълим нуқтаи назарро, ки замонаи истифодаи методикаи шахсӣ гузаштааcту ягон таҷрибаи беҳтарин педагогҳо имкон намедиҳад, таълими самараноку кафолатноку мақсаднокро, ки ба рушди фарҳанги интеллектуалии хонанда таъсир расонад, мақсаднок ба роҳ монда шавад.

И.Ф.Свадковский [139] мепиндошт, ки ягон «методикаи шахсӣ» дар педагогика буданаш мумкин нест. Ин ифода сафсаттаро мемонад, зеро методикаи таълим ягона буда, қонуни он ба ҳама гуна омӯзгор ҳатмист.

Ҳар омӯзгор дар методикаи таълим муносибати прагматикиро истифода мебарад, ки ба таври механикӣ истифода шудани он ва дониши илмиро дар методикаи таълим замима месозад. Дар ин радиф қонунҳои зерини таълим риоя намешаванд:

–саводнокӣ;

–пайдарҳамӣ;

–пуррагӣ (таълиму тарбия, рушд).

Парадигмаи эмпирикии таълим дар ташкили раванди тадрис камбудиҳои худро дорад, ки аз инҳо иборатанд:

–дар фаъолияти омӯзгорӣ муносибати синонимикӣ вуҷуд дорад, аниқтараш, таълим ба як самт равона мешавад (такрори ҳамон як амал);

–дар муҳити шахсии педагогика эҳсосият ба назар мерасад, ки омӯзгорро аз таълими асосӣ дур месозад;

–усули вербалӣ ба назар мерасад (суҳбат, тасвир, мушоҳида, фаҳмонидану тавзеҳ додан);

–маводҳои дидактикии ба мавзӯи дарс мувофиқатнакунанда истифода мешавад;

–таносуби фаъолияти омӯзгору хонанда ба ҳам мувофиқ намеоянд, фаъолияти хонандагон ба «сифр» наздик аст;

–дар парадигмаи эмпирикӣ таълим характери амалии беасоси илмиро касб мекунад;

–педагогҳои соҳибтаҷриба аксар дониста назоратчиёнро рад мекунад, зеро онҳо дарк намекунанд, ки чӣ тавр ғояашон дар амалия истифода шуданаш мумкин аст. Онҳо чунин меҳисобанд, ки ҳамаи ин назарияҳо масъалаҳои аниқи ҳамарӯза дар кор дучор меомадаро ҳал карда наметавонанд.

Дар замони имрӯзи рушди ҷомеа функсияҳои асосии дониши илмӣ ва маҳорати амалӣ аз рӯи ҳадаф ва характери зоҳиршавӣ ба ҳам мувофиқ намеоянд. Зеро, замина барои пурзӯрсозии мақсадноки таъсири байниҳамдигарии онҳо гузошта намешавад. Ин имкон медод аз як тараф рушди илм самаранок карда шавад, аз ҷониби дигар сифати кори таълиму тарбия баланд бардошта, ба таври фаврӣ ба рушди интеллектуалии фарҳанги хонанда мусоидат карда шавад.

Раванди таълим, ки дар он вазифаи омӯзгор аз хабардорсозии дониши тайёру вазифаи хонанда, қабули он, фаҳмиш, ба хотир гирифтан ва нақл карда тавонистани дониши гирифтааш иборат аст, дар ниҳоди хонанда фаъолияти маърифатнокшавиро ташаккул диҳад ҳам, аммо фарҳанги интеллектуалии ӯро рушд намедиҳад.

Олим-педагог Э.В.Иленков хавотирии худро аз хатари коҳиш ёфтани зеҳни хонандагон чунин изҳор медорад: «Маъюб шудани узви тафаккур назар ба ҳама гуна дигар узви тани инсон осон буда, шифо бахшиданаш

душвор аст. Баъдтар бошад, батамом номумкин мегардад. Ва яке аз усули «боваринок» - и вайрон кардани мағзи сару интеллект ба таври рӯякӣ аз ёд кунонидани дониш аст. Маҳз ба ҳамин усул одамон «бефаҳм» мешаванд. Аниқтараш, одамони қобилияти муҳокимарониашон артофирикӣ мегардад. Ҳиччакунии беохиру такроркунанда мағзи сар ва зеҳнро вайрон мекунад».

Муаллиф ин ҳолатро бо он тавзеҳ медиҳад, ки ҳақиқати мутлақро хонанда қабул карда наметавонад, андешарониро талқин намекунад ва ин ҳолат барои мағзи сар роҳи оҳанро барои поезд мемонад. Мағзи сар ба мағзшӯӣ бо дигар мағзҳои сар одат мекунад. Ба ин нигоҳ накарда, парадигмаи эмпирикӣ ҳангоми фаъолияти маърифатнокшавӣ ҷойи худро хоҳад дошт, зеро, нақлу ба хотир гирифтани маводи таълимӣ таркиби зарурии раванди таълим маҳсуб меёбад.

Гуфтаҳои болоиро ҷамъбаст намуда, мо ба хулосаи зерин омадем: дар парадигмаи эмпирикӣ мафҳуми технология бо амалиёти кӯҳна муттаҳид мегардад, кадоме, ки бо таъсири механикӣ ба иҷро мерасанд. Дар ин парадигма оиди рушди дониш, фарҳанги интеллектуалӣ, дар бораи ба таври васеъ огаҳ будани хонандаву омӯзгор сухан намеравад.

Парадигмаи алгоритмӣ

Консепсияе, ки дар заминаи бунёди теъдоди зиёди технологияи алгоритмӣ бунёд ёфтааст (технологияи пурра азхудкунӣ, технологияи таълими модулӣ, технологияи сиклҳои таълим) аз тарафи олим П.Я.Галгерин таҳия шудааст.

Мутобиқ ба парадигмаи мазкур мактаби анъанавӣ дар хонандагон муносибати алгоритмиро ба қабул ва шинохти ҷаҳон ташаккул медод ва дода истодааст. Тафаккури алгоритмӣ-мантиқи минбаъдаи қонунӣ ба категорияҳои ниҳоӣ (ё комилан дуруст, ё комилан нодуруст) аст. Омӯзгор ва ҳам хонанда ҳақиқатро дар намуди тайёру ҷамъбастиаш эътироф мекунанд. Онҳо муносибати беалтернативиро бо тамоми оне, ки атрофро фаро гирифтааст, намоиш медиҳанд. Ин тулӯи алгоритмӣ аз як зинаи маърифатшуда ба зинаи оянда аст. Он чӣ омӯзгор аз номи барномаи таълим

ва адабиёт мегӯяд, ба сифати ҳақиқати ягона ва ниҳоӣ баррасӣ мегардад. Бачагон маводи таълимиро аз худ мекунанд ва дар хотир нигоҳ медоранд, масалан, бо кӯмаки нуқтаҳои такягоҳии В.Ф.Шаталова [172].

Азёдкунонии маҷбурӣ аз рӯи амалҳои муайян самараи дуруст намедиҳад, балки бачагонро хаста мекунад. Дар сурати амалҳои омехтаи дарсдиҳӣ мушкилоти мувофиқат накардани тадриси маводи таълим бо сатҳи қабули ин мавод аз ҷониби бачагони гуногун ба миён меояд, ки аз рӯи рушди фарҳанги интеллектуалӣ фарқ мекунад. Хонандагон дар баробари ин вазифаи додашударо аз рӯи алгоритм иҷро мекунанд, аммо таҳлил карда наметавонанд, мустақилона усули ҳалли ин ё он вазифаҳоро дарёфт карда наметавонанд [181].

Ҳангоми истифодаи парадигмаи алгоритмӣ зуҳуроти зерини манфӣ ошкор шуда буд:

–тартибот аз рӯи алгоритмҳои дурушт муайянкарда тавлид мешавад, ки дар амалия ба сохтори манъкунӣ табдил меёбад. Ва ин сохторҳоро бояд эҳтиром карду фаҳмид;

–алгоритмҳои дурушт муайяншуда инъикоси алоқаҳои ҳаммаънои сабабӣ-паёмадӣ мебошанд, ки онро чун фундаменталиву ибтидоӣ баррасӣ бояд кард.

Табиат алтернативаро намеписандад:

–сохторҳои сарбаста беҳтар аст, ки онҳо аз таъсирҳои ногаҳонии муҳит ҳифз мекунанд;

-сохторҳоро доимо ва қотеъона бояд идора кард, дар акси ҳол тартибот вайрон ва бесарсусмонӣ ба вуҷуд меояд.

Аз рӯи гуфти Ю.Б.Бабанский ба кудакон муҳокима кардани воқеият, тахмин намудан, пешниҳод кардани фарзия, тафсир, кӯшиши ҷамъбаст карданро омӯхтан зарур аст. Муҳокимаи воқеият дар зинаи аввал асосан дар сатҳи тасаввуроти образнок бояд кушода дода шавад. Воқеаҳоро набояд ба таври пароканда пешниҳод кард, зеро, кӯдак намефаҳмад, ки ин чиз барояш чӣ даркор? Аммо, воқеаҳо агар дар ҳамбастагӣ дар манзараи умумӣ бо ягон

фарзияҳо ва хулосакуниҳо баррасӣ шавад, дар ин ҳолат кӯдак ба омӯзиши онҳо шавқ пайдо мекунад. Он вақт вай метавонад бе ягон мушкилӣ ҳаҷми муайяни маводи воқеиро азхуд намуда, дар баробари ин интеллекти худро вусъат бахшад.

Дар парадигмаи алгоритмӣ боз як лаҳзаи муҳимро бояд қайд кард. Дар машғулиятҳо омӯзгор ба кӯдакон ягон намуд дониш дода, аммо аз онҳо барои худ чизе (агар аксуламали эҳсосиро ба инобат нагирем) намегирад. Дар парадигмаи нав (стохастикӣ) омӯзгор ба рушди фарҳанги интеллектуалии хонандагон кор карда, ҳамзамон, дар раванди ҳамкории якҷоя худаш пеш меравад. Омӯзгор дар дарс фарзияҳои аҷиб, иттилооти ғайричашмдошт, тахминҳои нетривалиро интизор мешавад, кадоме, ки хонандагон мумкин аст пешниҳод кунанд. Фаъолияти сермаҳсул дар парадигмаи стохастикӣ на танҳо барои хонандагон, балки барои худи омӯзгорон низ афзалият дорад. Ба парадигмаи алгоритмӣ метавон барномасозии таълимро ворид сохт. Таҳқиқоти Б.Ф.Скиннерро [142] метавон «идоракунии рафтор» номид. Ин рафтори мутлақ набуда, он рафторест, ки аз сикли таълими барномасозишуда бармеояд.

Сикли таълими барномасозишуда аз 4 элемент иборат аст:

–ҳиссаи иттилоот;

–вазифаи санҷишӣ барои назорати азхудкунии ҳар ҳиссаи иттилоот;

–ҷавоб ба худназорат аз болои дурустии санҷиши вазифаи санҷишӣ;

–маълумот дар бораи фаъолияти минбаъда, кадоме, ки аз дурустии иҷрои вазифа вобаста аст. Дар ҳолати дуруст иҷро кардани вазифа хонандагон ба азхудкунии қисмати навбатии иттилоот мегузаранд.

Дар амалиёткунонӣ таҳлили қатъӣ аз рӯи алгоритми банақшагирифташуда муҳим маҳсуб мешавад. Аҳамияти ҳама гуна мафҳум тавассути тасвири амалиёти вақти ташаккулдиҳӣ истифодашаванда, истеъмол ва санҷиши ин мафҳуми муайян карда мешавад. Агар мафҳум бо амалиётҳо алоқаманд набошад, пас он беҳуда аст. Агар муайянсозӣ тавассути

бо ҳамон амалиёти ба ҷо овардашаванда ба даст омада бошад, он вақт натиҷа танҳо ба мушоҳидаи эмпирикӣ ё ченак дастрас аст.

Нақши амалиёт муболиға ва мутлақ гардонида шудааст. Амалиётҳо «таҷҳизотӣ» ва афкорӣ мебошад. Мисол амалиёти «коғазу қалам» ва «вербалӣ» (даҳонӣ, шифоӣ). Ба шарофати муайянсозии аҳамияти ҳама гуна мафҳум тавассути тасвири амал ва ҷудо кардани аксуламали оперантӣ (оперантной) чун воҳиди ягонаи раванди омӯзонидан, таълими барномасозишударо метавон бо ёрии мошинаҳои таълимдиҳанда ба роҳ монд. Бо ёрии ин мошинҳо иттилоот коркард ва интиқоли он аз рӯи як фармон амалӣ мешавад. Б.Ф.Скиннер бо таълими барномасозишуда, ки чун дониш предметӣ ва малака фаҳмида мешавад, маҳдуд нашудааст [142]. Дар назарияи ӯ сабабу эътиқод ва арзишҳо чун сохтори амал, ки ташаккули онҳоро бо ёрии таҳкими мусбию манфӣ барномасозӣ кардан мумкин аст, тасаввур карда мешавад, кадоме, ки такрор ва вобастакунии усулҳои рафтори заруриро таъмин мекунад.

Дар парадигмаи стохастикӣ усулҳои истифодаи компютер дар раванди таълим услуби амали якҷояро қотеъона тағйир медиҳад. Фаҳмост, ки компютер худ ҳамагӣ таҷҳизоти техникӣ буда, доимо чун соф сохтори анъанавӣ истифода шуданаш мушкил асту мебошад. Аммо, чун омузгору шогирдон паҳлӯи ҳам истода, ғояву барномаҳои нав таҳиякардаашонро мавқуф мегузоранд, муносибаташон якбора дигар мешавад.

Олими маъруф И.П.Поласый навишта буд: «Назарияи ташаккули даврагии (комил) амалҳои ақлӣ ва мафҳум аз худ сохтори таҳияшудаи низомнома дар бораи механизму шартҳои тағйиротҳои мураккабу бисёрнақшавиро, ки бо пайдоиши образҳо, амалу мафҳуми нав дар одам марбут аст, мемонад». Сухани методологӣ дар бораи фаҳмиши принсипиалии роҳҳои азхудкунии таҷрибаи умумиинсонӣ аз тарафи хонанда меравад. Ташаккули назариявии амалҳои ақлонӣ ва мафҳум аз худ тасвири нисбатан ҷамъбастшуда ва фарохи қонунияти нақшаи дохилии амалро мемонад.

Сухани технологӣ бошад, дар бораи сохтори мукаммали шартҳои психологие меравад, ки тавассути амал ба даст овардани хусусиятҳои ҷамъиятӣ-арзиширо таъмин менамояд [129].

Барои ташаккули мукаммали амалҳои ақлонӣ бояд сохтори шартҳои психологиро, ки аз 4 зерсохтор иборат аст, таҳия сохт;

–ташаккули асосноксозии азхудкунии амали ҳаммонанд ва татбиқи он;

–таъмини банақшагирии мукаммал ва татбиқи он;

–тарбияи хусусиятҳои амали майлдошта;

–гузаронидани амал ба нақшаи идеалӣ (ақлонӣ).

Чорум зерсохтор–ин «ҷадвали ташаккули давра ба даврагӣ» аст. Вай азнавтаъсисёбиҳои пайдарпайро, ки чӣ дар амалҳои нақшавию чӣ иҷрогӣ дар раванди барқароршавии он ба вуқӯъ мепавайвандад, тасвир мекунад.

Ин ҷо чӣ тавр ташаккул ёфтани амали ақлониро нишон медиҳем. Дар даври аввал ташаккули заминаҳои амали асоснок. Дар ин давра муносибати субъект ба ҳадаф ва вазифаҳои амали дар пешистода, муҳтавои маводи барои азхудкунӣ мӯлҷаршуда заминагузорӣ мешавад.

Дар даври дуюм бошад, барқароршавии ҷадвали ибтидоии асосҳои муайянсозии амал ба назар гирифта шудааст. Аниқтараш сохторҳои муайянсозӣ ва дастурҳо, ки ҳисоби онҳо барои иҷрои амалҳои азхудшаванда бо сифатҳои зарурӣ муҳиманд, вазифагузорӣ шудааст. Дар раванди азхудкунии амал ин ҷадвал доимо санҷида ва аниқ карда мешавад. Се шакли тартиби ҷадвали асосҳои банақшагирифташавандаи амал ва се шакли таълим муайян карда шудааст.

Дар шакли якум субъект бо сохтори ба таври принсипиалӣ номукаммал сарукор дорад, ки биноан маҷбур аст, бо усули санҷишу хатоҳо амал кунад. Дар шакли дуюм субъект ба сохтори мукаммали муайяну дастурҳо самт гирифта, тамоми сохтори шартҳои иҷрои дурусти амалҳоро ба ҳисоб мегирад. Ин ҳолат амали бехато, мукаммал, сатҳи баланди танқидӣ будан ва хусусиятҳои ибтидоиву дуюмдараҷаи амалҳоро кафолат медиҳад. Дар баробари ин ҷадвали асосҳои муайянсозии амал ё бо намуди тайёр пешниҳод

мешавад ё якҷо бо хонандагон тайёр карда мешавад. Ҳаҷми мавод барои азхудкунӣ бо ёрии ҷадвали асосҳои муайянсозии амал дастрас буда метавонад аз амали ақлонаи мустақил гирифташуда ё мафҳуми то сохтории ин гуна воҳидҳои фаъолияти инсонӣ тағйир диҳад, кадоме ки қисмати бутуни маводи таълимиро рӯйпӯш мекунад. Асосҳои муайянсозии ин сохтор таҳлили чуқури маводи омӯхташаванда ташаккули асосноксозии маърифатиро таъмин мекунад.

Даври сеюм–ташаккули фаъолият дар шакли амалӣ кунонидан аст. Ин ҷо субъект муайянсозӣ ва иҷрои амалҳои азхудшавандаро бо такя ба таркибҳои рӯякии пешниҳодшуда, ҷадвали асосҳои муайянкунии амалро татбиқ месозад [57, 58, 59, 60, 61].

Дар даври чорум такя ба «сухани баланди иҷтимоишуда» сотсиализатсияшуда (иҷтимоишуда) меравад. Зарурати истифодаи моддии ҷадвали асосҳои муайянсозии амал аз байн меравад. Муҳтавои он пурра ва аз лиҳози психологӣ мукаммал дар сухан инъикос меёбад, кадоме, ки ба сифати такяҳои асосӣ барои амал баромад мекунад [106, 44].

Дар даври панҷум тарафи зоҳири овозии сухан гум мешавад. Амал зоҳиран танҳо бо теъдоди ночизи лаҳзаҳои калидиву муайянсозӣ ва иҷро боқӣ монда, аз рӯи он назорат (чӣ зоҳириву чӣ дохилии худназоратӣ) бурда мешавад. Муҳтавои асосӣ ба нақшаи дохилии ақлонӣ мегузарад.

Дар даври шашум ин лаҳзаҳо ба мафкураи онҳо рафта, танҳо натиҷаи ниҳоӣ аниқтараш, муҳтавои предметӣ боқӣ мемонад. Ба шарофати раванди автоматикунонӣ ва амали фаврӣ кадоме, ки азнавташкилёбии номбаршударо гузаштаанд, амал намуди баррасии бевоситаи яклаҳзагию ҳолати мушкилотро касб мекунад [42, 57].

Дар ҳолати ин гуна муносибат бо таълим хонанда субъекти ҳамкории маърифатноксозӣ неву объекти таъсири педагогӣ мегардад. Ин маънои онро дорад, ки диалог пеш бурда намешавад, интихоби озоди роҳ ва ҳаракати мустақилона вуҷуд надорад. Аз ин пас дар назди мо муносибати индивидуалӣ меистад, ки дар ин ҳолат хонанда дар бораи худ чизе

намедонад, аммо омӯзгор хуб тасаввур мекунад, ки барои вай беҳтар хоҳад шуд.

Ҷ.Дьюи мегуфт, ки аксар вақт бачагонро барои ба саволҳо суст ҷавоб доданаш коҳиш мекунанд, ҳол он ки вай вақтро барои ҷамъ кардани қувва сарф мекунад, то ки ҷавоби дуруст диҳад. Дар ин гуна ҳолатҳо пешниҳоди номукаммали вақту озодӣ одати ҷавоби бо саросемагӣ додашавандаро пайдо мекунад. Умқи маърифат кардани мушкилот сифати андешаи минбаъдаро муайян мекунад. Ҳама гуна усули таълим, кадоме, ки кӯдакро ба ҷавоби дуруст додан меомӯзад, ё дарки рӯшани маърифати омӯзонидашуда аз болои мушкилот рӯякӣ лағжида рафта, усули ҳақиқии тарбияи ақлро вайрон мекунад.

Дар асарҳои шогирдону пайравони П.Я.Галперин он корҳои фосилавие оварда шудаанд, ки мебоист психологҳову педагогҳо ба иҷро мерасониданд. То ин ки аз дониши психологӣ дар бораи генезиси функсионалӣ, ки дар консепсияи базавии П.Я.Галперин вуҷуд дорад, ба тартиби сохтори таълим, аниқтараш ба мафҳуми воқеӣ тавассути ҳамкории педагогу шогирдони хақиқӣ гузашта шавад [33].

Муносибати алгоритмиро имрӯзҳо бисёр мутахассисон мавриди таваҷҷуҳ қарор додаанд. Азхудкунӣ ё истифодаи ин ва ё он технология дар раванди таълим пайравии аниқ ба алгоритм буда, дар он ҷойи эҷод вуҷуд надорад. Агар алгоритм набошаду усули кор пайдо нашаваду натиҷа тахминӣ бошад, пас технологияи кӯшиши рӯякӣ маърифат шуда ё маърифатнашудаи бунёди он вуҷуд надорад [149].

Технологияи педагогӣ назар ба технологияи методикаи хусусии таълим характери умумӣ дорад. Технологияи таълим аз технологияи педагогӣ бо он фарқ мекунад, ки технологияи таълим роҳи азхудкунии маводи аниқи таълимиро дар доираи предмети муайян, мавзӯъ, саволҳо ва дар ҳадди технологияи интихобшуда мунъакис месозад. Парадигмаи стохастикӣ–самти инноватсионӣ дар сохтори таълим аст. Ин назария дар эътирофи характери боваринокии раванди таълим, диққат ба субъектнокии хонанда ва корҳои

оғозшуда: технологияи шахсӣ-банақшагирии И.С.Якиманский [188], таълими мушкилоти И.Я.Лернер [94], М.М.Махмутов ифода мешавад.

Барои ташкили таълим дар парадигмаи стохастикӣ бояд принсипҳои муайянро риоя кард. Принсипҳои ташкили раванди таълим аз як қатор муносибатҳои илмӣ бармеояду баррасӣ мешавад:

–муносибати практиологӣ–омӯзиши ҳамкории индивидҳо, ҳамчунин индивид ва ҷомеа дар раванд;

–аксиологӣ–баррасии арзишҳо чун зуҳуроти маърифат, ошкорсозии тасмими психологӣ, муносибати субъективии инсон ба объектҳои баҳододамешуда;

–муносибати гносеологӣ дар худи сохтори маърифат, дар субъективнокии шакли он, дар зиддияти байни тафаккури абстрактӣ ва инъикосҳои эҳсосии ҳақиқат;

–муносибати семантикӣ–омӯзиши сохторҳои нишонӣ;

–муносибати аналитикӣ–доро будани таҳлил;

–муносибати синергетикӣ–самтҳои пешқадам дар илми муосир, ки самараи пайдоиш аз бесомонӣ ва бетартибии сохторҳои мустаҳкаму худташкилёбанда.

Онҳо дар таҳқиқотҳои фундаменталии гурӯҳи олимон–педагогҳо ба монанди Г.Котарбинский [84], Н.П.Нечаев [116] ва дигарон нисбатан пурра ва аниқ оварда шудаанд. Дар ин гуна муносибатҳо принсипҳои объективии раванди таълим мунъакис шудаанд:

–алоқа бо ҳаёт, дар амал татбиқ намудани муҳтавои курси «Асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ, муҳимнокӣ ва ҳисоб дар ташкили дарсҳои талаботи муосир;

–илмнокӣ, терминологияи шахсиву нақшавӣ аз рӯи фанҳои алоҳида (математика, забон) ва баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмии хонандагон мувофиқи дастовардҳои илмии замони муосир;

–тартибнокии таълим чун сохтори мукаммале, ки ягонагии мақсаду вазифа, муҳтавою шакл ва усулҳои кори дигар таркибҳоро тавсиф мекунад;

–тавсифи мукаммали пешниҳоди маводи таълимӣ чун ягона ва ҳамбастагии тамоми тарафҳову самтҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар вобастагӣ аз имкониятҳои эҳтимолии онҳо;

–тартибнокӣ, пайдарҳамнокӣ, идомату доимияти таълим;

–тавсифи эҷодии таълим, ҳавасмандсозии ҷустуҷӯҳои эҷодӣ;

–дақиқнокии таълим чун хусусиятҳои аниқ, муносибати гуногун;

–самтнокии таълим ба муайян кардани он чизе, ки барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда зарур аст;

–ягонагии назария ва амалия дар назди самтнокии амалии таълим.

–риояи ин принсип аз афтодан ба ҳолатҳои ногувор, аниқтараш, дуруст баҳо надодан ба нақш ва аҳамияти назарияву аз ҳад зиёд назариянок сохтани маводи таълимро пешгирӣ мекунад;

–фаврият, ӯҳдаборӣ, мобилӣ будани таълим чун маҳорати ҷавоби мувофиқ додан, дар ҳолати зарурӣ фаъолияти таълимиро бо назардошти шароитҳои тағйирёбандаи хонанда дигар кардан;

–фароҳам овардани шароити мусоид барои истифодаи самараноки адабиёти электронӣ ва модули ҷадвалӣ. Фароҳам сохтани шароити моддиву ахлоқӣ-психологӣ, гигиенӣ, мавҷуд будани вақти озод барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда;

–тавсифи таълими шахсӣ-марказонидашуда [84, 116].

Бо такя ба принсипҳои болозикри таълим мо метавонем қонуннокии зерини таълимро муайян созем:

–қонуннокии ҳамбастагии ҳамкории омӯзгору хонанда;

–қонуннокии илмнокии маводи таълим мувофиқи имкониятҳои синнусоливу шахсии хонандагон;

–муҳтавои маводи таълим ва вазифаҳо самти шахсӣ-марказонидашуда доранд;

–қонуннокии муҳтавои маводи таълим ва вазифаҳо тибқи баёни ботартиб ва пайдарҳам таҳия шудаанд;

-қонуннокии ҳамбастагии мукаммали байни блокҳои алоҳидаи таълим;

–қонуннокии алоқамандии диагностика ва пешгӯии (прогностика) фаъолияти таълим;

–қонуннокии таъсири курси «Асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ», модули ҷадвалӣ дар заминаи донишҳои предметӣ.

Маҳдудӣ ва якаҳамиятии ҳадафҳо аз ҳисоби технологияи педагогии солҳои 50-80-уми қарни гузашта ба дастомада бо усулҳои истифодабарандаи рушди инсон ва шахсият мувофиқ нестанд [44]. Айни ҳол дастур ба худмуҳимият ва худистифодабарӣ, ҳавасмандсозии нотакрор будани инсон, кадоме, ки ҳар хонанда сазовори маҳруки (траекторияи)  ҳаракат аз рӯи маводи таълим аст, дода мешавад, ки ҷавобгӯи ҳадафу талаботи он бошад. Имрӯзҳо консепсияи таълими соф рушдёбанда таҳия мешавад, ки идеали он «инсони қобилиятнок ва озод» аст. Субъекти таълим дар ин ҳолат шахсият маҳсуб мешавад, кадоме, ки ба ҳама гуна хилофатҳои ҷаҳони муосир худро мутобиқ месозад [43,84,116].

Калимаҳои калидии муносибати шахсӣ-марказонидашуда инҳоанд: «интеллект», «илмнокӣ». Ин мафҳумҳо бо раванди классикии технологӣ дар таносубанд. Барои раванди технологӣ амали иҷрои вазифаҳо, нигаронидашуда, муайянсозиву омӯзиши нишонаҳои ҳолати объекти омӯхташавандаро тавсифкунанда барои пешгӯии каҷравиҳои имконпазир зарур мебошад. Дар таълими шахсӣ-марказонидашуда ҳадаф пешбинӣ мешавад, на идеалҳо, ки барои ноил шудан ба он бояд сохтори маориф кӯшиш кунад. На ҳама гунна ҳадафи стратегӣ метавонад оперecионально ва диагностикӣ муайян карда шавад. Аммо, ин гуна муайянсозиро ба сохтори ҳадаф тавассути дастовардҳо кадоме, ки дар ҳадафи дастоварди стратегӣ боварӣ ҳосил кардан мумкин аст, роҳ додан мумкин. Агар тасаввуротро муфассал татбиқ кардан мумкин набошад, пас мо бо ҳадаф неву бо утопия (хаёлпарастӣ) кордор мешавем. Масалан, И.С.Якиманская мегӯяд, ки таълими шахсӣ-мақсаднок дар заминаи омӯзиши характери хонанда дар раванди таълим асос ёфтааст, ки ба «таҷрибаи субъектии хонанда» такя мекунад. Кадоме, ки ба раванди таълим бояд ворид карда шавад [188].

Муносибати шахсӣ-мақсаднок дар таълим шароитҳои ибтидоиро барои ҳар хонанда, новобаста аз сатҳи рушди актуалӣ аз лаҳзаи ба мактаб омадан фароҳам меорад. Ин таълими адаптивӣ (одаткунонӣ) ягона барои ҳамагон ташкил шуда бошад ҳам, аммо аз рӯи таркиби интеллектуалии муҳити таълим ҳархела аст. Ин гуна таълим барои тафриқаи (дифференсиатсияи) дохилии ҳар шахс дар асоси омӯзиши зуҳуроти шахсӣ шароит фароҳам месозад. Ҳамзамон, траекторияи таълими шахсиии ба пайдошавии ҷаҳонбинии илмӣ, арзишҳои шахсии аҳамиятнок ва дастурҳои ҳаётӣ мусоидаткунандаро муайян месозад. Ҳамин тариқ, дар доираи муносибати технологияи классикӣ кор кардаву ҳадафҳоро тағйир дода, бо ёрии онҳо ноил шудан мумкин аст [5].

А.В.Хуторский ғояеро пешниҳод кардааст, ки тибқи он ҳар хонанда ҳуқуқ дорад таркибҳои асосии таълими хешро интихоб кунад. Маълум аст, ки ин интихоб ба модули сахти таъсири педагогӣ бо ҳадафи дарпешистода мувофиқат намекунад, дар кадоме, ки технологияи классикӣ асос ёфтааст. Муқоисаи таълими шахсӣ-нақшавӣ ва шахсӣ-марказонидашударо идома дода, қайд кардан зарур аст, ки марказонидашуда дар атрофи таълими шахсӣ дар заминаи тахминҳо асос меёбад.

Инсон ниҳоят ғайриқаноатбахш шинохта шудааст ва танҳо худаш метавонад усули таълимиашро интихоб кунад, мустақилона даст ва таваккалият зада, баъд барои натиҷаҳои амалаш дар назди муҳити бад пешгӯишаванда ҷавоб диҳад. Дар забони психология ин мавқеъҳои гуногун бо ёрии мафҳуми муносибатҳои «субъект-объективӣ» ва «субъект-субъективӣ» нишон дода мешаванд. Дар муносибати шахсӣ-нақшавӣ кӯдак чун объекти таъсир аз ҷониби калонсолон маҳсуб ёфта, дар муҳити марказонидашуда дар атрофи шахсият диалоги субъекти баробарҳуқуқи ҳамкор ба вуҷуд меояд. Тавассути ин ҳамкориҳо принсипҳо ва қонуннокии асосҳои педагогии технологияи инноватсионии таълим дар рушди фарҳанги интеллектуалии хонанда татбиқ мешавад. Мавҷуд будан ё набудани диалог, иштироки эҷодии хонанда дар таълими худ асоси куллӣ дар фарқ кардани

парадигма маҳсуб мешавад, ки асоси педагогиро ташкил медиҳад [81, 116, 164].

Инъикоси нисбатан пурраи категорияи эҳтимолияти илмро дар асарҳои илмии олимони Осиёи Марказӣ–Ал-Форобӣ, Улуғбек, Аҳмади Ясавӣ, ҳамчунин олимони замони муосир ба даст овардаанд [8, 20, 21]. Банди марказии фаҳмиши моҳияти мафҳумҳои илмӣ чун категория эътирофи асосҳои педагогии технологияҳои инноватсионии таълим маҳсуб меёбад.

Моҳияти категории эҳтимолияти илмӣ дар фаъолияти амалии субъект дар заминаи донишҳои чуқури механизми таълими категория маърифат карда мешавад. Мавқеи баромади сохтори эҳтимолиятро «субъект-объект» – муносибати субъективӣ ба мақсад: дарёфти дониши боваринок муаррифӣ мекунад. Дар навбати худ шакл ва характери дониш мутобиқ ба объекти маърифат муайян карда мешавад. Барои ноил шудан ба ин мақсад дар ҷараёни таълим муносибатҳои гуногунро истифода мебаранд, ки аз байни онҳо муносибатҳои праксиологӣ, семантикӣ, аналитикӣ (таҳлилӣ), сипертикӣ, гносеологӣ ва аксиологӣ аҳамияти махсус дорад.

Праксиология–аз калимаи юнонии амал гирифта шуда, маънояш консепсияи фалсафии фаъолият аст, ки дар айни ҳол статуси лоиҳаи барномавӣ–консепсуалиро соҳиб мебошад. Бори нахуст лоиҳаи «Праксиология» чун предмети махсуси илмӣ, ки назарияи умумии ташкили самараноки фаъолиятро муаррифӣ мекунад, аз ҷониби Т.Котарбинский пешниҳод шуда буд [84].

Муносибати семантикӣ дар раванди маърифатнокшавӣ барои субъект муҳим аст, зеро донистани семантика (бо аҳамияти нишонаҳо) ба донистани идеалии хусусиятҳои нишонаҳо мусоидат мекунад. Дар раванди маърифат кардани мафҳум, истилоҳ ва нишонаҳо танзим ва бо предметҳои заруриву хусусиятҳои онҳо муқоиса мешавад.

Муносибати таҳлилӣ бо қобилияти донистани субъект, барқарор кардани моҳият ва муҳтавои мафҳум чун категория муайян карда мешавад. Таҳлили ҳамаҷонибаи зуҳуроти омӯхташаванда принсипи илмии методологӣ

маҳсуб ёфта, ба дарёфти эҳтимолияти боваринок мусоидат мекунад. Бинобар он, ҷамъоварии бетартиби маълумот ва фактҳо шакли илмии тартибро касб мекунад [87, 88, 89, 90].

Муносибати синергетикӣ дар заминаи ошкор сохтани фактҳое, ки ба фаъолияти худташкили шахсӣ-нақшавии субъектҳо оварда мерасонад, асос ёфтаанд. Дар ин ҳолат омӯзиши қонуннокии технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим чун тартиботи мураккаби синергетикӣ, ки чуқур омӯхтани равандҳои инноватсиони имкон медиҳад, қонуннокии навро дар таҳкими ҳолатҳои гуногун муқаррар созанд, аҳамияти махсус дорад.

Муносибати гносеологӣ дар раванди фаъолияти маърифатноксозӣ муносибати байниҳамдигарии субъектҳо (таҷрибаи хонанда) ва объектҳо (маводи таълим), маҳорати муқоиса кардани дониш ба воқеият, имкониятҳои шинохти ҷаҳон, меъёрҳои ҳақиқату боваринокии донишро фароҳам меорад.

Муносибати аксиологӣ бо дастурҳои арзишӣ ва биниши (диди) арзишии рушди сохтори дониши илмӣ марбут аст. Ба сифати қисматҳои таркиби сохтори раванди таълим шаш намуди муносибатҳои гуногун истифода шудаанд, ки қувваи пешбарандаи кори таълим ба натиҷаи мусбии рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда нигаронида шудааст.

Муносибати параксиологӣ бошад, аҳамиятнокии фаъолияти таълими хонандагонро баланд мебардорад. Меъёри асосии истифодаи ин намуди муносибат маҳорати истифодаи самараноки маводи назариявии таълим барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон маҳсуб мешавад.

Муносибати семантикӣ дар раванди фаъолият азхудкунии маводи таълимро барои муайян сохтани хусусиятҳои нишонаҳо таъмин месозад. Маҳорати бо хусусиятҳои нишонаҳо муайян сохтан тавассути донистани семантика. Муносибати таҳлилии таълим қобилияти хонандаро ба таҳлил такмил медиҳад.

Муносибати синергетикӣ бошад, раванди рушди сифатҳои шахсии хонанда ва қобилияти ӯро ба худрушддиҳӣ метезонад. Муносибати гносеологӣ бошад, ба зоҳир намудани муносибатҳои ҷаҳонбинӣ нисбати

шинохти ҷаҳон мусоидат мекунад. Муносибати аксиологӣ бошад, фаъолиятро оид ба истифодаи донишҳои илмӣ барои муқаррар сохтани муносибатҳои арзишӣ бо муҳити атроф татбиқ мекунад. Муносибатҳои зикршуда ва сатҳи он бо баинобатгирии нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон барои бунёди модули педагогии асосҳои инноватсионии технологияи таълим зарур аст. Истифодаи парадигмаҳои технологӣ дар вақтҳои гуногун моро ба он бовар мекунонад, ки парадигмаи стохастикӣ дар замони муосир афзалият дорад. Парадигмаи стохастикӣ дар инноватсияҳои технологияи таълим барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда зарур аст. Мушкилоти болозикр дар алоҳидагӣ омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқотро ба сохтори ягонаи мукаммал ворид сохтан душвор буд, ки ҷорикунии онро дар амалия мушкил гардонд. Бинобар он мо модули ягонаро барои татбиқи мушкилоти болоӣ таҳия кардем. Асоси модули мо такя ба ҷаҳонбинии илмии ҳар як субъект аст, аниқтараш таълими ҳар хонандаро ба рушди таҷрибаи субъектии худ ва сифатҳои шахсӣ равона кардан лозим аст. Дар ҷустуҷӯи ҳалли масъала, ки ба баландбардории сифати таълим нигаронида шудааст, мо бо муносибатҳои болоӣ, ҳамчунин, лоиҳагирии эҳтимолӣ такя кардем.

Аз рӯи маълумоти оморӣ солҳои 70-60-уми қарни гузашта парадигмаи эмпирикӣ дар амалияи таълим вуҷуд дошт. Педагогҳо таҷрибаи омӯзгорони навовар Ш.Амонашвили. С.Лисенио, В.Зайтсев ва дигаронро дар ҳаҷми 75 фоиз истифода бурданд. Натиҷаи таълим самар наовард. Зеро таълим ба такрор ва ба таври механикӣ азёд кунонидани мавод асос меёфт. Кӯр-кӯрона нусхабардорӣ намудани таҷрибаи педагогии бегона ба рушди ҷаҳонбинии хонанда мусоидат накард. Дар замони имрӯза рушди маориф ва шароити технологияҳои инноватсионии таълим мо чунин меҳисобем, ки зарурати ихтисор кардани ҳаҷми такрори мавод ва ба таври механикӣ аз ёд кунонидани ону истифодаи таҷрибаи бегона, аниқтараш, парадигмаи эмпирикии таълим то 15 фоизи соати таълим ба миён омадааст.

Дар парадигмаи алгоритмӣ фаъолияти мафкуравии хонанда пешакӣ тарҳрезӣ мешуд. Банақшагирии фаъолияти ҷаҳонбинии хонанда талаботи

сахт пеш гузошта мешуд. Ин намуди таълим имконияти рушди ҷаҳонбинии илмии хонандаро маҳдуд мекард. Бинобар он мо пешниҳод мекунем, ки дар раванди таълим ҳаҷми додани вазифаи мутобиқ ба парадигмаи алгоритмии таълим то 20 фоиз кам карда шавад. Мо чунин меҳисобем, ки ба ҷойи ин ҳаҷми парадигмаи стохастикиро то 65 фоиз зиёд кардан ба манфиати кор аст. Зеро, вай имкониятро барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ мутобиқ ба қобилиятҳои шахсии хонанда фароҳам меоварад. Модули асосҳои педагогии технологияҳои инноватсионии таълим дар расми 1 оварда шудааст.

Расми 1. Амсилаи педагогии асосҳои технологияҳои инноватсионии таълим.



Дар парадигмаи стохастикӣ технологияҳои инноватсионии таълим вазифаҳои муайянеро, ки мушкилоти рушди ҷаҳонбинии илмии хонандаро ҳал мекунанд, ба иҷро мерасонанд. Омӯзиши асарҳои таҳқиқотии В.Г.Нестерова [115], Э.М.Прокопьев [132] ва дигарон имкон дод вазифаҳои зерини технологияҳои инноватсиониро муайян созем:

–ба таври методологӣ равона сохтан ба роҳи илми ҷаҳоншиносӣ;

–ба таври сохторӣ таҳия намудани маҷмӯи элементҳои раванди педагогӣ;

–амали инъикоскунанда равандҳои инноватсионию дар илм ба вуқӯъ пайвандро ифода месозад;

–аз нав таҳиясозӣ воқеияти фаъолияти педагогиро ба ҳисоб мегирад;

–амали мантиқӣ–пешгӯикунанда дар заминаи маълумотҳои ба таври ҷиддӣ интихобшуда рушдро пешгӯӣ мекунад;

–амали муҳтавогӣ ба муҳтавои таълим тағйирот ворид месозад;

–амали конструктивӣ-техникӣ ба тағйироти сохтори дарс таъсир мерасонад;

–гурӯҳбандӣ кардан дониши хонандагонро аз рӯи сатҳҳо, ҳамчунин фаъолияти методикаи педагогро тақсим мекунад;

–амали ҷаҳонбинӣ ба рушди назарҳо, эътиқодҳо, арзишҳо ва принсипҳо таъсир мерасонад.

Омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ (адабиёт) имкон дод хусусиятҳои технологияҳои инноватсиониро ошкор созем, ки инҳоянд:

–инъикоси ҳақиқатнокии воқеии ҷаҳони моддии рушдкунанда;

–ошкор сохтани ҳамбастагии мафҳумҳои «фарҳанги интеллектуалӣ» ва «технологияи инноватсионӣ»;

–батартибдорорию гурӯҳбандикунии маълумот ва фактҳои бетартибона ҷамъоваришуда;

–муайян кардани алоқамандии сабабӣ-паёмадии байни предметҳо;

–муқаррар сохтани зиддиятҳои предмети омӯхташаванда;

–ҳаракатнокӣ, фаврият, донистани хусусиятҳои воридшавӣ ба хилофи худ;

–тартибнокии донишҳои илмӣ, ки фаъолияти амалиро мутобиқ ба принсипҳову қонуниятнокиҳо ба қолаб медарорад [115, 132].

Мавҷуд будани консепсияҳои гуногуни ошкор сохтани моҳияти категориалӣ, ки қаблан тартиби мафҳумии тафаккур буд, ба таври диаметралӣ муносибатҳои хилофро ошкор месозад. Баъзе чунин меҳисобанд, ки сарчашмаи шакли умумии мантиқӣ субект маҳсуб ёфта, субъектнокии ибтидоии он ва ғайра аз табиат бармеояд. Мо чунин меҳисобем, ки амали пурра муайяни мавҷудияти субъективӣ-фаъолияти инсон, вуҷуд дорад, кадоме, ки мутобиқи қонунҳои фаъолияти объективӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Таҷрибаи бегона, амал кардан аз рӯи алгоритмҳои тайёр асос барои рушди бомаърифати ҷаҳонбинии илмӣ шуда наметавонад.

Ба шарофати он, ки категорияи илм шакли мафкуравии фаъолият, шакли назариявии дарки ҳақиқии воқеият аст, онҳо дар муқаррарсозии воситаҳои маърифатӣ нақши муҳимро мебозанд.

Дар технологияҳои педагогии мавҷуда на ҳама вақт муносибати субъективӣ ба таълим ба инобат гирифта мешавад. Мо дар таҳқиқоти худ ба ҷаҳонбинии илмии ҳар хонанда такя мекунем. Ба андешаи мо на ҳама технологияи таълим имконияти рушд додани ҷаҳонбинии илмии хонандаро фароҳам меоварад. Барои кушодани ин мавзӯъ аз ҷониби мо тавсифи муқоисавии мафҳуми «технологияи педагогӣ» ва «технологияи инноватсионӣ» гузаронида шуд. Вақти азхудкунии технологияи педагогӣ ҳар омӯзгори эҷодкор технологияи худро аз ҳадаф оғоз карда, то вазифаю тартиби дарс, бо истифодаи усулҳои гуногуну воситаи таълим таҳия кард. Азхудкунии таҷрибаи пешқадами омӯзгорони нававар «парадигмаи эмпирикӣ» ном дорад. Аз рӯи маълумоти тахминии фаъолияти хонандагон дар ҳолати сахт ба нақша гирифта шудан имконияти хонандагонро маҳдуд сохт, ки садди рушди сифатҳои шахсии онҳо гардид. Дар технологияҳои педагогӣ мушкилоти асосӣ алгоритмикунонии фаъолияти хонанда,

аниқтараш, ҳама гуна фаъолияти маърифатнокшавӣ ба хонандагон чун алгоритми амал пешниҳод мегардид. Биноан, дар хонандагон тафаккури мантиқӣ ва потенсиали интеллектуалиашон ба таври нокифоя рушд мекард. Дар натиҷа ба хонандагон нисбати донистани қонуниятнокии умум, зуҳурот ва принсипҳои тартиби маводи таълим кӯмак намекард. Аз ин рӯ, парадигмаи алгоритмӣ нисбати дар амал қабул кардани муносибатҳои таълимии ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъсиррасон мусоидат намекард [86, 94, 106].

Бо ин сабаб дар раванди истифодаи парадигмаи алгоритмӣ муносибатҳои таҳлилию аксиологӣ, праксиологию синергетикӣ ва ғайра пешниҳодкунандаи мо, ки қувваи такондиҳандаи рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда аст, татбиқ шуда наметавонанд. Дар асарҳои А.К.Қозиева [63], М.И.Шилова [174], Н.А.Завалко [52] мушкилоти рушди технологияи инноватсионӣ, ки фаъолияти омӯзгорро ба рушди таҷрибаи субъектии хонанда ва сифатҳои шахсии ӯ равона месозад, ба миён гузошта мешавад. Маълумоти технология дар заминаи парадигмаи стохастикии таълим, ки ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда таъсир мерасонад, асос ёфтааст.

Тартиби технологияҳои инноватсионии таълимро мо аз давраи диагностика оғоз кардем, ки дар заминаи он ҳолати воқеии объектҳои омӯхташавандаро шарҳу тавзеҳ додем [101].

Дар давраҳои минбаъда модули технологияи инноватсионӣ дар асоси истифодаи муносибатҳои фавқуззикр, сатҳ ва парадигмаҳо таҳия шуданд. Сатҳи натиҷаҳои банақша гирифташавандаи рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда то ворид шудан ба раванди таълим вазифагузорӣ шудаанд. Таркиби минималии стандартро бояд сатҳи репродуктивӣ, эмпирикӣ ва алгоритмӣ ҳисобид. Сатҳи мушкилотӣ ва стохастикӣ таркиби базавиро ташкил медиҳанд.

Модули ҷадвалии таълим тартиби маводи таълимро бо усули блокӣ пешбинӣ менамоянд. Блок афзунсозии ҳаҷми маводи назариявиро мефаҳмонад [102]. Ҳамин тариқ, хонанда аллакай дар зинаи аввали

маълумоти миёна тасаввуроти пурраро дар бораи предмет хоҳад дошт. Мафҳумҳо бошанд, бо назардошти хусусиятҳои синнусоливу индивидуалӣ чуқур меравaнд. Ин гуна усул барои ҷудо кардани вақт нисбати рушди маҳорати когнитивӣ ва қобилияти индивидуалии хонанда кӯмак мерасонад [103].

Ҳангоми таҳқиқи ин масъала хуб мебуд ба ҳисоб гирифта шавад, ки асоси педагогии технологияҳои инноватсиониро муҳтавои он ташкил медиҳад, ки аз он усулҳои ташкили таълимро ба вуҷуд меорем. Таълим нақши пешбарандаи худро дар азхудкунии дониш тавассути рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда амалӣ месозад.

Кӯшиши гносеологии ҳалли асосҳои педагогӣ воситаи маҳсулноки он ҳисоб мешавад. Мантиқи дохилии мавзӯъ дар манзари зерматни (контексти) таҳқиқии нисбатан васеъ, дар ягонагии маҳдуд бо парадигмаҳо таҳия мегардад, ки он имкон медиҳад дар таҳқиқот масъалаи ҳаматарафа алоқаманду ба ҳам марбутаро муттаҳид созад. Кадоме, ки ба сатҳи фаҳмиши назариявию тафаккуркунандаи мавзӯъ равона карда шудааст. Муттаҳидсозии мавзӯъҳои таълимӣ дар зерматни мушкилоти азим имконияти воқеии ҳалли маҷмӯи вазифаҳои умумикардашударо таҳия месозад, ки ҷустуҷӯи илмии ҳар якеро аз ҳолати самти умумӣ ва мантиқи ягонаи таҳқиқ доштан муайян мекунад. Таълим бо назардошти муносибати гносеологӣ мутобиқ ба хусусиятҳои синнусолӣ ба рушди мустақилонаи маҳорати ақлонӣ мусоидат мекунад. Аммо, ин гуна таълим метавонад танҳо дар биниши маҷмӯи он дар сохтори фоизии таносуби ҳамтобеияти се парадигмаҳои номбаршуда натиҷа дода метавонад.

Таносуби парадигмаҳо на танҳо имконияти паси сар намудани таъсирҳои манфии функсионализм, ҳамзамон, сарфаи воситаҳо, вақт, баланд бардоштани самаранокии таълим ва сифати дарсдиҳӣ, сафарбаркунии қувваи муҳаққиқон ба самтҳои нисбатан муҳимро фароҳам меоварад:

–муайянсозии раванди рушди илм дар фазои зинаи ибтидоии маълумоти миёна;

–баланд бардоштани сатҳи назариявии таҳқиқот аз рӯи стандартҳои дарсдиҳӣ;
–тафриқаандозӣ ва муттаҳидсозии (интегратсия)-и фанҳо (алоқаи байнифаннӣ);
–аҳамияти афзояндаи воситаҳои таъсиррасон ба рушди фарҳанги интеллектуалии хонандагон ҳангоми таълим дар зинаи ибтидоии маълумоти миёна;
–батартибдарорӣ ва аниқ сохтани мафҳумҳо ва истилоҳҳои алоҳидаи илмӣ.

Аз самтҳои дар боло овардашудаи асосҳои педагогӣ бармеояд, ки истифодаи парадигмаи стохастикӣ дар таълим ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон мусоидат мекунад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафи таълим мо сохтори меъёру нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагонро истифода мебарем. Ин сохтор дар ҷадвали 28, қисматҳои 2-3-и саҳ.116 оварда шудааст.

Сохтори анъанавии таълим самтгириро ба рушди коллективӣ ва ташкили фаъолияти дастаҷамъонаи хонандагон идома медиҳад. Дар ҷумҳуриҳои ИДМ ва ҳамзамон Ҷумҳурии Тоҷикистон кадоме, ки модернизатсияи бузургро дар соҳаи маориф амалӣ месозад, илми педагогика назарияи таълиму тарбияро омӯхта, таҷрибаи инноватсионии тарбияи башардӯстии хонандагонро ҷамъбаст мекунад. Бо таҷрибаи ғуншуда маҳдуд нагардида, дар муносибати гносеологӣ ва аксиологӣ мебояд, ки нақшаҳои рушди ояндаи ҷамъиятро ба инобат гирифт.

Хусусиятҳои зикршударо дар маҷмӯъ барои олимону педагогҳо маълум ҳисобидан мумкин аст. Ҳангоми гузариш аз тавсияи глобалӣ ба амалҳои амиқ ҳамбастагии як парадигма бо дигар парадигма зарур аст. Рушди ин гуна ҳамбастагиҳо ба бунёди модулҳо, воситаҳои раванди таълим мусоидат мекунад, ки сатҳи технологияҳои инноватсионии таълимро баланд мебардорад. Ҳолат ва рушди ояндаи технологияи инноватсионии таълим ҳар гунна, бештар нобоварона скептикӣ баҳогузорӣ мешавад. Ин ба таълими

фанҳо, зинаи ибтидоии маълумоти миёна, ташкили корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, интихобу тайёркунии кадрҳо таъсири манфӣ мерасонад. Бо дигар сухан ҳалли дар назари аввал назариявӣ ба амалия таъсири назаррас мерасонад.

Гуногунсуханӣ дар баҳодиҳии ҳолату имкониятҳо ва рушди ояндаи технологияҳои инноватсионии таълим пеш аз ҳама дар сабабҳои гносеологӣ арзёбӣ мегардад. Педагогика дар заминаи илмҳои фалсафа, таърих ва дигар илмҳо тавлид шудааст. Ин аст, ки технологияи педагогиро дониши меъёрии ресептурӣ меҳисобанд, ки дар заминаи консепсияҳои назариявӣ асос ёфта, ғайристандарт ва барномаҳои таълимӣ таҳия шудаанд.

Муносибати гносеологӣ дар парадигмаи стохастикӣ рушди қобилияти дар хотир нигоҳ доштани аҳамияти таҷҳизоти фаҳмишро, ки дар китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ тавассути хондану навиштану шунидан ва ҳал карда тавонистан мавҷуд аст, мефаҳмонад. Ҳамин тариқ, хонанда дониши назариявиашро васеъ ва бо истифодаи арзишҳои дар он ниҳодшуда ба доимо баланд бардоштани ҷаҳонбинии худ одат мекунад.

Предмети кори умуминазариявӣ таҳқиқи моҳияти қонуннокӣ ва қонунҳои раванди педагогӣ маҳсуб мешавад. Характери умуминазариявӣ ҳамзамон омӯзиши мушкилоти байниҷанбавӣ ба монанди таносуби парадигмаҳои таълим ва тарбия, ҳамбастагии байни ташкили таҷриба ва рушди ҷаҳонбинии хонандаро фарогир аст. Ҷаҳонбинӣ самти таҳқиқро муайян намуда, дар баробари ин нақши методологиро низ мебозад. Вазифаи наздиктарини он аз ҷудо кардани масъалаи нисбат кам коркардшуда ва сафарбаркунии қувва ба таҳқиқи он иборат аст. Ба зумраи ин гуна мушкилот алоқамандии диагностикӣ, прогностикӣ, вазифаҳои конструктивии илми педагогика ворид мешавад.

Айни ҳол маълумоти мӯътақдир дар бораи он, ки сохтори таълимӣ дар асоси парадигмаи алгоритмӣ самаранок набуда, оянда рушд нахоҳад кард, вуҷуд надорад. Кор нисбати такмили он дар ду самт идома дорад. Яке аз онҳо бо таҳияи сохтори шакли ташкилии таълим вобаста аст, ки имкон медиҳад

корҳои таълими хонандагонро мутобиқ ба принсипҳои назарияи идоракунӣ ва қонунияти азхудкунии иттилоот ташкил карда шавад.

Ба сифати раванди воҳиди ягонаи таълим блоки дарсҳо аз рӯи мавзӯъҳои муайяни дорои сохтори интихобиву аз муҳтавои таълим вобастанабуда баррасӣ мешавад. Ҳар давраи сохтор ба давраи муайяни фаъолияти хонанда нисбати иттилооти таълимӣ мувофиқ аст. Вобаста аз ҳадафи фаъолият ба ҳар давра шаклҳои мувофиқи ташкили раванди таълим дар шакли суҳбат, корҳои амалӣ, хаттӣ, санҷишӣ ё мустақилона интихоб мешавад. Ҳамин тариқ, шаклҳои бисёри ташкилии бадастомадаи пайдарҳами муайян дар бисёр дарсҳои ин мавзӯъ мунъакис мегардад. Дар натиҷа ҳар дарс ҳадафи асосии дидактикии худро бо аз даст додани аҳамияти мустақилона чун воҳиди раванди таълим маъниро дар сохтори дарсҳо соҳиб мегардад.

Бо мақсади гирифтани маълумоти акси нисбатан пурра, воқеъбинона ва муосир дар бораи раванди таълим ва барои фардикунониву ҷудокунии шаклҳои гурӯҳии кор истифода мешавад.

Вариантҳои алоҳидаи ҷадвали блокӣ (модулӣ-блокӣ, мақсаднок-блокӣ, сиклҳои таълим) сохторҳои гуногуни блоки дарсҳо, принсипҳои мукаммалсозии гурӯҳи хонандагон, усулҳои гуногуни диагностикаи ҳолати ҷории дониши хонандагон ва таҳрири раванди таълимро тасмим гирифтаанд. Тамоми онҳо дар заминаи назарияи ягона асос ёфтаанд. Мавҷудияти сохтори шакли такроршавандаи муайяни ташкили раванди таълим, интихобӣ будан нисбати муҳтавои он, ба андешаи муайян имкон медиҳад, сохтори дар боло зикршударо ба технологияи инноватсионӣ мутааллиқ дониста шавад. Таҷриба собит сохт, ки истифодаи он баландбардории сифати таълимро таъмин месозад. Самти дуюми таҳқиқ дар доираи муносибати алгоритмӣ, ки дар заминаи омӯзиши ҷаҳонбинии шахсии хонандагон асос ёфтаанд, бо таҳияи модули раванди таълим марбут аст. Рушди ин самт танҳо бо камшавии номуайянии маълумот дар бораи ҳолати дониши хонандагон алоқаманд буда метавонад [84, 96, 103, 106].

Мушкилоти рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар сохтори таълими шахсӣ-нақшавиро баррасӣ карда, ба чунин хулоса меоем, ки сатҳи фаъолияти балоиҳагирӣ бо принсипҳои номуайянӣ маҳдуд аст. Дар мувофиқатӣ ба онҳо баррасии батафсили он ғайриимкон буда, ҳамзамон лозим нест.

Роҳи барқароршавию рушди шахсиятро пешакӣ таҳия кардан мумкин нест, аммо, хусусиятҳои зарурии рушди хонандаро дар муҳити таълим тарҳрезӣ кардан мумкин ва ҳатто зарур аст.

Ҳамин минвол, муносибатҳои алгоритмӣ ва эмпирикиро барои ноил шудан ба рушди ҷаҳонбинии илмии шахсиятро рад карда, мо муносибати шахсӣ-нақшавиро дар лоиҳагирӣ истифода мебарем. Аммо, на равандро дар ҳама қисматҳояш, балки муҳите, ки дар он роҳандозӣ мешавад. Бинобар он зарурати истифодаи адабиёти дарсии электронӣ, модули ҷадвалӣ, маводи дидактикӣ оид ба забони модарӣ ба миён омад, то ин ки муносибати шахсӣ-нақшавӣ амалӣ гардад. Дар он ҳар шахс самараи таълими худро дорад. Зиёда аз ин, ягон имконияти пешгӯие, ки дар хонандаи мушаххас дар ин ҳолат самара чӣ гуна мешавад, вуҷуд надорад. Дар муҳит фаъолшавии таълим эҳтимолияти пайдоиши ҳодисае, ки ба мӯътадилшавии модул мусоидат мекунад, восита ё таҳкими тафаккури ваколати шахсии омӯзгор басо баланд аст. Бо як сухан дар вобастагӣ аз давраю зинаи рушди шахсият маърифати ӯ такмил меёбад [74, 88, 107, 118].

Характери эҳтимолияти пешгӯишавандаро метавон барои балоиҳагирии раванди таълими шахсӣ-нақшавӣ истифода бурд. Мафҳуми эҳтимолият ба равнадҳои технологӣ бегона нестанд. Аналогияи (ҳаммонандии) байни принсипҳои лоиҳагирии шахсӣ-нақшавии сохтор ва эҳтимолияти лоиҳагирии технологияи муосирро мушоҳида кардан осон аст. Дар ҳарду ҳолат сухан дар бораи балоиҳагирии муҳит барои тағйири эҳтимолияти ҷоришавии раванд дар самти вазифагузоришуда меравад. Назарияи эҳтимолият дар парадигмаи стохастикӣ имкон медиҳад танҳо бо қоидаву машқҳои дар китобҳо додашуда маҳдуд нашавем. Бо мақсади рушди ҷаҳонбинии илмии ҳар хонанда (дар мувофиқат бо имкониятҳояш) бояд пурра фаъолияти таълим бо шаш намуди

муносибати номбаршуда таъйин карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгор бобати ҳалли як масъала бо якчанд вариантҳо лоиҳаи эҳтимолиро таҳия месозад. Аниқтараш, ӯ вариантҳои имконпазири ҳалли вазифаи дар китобҳо бударо пешниҳод мекунад.

Ҳамин тариқ, истифодаи модули ҷадвалии китоби электронӣ, маводи дидактикӣ дар раванди таълим ба рушди муносибати шахсӣ-нақшавӣ дар таълим мусоидат мекунад. Аз таҳлили болоии се парадигмаи таълим мо хулосаҳои зарурииро бароварда метӯем, ки дар шароити муосири рушди зинаи аввали таълим парадигмаи стохастикӣ нисбатан муҳим аст. Он дар ташкили фаъолияти таълим маҳсуб меёбад, ки маркази он хонанда қарор дорад. Истилоҳи «ҷаҳонбинӣ» дар адабиёти фалсафаи олмонӣ қарнҳои XVIII-XIX арзи ҳастӣ намуда, дере нагузашта бо дигар забонҳо иқтибос шудаанд. Дертар дар нимаи дуюми қарни XIX ин мафҳумро умуман чун синоними калимаи «фалсафа» истифода мебурдагӣ шуданд. Истилоҳи «ҷаҳонбинӣ» он вақт басо машҳур шуд.

Ҷомеа фаҳмид, ки бинобар рушди пурҷӯшу хурӯши илм зарурати синтези илмӣ бо мақсади дастовардҳои илмӣ дар намуди сохтори ягонаи дониши мантиқан марбут ба ҷаҳонбинии илмӣ ба миён омад. Ҳамзамон, дигар фаҳмиши мафҳуми «ғайриназариявӣ» мавҷуд буд, ки аз нуқтаи назари ҷаҳонбинӣ–маҷмӯи дастурҳои арзишиву эҳсосии инсон, ғамхории ҳадафноки ҷаҳонӣ ва мақомаш дар он мебошад. Ин гуна фаҳмишро онҳое эътироф мекарданд, ки стандартҳои табиӣ-илмӣ ва идеалҳои маърифатиро қабул надоштанд. Масалан, В.Дильтей навишта буд, ки «решаи охирин»-и ҷаҳонбинӣ худи ҳаёт аст. Имрӯз мафҳуми «ҷаҳонбинӣ» ба худ лаҳзаҳои арзишӣ-эҳсосӣ ва когнитивию назариявиро низ гирифтааст. Зери мафҳуми ҷаҳонбинӣ сохтори ҷамъбастшудаи интегралиро мефаҳманд, ки ба худ тасаввуротҳои гуногун-иҷтимоӣ-сиёсӣ, динӣ, этикӣ ва эстетикиву ғайраро гирифтааст.

Дар таҳқиқоти худ мо мафҳуми «ҷаҳонбинии илмӣ»-ро пешниҳод мекунем, ки чун маҳорати такмили қобилияти ҷаҳонбинӣ тавассути

азхудкунии муҳтавои таълим ва илм фаҳмида шавад. Аз тарафи дигар чун ҷаҳонбинии натиҷаҳои мавҷудаи истифодашавандаро, аниқтараш. чун сохтори тафсиркунандаи маълумоти илмӣ, чун маҷмӯи тасаввуроти дар заминаи дониши илмӣ асосёфта фаҳмида шавад. Ин ҷустуҷӯ ва интихоб, «фаъолиятест, ки натиҷааш таҳияи маводҳои нав ва арзишҳои динӣ» аст. Ин муайянсозии илмии фаъолияти маърифатнокшавист.

Ба назари мо арзишҳои диниро бояд дар мадди аввал гузошт. Зеро, бе дину эҳсос ва андеша гумон аст, ки фаъолияти созанда ба роҳ монда шавад. Ба таври муқаррарӣ бошад, ҷаҳонбинии илмиро одатан аввал фаъолият дар ҷодаи илм, маориф, дуюм таҳияву татбиқи барнома ва лоиҳаҳои нав, сеюм, маърифати илмӣ-натиҷаи ниҳоии ақл меноманд. Албатта, бо ин тамоми ҷанбаҳои ҷаҳонбинӣ маҳдуд нашуда, элементи ҷаҳонбинӣ метавонад дар намудҳои гуногуни фаъолияти инсон иштирок кунад [78, 86, 94, 98, 112, 116].

Рушди ҷаҳонбинии илмӣ зидди амалҳо аз рӯи алгоритмҳои тайёр, қимат ва тақлид қарор доранд, ҳарчанд дар ҳама гуна амалҳо метавонанд амалиёти мантиқиву қиматӣ ҷой дошта бошанд. Тавре ки нависанда дар асарҳояш он калимаҳоеро истифода барад, ки то ин дам борҳо истифода шудаанд. Аз ин рӯ, фарҳанги забонӣ дар намуди беҳтарин, ҷустуҷӯи ғайриоддии андешаву интихоби калима, омехташавии онҳо бо дигар калимаҳо, андешаҳои гузаранда зуҳур мекунад.

Ҷаҳонбинии илмӣ дониш, намунаи хусусиятҳо, равандҳои дар хотири хонанда ба шакли мафҳуму тасаввурот, эҳсосу муносибат нигоҳдошташаванда аст. Асоси ҷаҳонбиниро дониш дар бораи табиат, ҷомеа ва тафаккур ташкил медиҳад. Барои он ки дониш ба эътиқод табдил ёфта, ба теъдоди умумии самтгириҳои арзишӣ ворид шавад, онҳо бояд ба ҷодаи эҳсосу иродаи шахс ворид шуда, андешаи субъективиро соҳиб шаванд.

Ҷаҳонбинии илмӣ дар натиҷаи муттасил донистани донишҳои илмӣ-фалсафӣ, дастовардҳои илмии муосир ҳамчунин, теъдоди усулҳои умумии маърифати воқеият ташаккул меёбад.

Дар бисёре аз бачагон барвақт пайдо шудани шавқи донистан, ҳассосият, фаъолнокӣ, ташаббуснокӣ, хоҳиши пешвою пешдаст будан, истодагарӣ дар кору таҳсил, ба ҳадаф расида тавонистан, майл ба фаъолияти ҷустуҷӯӣ доштан ба назар мерасад. Шарти рушди ҷаҳонбинии илмӣ фаъолнокист. Ин албатта, дуруст аст, зеро инсони ақлан рушдёфта нафаре аст, ки худро аз меҳнати пурзаҳмат дур нагирифта, соҳиби дониши чуқур ва дигар маҳоратҳост. Барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ мактабхон бояд фаъолияти мураттаб дошта бошад. Ӯ бояд дорои сифатҳое бошад, ки ба рушди ҷаҳонбинии илмӣ, мушоҳидакорӣ, бо ҳама забон ёфта тавонистан, забондону сухандон, хотираи мустаҳкам, зуд фаҳмидан, одати мутобиқ шудан ба фаҳмидану тафаккур карданро дошта бошад.

Барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ ҳамзамон бояд фаъолнокию мустақилият дар тамоми корҳо хусусан, дар маърифат кардан зарур аст.

Гуфтаҳои болоӣ нисбати ҷаҳонбинии илмӣ воситаҳои омӯзиши забони модарӣ чун афсонаву чистон, бозиҳо, озмунҳо, викторинаҳо, иншоҳои шаклан ва мазмунан гуногун, баромадҳо дар дарсҳои муқаррарӣ ва идҳоро ташаккул медиҳад. Ба таври дигар ин баромадҳо аз доираи фаъолияту стандарти ҳаррӯза берун мебароянд.

Фаъолияти ҷустуҷӯӣ дар наздики рушди илмӣ қарор дорад, кадоме, ки дар шароити интихоби вариантҳои гуногуну фарзияҳо то ба фарҳанги асил рафта мерасад. Ин намуди махсуси қироати матнҳои китоб буда, баробари қаҳрамонҳо ба ҷаҳони қаҳрамонони асар пурра ворид мешавад. Хонандаи наврас худро яке аз персонажҳои китоб тасаввур намуда, ба андешаҳои муаллиф ва воқеаҳои дар китоб рухдиҳанда боварӣ ҳосил мекунад. Ин қабули воқеии асарҳои адабиёт маҳсуб мешавад [57, 118].

Дар ин радиф муносибати хилоф низ вуҷуд дошта метавонад: хонандаи наврас гӯё дар паҳлӯи муаллиф шуда, самтҳои гуногуни сужети нақлу афсонаро интихоб намуда, вариантҳои фарзияҳо ва лаҳзаҳои нав ворид ва пешниҳод мекунад. Қабули воқеӣ аллакай вуҷуд надорад, баръакс, ӯ худ бо

тақдири қаҳрамонҳо хӯҷаинӣ мекунад, воқеаҳои алтернативии имконпазирро ба монанди тақдири 7 бузичаву 3 хукчаҳоро бадеҳасозӣ мекунад.

Ҳолати якумро метавон чун эҳсосӣ-ҷустуҷӯӣ, дуюмро, чун мантиқӣ-интихобӣ баҳогузорӣ кард. Аз ҳолати якум дарёфти ғояи ибтидоӣ чун нуқтаи сарҳисоб бармеояд: хониши ифоданок, драмакунонӣ, композитсияи мусиқӣ, ороиши мутолиашудаҳо ва худбаҳодиҳии андешаҳои муаллифӣ.

Варианти дуюм таҳияи нақша, модуликунонии хатти сужет, азнавнақлкунии эҷодӣ бо ворид намудани тағйироти худи муаллиф ба мундариҷа. қаҳрамонони нав, ҳамчунин ороишу лаҳзаҳои мусиқӣ ва ғайраро тасмим гирифтааст. [64, 102].

Инак, таркиби якуми сохтор-заминаи ҷаҳонбинии илмӣ. Дуюм, таркиб-худифодакунии шахсият тавассути рушди ҷаҳонбинии илмӣ, алалхусус тавассути намудҳои гуногуни санъат. Фаъолияти ҷустуҷӯӣ низ метавонад то сатҳи санъат, то худифодакунӣ расад. Набояд фаромӯш кард, ки ҳангоми драмакунонӣ инсон ба нақши қаҳрамон ворид шуда, ҳангоми ба забон овардани луқма (реплика) вай то худифодакунии андешаи ғоявии муаллиф рафта мерасад. Инро ҳамзамон ороиш додан гуфтан мумкин аст, вақте инсон расми сужети як лаҳзаи амалро дар қисса мекашад, дар заминаи тасаввурот ва таҷрибаи ҳаётӣ, албатта, дониши ҳаётӣ ягон чизи худиро ворид месозад, ягон чиз аз шахсияти хеш, аз назари ҳаётии худ, аз фаҳмиши қаҳрамон ё воқеа, ки ин худифодакунист [94, 118].

Худифодакунӣ – иншост, ҳатто басо сода бошад ҳам, хонанда дар бораи рӯзҳои хурсандии таътил нақл ё манзараи табиатро тасвир мекунад. Дар иншо муаллиф хоҳад ё нахоҳад ҳама вақт шахсияти нависанда ифода мегардад. Ин зебогии нозуки эстетикие, ки хонанда онро қабул кардааст, муҳаббат ба одамон ё ба ҳайвонот, хурсандӣ аз амал ё рафтори хуб, қабул надоштани бадӣ ё дурӯғ, бефарқӣ ва бетарафӣ буда метавонад. Худифодакунӣ тавассути шаклҳои гуногуни иншо тасвир мешавад: аз мушоҳидаҳои ҳаётӣ, аз рӯи мусаввара, андешаҳо дар бораи китобҳои хондашуда ё кинофилму спектаклҳои тамошокарда, ҳатто пур кардани

рӯзнома. Расми худӣ бо табаит ё тасаввурот, шеъри худӣ, бадоҳатан хондани афсона, шӯхӣ, ҳаҷв, дубайтӣ, қиссаҳои даҳшатнок ва ғайра амалҳо ба ҳама гуна инсон дастрас буда, имконияти худифодакуниро фароҳам меоварад.

Шахсият худро дар манзари хониш ва оҳанги (овози) диалог, ҳатто ҳусни хат ифода мекунад.

Сеюм таркиби сохтор–элементҳои фаъолияти баҳодиҳӣ дар лоиҳагирӣ, ҳамчунин, банақшагирӣ дар омӯзиши назарияву амалияи забон маҳсуб мешавад.

Ба ин таркиб намудҳои зерини фаъолият ворид мешаванд:

а) назорат аз болои зуҳуроти забонӣ, таркиби овозии калимаҳо, истифодаи калимаҳо дар аҳамиятнокӣ, сохтори матн ва алоқаву муносибатҳои он, муайян кардани нишонаҳои хусусиятҳои фарқкунандаи зуҳурот, ҷамъбасти сода ва дар ин замина модуликунонӣ;

б) тартиби сохтори забонӣ–ҷадвал, модул, тарҳу шаклҳои гуногун, алгоритми ҳалли вазифаҳои грамматикӣ-имлоӣ ва лексикӣ-синтаксисӣ аз рӯи қоида ва ғайра, аммо бо дараҷаи афзоишёбандаи мустақилияти маърифати таълимгиранда дар ин тартибҳо, ки бе ин таълимгирандаро аз сатҳи иҷрочигӣ ва догматики шинохт дур кардан имконнопазир аст;

в) ҷобаҷогузорӣ (конструировании) ба фаъолияти сухангӯӣ низ дахл дорад–ин тартиби ҷумлаҳои нави мураккаб, таҳияи матнҳои таъйиноташон гуногун, таҳияи нақшаҳои шаклашон нав, таҳияи гардишҳои образиву бегонагӯии (иносказательных) сухан, тартиби исбот ва дигар фигураҳои мантиқӣ, муқоиса, силогизмҳо, муҳокима ва андешаронӣ. Ҳар хонанда маводи таълимиро ба сатҳи фарҳанги интеллектуалии худ мувофиқ кунонида, онро азхуд мекунад. Бинобар он сатҳи эҷодиёт, захираи луғавӣ ва тасаввурот комилан ҳархела мешавад.

Фардинокӣ– ҳаёти ба худи хоси инсон аст, ки дар ҷустуҷӯи идеал ва интихоби роҳи ҳаётии хеш татбиқ мешавад. Ҷомеаи бачагӣ аз калонсолӣ бо зерфарҳанги худ, аҳамияти ҳаётиву андешаҳо моҳиятан фарқ мекунад. Бачагон худро ташаккул дода, дар баробари ин дар раванди муносибатҳои

бачагона идеалҳо, арзишу ҳадафи ҷомеаи оянда калонсолонро ба вуҷуд меоранд. Бинобар он таълимро дар шакли он фаъолияте бояд тартиб дод, ки барои мактаббачагони хурдсол натиҷаи ниҳоии таълим ҳамон вақт аҳамият пайдо кунад, ки вақте ӯ дигаронро на танҳо аз рӯи раванди фаъолият, ҳамзамон вобаста аз малакаи шахсӣ ва рафтори хуб баҳо медодагӣ шавад. Дар ин радиф ҳар кӯдак ҳолати муваффақиятро чӣ тавр паси сар кардан, қаноатбахш будан аз натиҷаи бигзор калон набошад ҳам, мустақилона ба даст овардааш муҳим аст. Маҳсули рафтори бачагона бояд ҳатман арзиш ва фоиданокии шартиро дошта бошад [19, 64, 120, 124]. Рушди ҷаҳонбинии илмӣ дар он ҳолат самаровар мегардад, ки агар дар дохили он зарурати азхудкунии маҳорату малакаи зарурӣ пайдо шавад. Масалан, кӯдак шеър ё воқеаи аҷибро иншо мекунад. Барои ин вай бояд нависад ё расм кашад. Дар ин ҳолат диққати шахси калонсол бояд ба ташкили шароити мусоид ба синну соли кӯдак равона карда шавад, на ба азхудкунии шахсии дониш. Талабот ба азхудкунии дониш ва азхудкунии маҳорат дар ниҳоди кӯдак бояд дохили фаъолияташ пайдо шавад, ки барояш аҳамият дорад.

Бо татбиқи барояш манфиатдоштаи фаъолият, кӯдак имкони на танҳо худро ба «талабот» - и фардинонокии худӣ ба монанди хусусиятҳои мизоҷ, сабабу қобилият ва ғайра равона кардан пайдо мекунад, балки ҳаёти ҳар хонанда дар мактаб ба дигарон монанд набудан равона карда шудааст.

Омӯзгор ба хонанда имкони интихоби озоди ташкили ҳаёти шахсӣ, яъне, ки ӯро ба ҳолати пурзӯрсозии дониши ахлоқӣ оид ба ҳамаи масъалаҳои ҳаёт вогузошта, ба ӯ кӯмаку дастгириҳо мекунад. Таҷрибаи ҳаётии бо арзишҳои олӣ муттаҳидшуда тавассути ин арзишҳо ба хонанда дода мешавад. Арзиш ҳосил намешавад ва қотеъона шахсӣ аст. Ҷобаҷогузории муттаҳидшавӣ ва интихоби арзишҳо беохиранд. Аммо, нақши педагог дар ноумедии тамоми маҷмӯъи бисёррангаи арзишҳо маҳсуб мешавад. Ошкор сохтани моҳият, муҳтаво ва азнавсозии ҳамкории предметӣ-объективии кӯдак дар ҳамкории арзишӣ-субъектӣ: кӯдак–мавҷудоти зинда, кӯдак–табиат, кӯдак–инсони дигар.

Педагог маҳз муносибат ба арзишҳоро мушоҳида, қабул, ислоҳ мекунад. Дахл кардан ба шахсият тавассути ин муносибатҳо амалӣ мешавад, кадоме ки ҳам кӯдаку ҳам педагог оянда ба сифати шахсиятҳои пешбарандагони ин муносибатҳо мешунавонанд. Дар асоси муҳтавои таълим муносибатҳои арзишӣ муқаррар шуда, баҳои калонсол ба кӯдак–усули асосии таълим маҳсуб меёбад [74, 95].

Педагог бояд дида, хонда, баҳо дода, ислоҳ карда, бой гардонида тавонад, сохтори муносибати кӯдакро ба ҷаҳон рушд диҳад. Дар раванди таълим рушди мақсаднок, ҷаҳонбинии илмии кӯдаконро бояд тартиб дод.

Ин раванд осон ва табиист, мактаб чун маркази маърифатноксозии барандаи арзишҳои илмиву фарҳангист. Ин раванд ба тартибдаророрию ба низомдарорӣ тобеъ шуда наметавонад. Агар одамони дар соҳаи маориф коркунанда «дорои» арзишҳои илмиву фарҳангӣ набошанд, пас дигар ягон технологияи инноватсионии таълим кӯмак расонида наметавонад.

Омили якуми барқароршавии ҷаҳонбинии илмӣ интихоби маводи ахлоқиву моддӣ аст. Вақте калонсолон назди ин ду қарор мегиранд, албатта, онҳо некиву ҳақиқат ва зебоиро дар тамоми зуҳурот интихоб мекунанд.

Агар дар мактаб арзишҳои ахлоқӣ арзишҳои моддиро афзалӣ кунад, пас ҳар хонанда дар рӯҳияи арзишҳои олии ахлоқӣ ва вобаста аз ҳолатҳои зиндагӣ таҷрибаи шахсӣ пайдо мекунад.

Омили дуюми рушди ҷаҳонбини илмӣ зиндагии бевоситаи бачагон бо муҳити воқеии ҳақиқат аст. Шарти ин гуна зиндагӣ ошкорсозии педагогии муҳтавои муносибати кӯдак дар предмети моҳияти инсонӣ, «дар одамикунонӣ» - и ҳаёти ҷорӣ, предметҳои муҳит ва воқеаҳои рухдиҳанда маҳсуб мешавад: педагог воқеаҳоро чун фарҳанги зиндагиву илмӣ бадеӣ намуда, алоқамандии ҳар кӯдакро ба он нишон медиҳад. Ин масъалаи зист басо оддӣ, ба монанди оне, ки қабули бетаҷрибагиву бекасбӣ фарқ кардани педагогро аз назоратчӣ қобил нест. Зеро, ҳарду фаъолияти бачагонро ташкил мекунанд ва аксар вақт сифати натиҷа якхела аст [125].

Фарҳанг чун як намуди имконият, чун нерӯе вуҷуд дорад, ки метавонад худро вонамуд насозад. Масалан, иҷрои вазифа аз рӯи фанҳо маънои тасдиқи меҳнати интеллектуалиро надорад. Ин ҳолат танҳо дар фаъолияти воқеии хонанда ба вуқӯъ мепайвандад, ки сабаби ахлоқӣ ва ҳадафи бунёдӣ-эҷодӣ дорад («Ман он кореро мекунам, ки бе он раванди ҳаёт халалдор гардад. Бо он бошад, ҷараёни зиндагӣ беҳтар мешавад» [101].

Омили сеюм барқарор ва рушди ҷаҳонбинии илмӣ тафаккури худи субъект, муҳтаво, шакли зуҳур ва аҳамияти умумии арзиш дар ҳаёти инсон аст. Ин ҳолат дар фаъолияти шахсӣ-тасмимгиранда, вақте шахсият бо ҷаҳони воқеӣ ҳамкорӣ намуда, объекти ҳамкориро барои ҳаёти шахсӣ ва ҳаёти инсон баҳогузорӣ мекунад.

Ҳамин минвол, ҷараёни таълимро бо ҷаҳонбинии илмӣ бояд пурра сохт. Вай объекти диққату эътибори педагог аст, вақте он бо бачагон ҳамкорӣ дорад. Ин ягон зарра арзиши худи бачаро паст намекунад, зеро худи ӯ низ дар муомила бо педагог мақсади рушд додани ҷаҳонбиниашро тавассути шинохти ҷаҳон дорад. Педагог ва кӯдак ду субъекти ҷаҳонбинии илмианд. Онҳо барои ҳамдигар маҳз чун барандагони ҷаҳони махсуси мустақил бо сохтори махсуси муносибат, аъло аз дигарону мавқеъ нисбати ҷаҳон қиматанд.

Бе таълим кадоме ки донишу малакаи зиндагӣ кардан дар ин ҷаҳонро меомӯзад, рушди ҷаҳонбинии илмӣ ғайримкон аст. Объект барои шахсият танҳо дар он ҳолат арзиш пайдо мекунад, ки агар муҳити зистро шиносад. Мо ба чунин хулоса омадем, ки асоси педагогии технологияҳои инноватсионӣ парадигмаҳоанд. Мушкилоти истифодаи ин се парадигмаҳо дар ҳолати истифодаи пурраи онҳо дар таносуби зерин беҳтарин натиҷа хоҳад дод: эмпирикӣ–15 фоиз, алгоритмӣ–20 фоиз, стохастикӣ–65 фоиз. Қисми зиёди технологияҳо дар парадигмаи эмпирикӣ ба беҳдошти бахотиргирӣ равона шудаанд. Ҳар муайянсозӣ дар дарсҳо аз тарафи муаллим фаҳмонида, баъд онро хонандагон аз ҳар қатор, ки маводро хуб дар хотир гирифтаанд, такрор мекунанд. Баъди ин хонандагони паси як парта нишаста

маводи азхудкардаашонро ба якдигар нақл мекунанд. Дар ҷараёни таълим 15 фоизи соати дарс (аз 3 то 5 дақиқа) бояд ба азнавтакроркунии (воспроизводства) дарс дар сатҳи эмпирикӣ ҷудо карда шавад.

Дар технологияи инноватсионӣ, ки элементи дарсро дар шакли суҳбат гузаронидан мумкин аст, омӯзгор саволҳои интихобшударо медиҳад, хонандагон бошанд, баробари ҷавоб додан ба саволҳо дар хотири худ лаҳзаҳои муҳими дарсро мустаҳкам месозанд. Элементи муҳими технологияи парадигмаи алгоритмӣ дафтари чопӣ аст. Сохтору муҳтавои он ҷавобгӯи принсипҳои назарияи ташаккулёбии давра ба давраи амалҳои ақлонист. Саҳифаҳои он барои ҳалли вазифаҳои як намуд ҷудо карда мешаванд. Дар ҷараёни дарс 20 фоиз (6-7) дақиқаи онро метавон ба ҳалли вазифаҳои сатҳи алгоритмӣ ҷудо кард. Парадигмаҳои номбаршуда қувваи пешбарандаи рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда тавассути имкониятҳои муҳтавои таълим маҳсуб мешавад. Дар баробари ин то ин ки дастурҳои арзишии аз муҳтавои таълим гирифта, ки ба ҷаҳонбинии хонандагон таъсиррасон асту дар хотир нигоҳ дошта шаванд, бояд пурра дар муносибатҳои илмӣ ва фаъолияти таълим истифода бурда шаванд. Танҳо дар ин ҳолат ҳамкорӣ дар ҷодаи «омӯзгор-шогирд», «шогирд-омӯзгор» мутобиқи аҳамияти пурраи ин намуди фаъолият амалӣ мегардад. Дар баробари ин ҳар хонанда сатҳи ҷаҳонбинии илмии худро хуб маърифат мекунад.

## 1.2. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Ҳадафи асосии рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон мутобиқшавии онҳо ба муҳити зист аст. Усулҳои мутобиқшавиро олим Ж.Пиаже ҷадвалҳо меномад. Ҷадвал сохтори такроршаванда ё ташкили амалҳо дар ҳолатҳои типикиро мемонад: ҷадвал метавонад аз нақшаҳои оддӣ таркиб ёфта, дар худ маҷмӯи маҳорати мураккаби ҳаракатдиҳанда, малакаву амалҳои ақлониро

фаро гирад. Амалиёт–мафҳуми марказии назарияи Ж.Пиаже [126] буда, раванди рушди интеллектро мефаҳмонад. Зери мафҳуми амалиёт амали мафкуравии дорои хусусиятҳои хос–баргарданда аст, ки аз иҷрои амали зарурӣ кӯдак метавонад ба оғози он тавассути иҷрои амали акс баргардад. Ин гуна амалҳои баргарданда чӣ бевоситаю чӣ баръакс иҷрошаванда аксар амалҳои ҷуфти математикӣ мебошанд. Моҳияти рушди ҷаҳонбинии илмии кӯдакро огоҳ будан аз амалиётҳо ташкил медиҳад [126]

Механизмҳои асосие, ки бо ёрии онҳо кӯдак аз як давраи рушд ба дигараш мегузарад–амалҳо бо предметҳои нав мутобиқи маҳорату малакаи то ин дам ҳосилшуда аст. Ин кӯшиш худи малакаву маҳоратро мувофиқи тағйирёбии вазъият дигаргун месозад. Дар натиҷа аккомодатсия дар рӯҳияву рафтор баробарвазнии халадоршуда аз нав барқарор мешавад. Аз ҳисоби ассимилятсияи аккомодатсия ва баробарвазнӣ рушди когнитивии бачагон сурат мегирад. Ин равандҳо тӯли тамоми умри инсон вуҷуд хоҳанд дошт. Бино ба ақидаи рӯҳшиносон агар ассимилятсия аз аккомодатсия афзалӣ кунад, сустии тафаккуру рафтор сар мезанад. Баръакси он вақте аккомидатсия аз ассимилятсия афзалӣ мекунад, амалҳои устувори ақлӣ ва амалиётҳо ташаккул наёфта, рафтор ғайрипайдарҳамӣ ва ботартиб мешавад. Баробарвазнӣ байни ин равандҳо муттаҳидшавии оптималии онҳоро мефаҳмонад. Ҳанӯз, ки ассимилятсия ва аккомидатсия дар ҳолати баробарвазнӣ қарор доранд, метавон дар бораи рафтори боақлона ҳарф задан мумкин аст. Дар акси ҳол вай хусусиятҳои интеллектуалии худро гум мекунад. Ноил шудан ба баробарвазнии фундаменталии байни ассомилятсия ва аккомидатсия вазифаи мушкил буда, ҳалли он аз сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмии субъект, аз мушкилоте, ки бо онҳо рӯ ба рӯ меояд, вобастагӣ дорад. Ин гуна баробарвазнӣ бояд дар тамоми давраи рушди ҷаҳонбинии илмӣ мавҷуд бошад. Ж.Пиаже [126] чаҳор давраи рушди ҷаҳонбинии илмии бачагонро муайян кардааст:

–давраи сенсомоторӣ;

–давраи тоамалиётӣ;

–давраи амалиётҳои аниқ;

–давраи амалиётҳои расмӣ.

Дар давраи сенсомотории рушд бо мушкилоте, ки кӯдак рӯ ба рӯ мешавад, ба рушди забон алоқаманд аст. Дар давраи амалиётҳои аниқ кӯдак қобилияти иҷрои амалиётҳои мутобиқшавӣ ва амалиётҳои баргардандаро, ки мутобиқи қоидаҳои мантиқӣ амалӣ мешавад, касб менамояд. Бачагони ин сатҳи рушдро ноилшуда аллакай метавонанд баёноти мантиқии амалҳои иҷрокардаашонро дода метавонанд. Қодир ҳастанд нуқтаи назари худро тағйир диҳанд. Онҳо дар баҳогузории худ нисбатан фаъолноктар мешавад.

Дигар аз тавсифи муҳими ин давраи рушди ҷаҳонбинии илмӣ қобилияти батартибдарории объектҳо аз рӯи ягон нишонаи ченак, масалан, аз рӯи вазн, ранг ё бузургӣ маҳсуб мешавад. Дар назарияи Пиаже ин қобилиятро «силсилавӣ» меноманд. Кӯдак аллакай мефаҳмад, ки бисёре аз истилоҳҳои ифодакунандаи муносибат хусусиятҳои комил неву нисбии иншоотҳоро тавсиф мекунад, аниқтараш он сифатҳоеро, ки дар объектҳои мазкур зуҳур мекунанд.

Бачагони ин синну сол қобиланд предметҳоро ба синфҳо муттаҳид карда, аз онҳо зерсинфҳоро бо ифодаи калимаҳо ҷудо кунанд. Дар баробари ин бачагони синнашон то 12-сола ҳанӯз муҳокима карда наметавонанд. Онҳо бо истифодаи мафҳумҳои номуайян ба муҳокимаву тахминҳо ё воқеаҳои тасаввуркунанда такя мекунанд.

Се омили асосии ба рушди интеллекти кӯдак таъсиррасон бино ба ақидаи Ж.Пиаже инҳо аст: пухта расидани (ба балоғат расидан) таҷриба ва амали муҳити иҷтимоӣ аз ҷумла, таълим ва тарбия. Муваффақияти таълим аз сатҳи рушди кӯдак ба дастоварда вобаста аст. Агар ӯ ба давраи амалии сатҳи рушд наздик шуда бошад, аниқтараш, муносибатҳои теъдодиро фаҳмида тавонад, ин ҳолат барои расонидан ба мафҳуми нигоҳдорӣ комилан басанда аст.

Самараи пухта расидан тавре Ж.Пианже меҳисобад, асосан дар ошкор кардани имконниятҳои нав барои рушд маҳсуб меёбад, на дар татбиқи амалии онҳо [126, с.86].

Ба рушди ҷаҳонбинии илмии бачагон, ҳамчунин, ба таҷрибаи таҳкими тарбия консепсияи таҳиякардаи олими Амрико Ҷ.Брунер таъсири калон расонд. Вай аз тасаввуроте, ки фарҳанги бачагӣ ва забон дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон нақши муҳим мебозанд, бармеомад. Барои он ки бачагон то сатҳи донистани амалиёти илмӣ расанд, бояд, ки таълим дар сатҳи абстрактӣ-назариявӣ бурда шавад. Ин ду намуди сохтори тасаввуроти иттилоотро тақсим мекунад: аниқ (конкрет)-номуайян (абстракт).

Олими амрикоӣ Паскуал Леоне тахмини худро дар бораи мавҷуд будани қувваи махсуси интеллектуалӣ-сababӣ (мотивация) гуфта, онро қувваи эътибор номида буд. Ин қувва чун теъдоди ниҳоии (максимум) ҷадвалҳои интеллектуалӣ муайян шуда буданд, ки метавонанд дар инсон дар ҳолати пайдошавии мушкилоту вазифаҳо аҳамият пайдо кунанд.

Қувваи то ба охир рушднакардаи эътибор ба ақидаи Паскуал Леоне заифии интеллект маҳсуб мешавад. Бачагони синни хурди мактабӣ потенсиали муайяни рушди ҷаҳонбинии илмиро дороанд. Бо роҳҳои гуногун ҳал шудани ин масъала, ки аз тарафи олимони педагог ва омӯзгорони соҳибтаҷриба пешниҳод мегардад, бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар дарсҳо алоқаманд аст. Дар давраи таълим дар мактаби ибтидоӣ прогрессии рушди ҷаҳонбинии илмӣ бисёр ҳам ба назар намоён аст: аз доминатсия андешаи (тафаккури) назарӣ-амалӣ ва элементарии образӣ то сатҳи фаҳмиши рушд. Субъект аз тафаккури қашшоқи мантиқӣ то андешаи шифоҳӣ-мантиқӣ рафта мерасад.

Ба андешаи олими амрикоӣ Ҷ.Брунер рушди маҷмӯии ҷаҳонбинии илмии бачагон дар синни хурди мактабӣ ба якчанд самтҳои гуногун меравад:

–азхудкунӣ ва истифодаи фаъоли забон чун воситаи тафаккур;

–муттаҳидшавӣ ва ҳамдигарро пурра сохтани тамоми намудҳои тафаккури ба ҳамдигар таъсиррасон: назарӣ-амалӣ, назарӣ-образӣ ва шифоҳӣ-мантиқӣ;

–ҷудокунӣ: ҷудошавӣ ва рушди нисбатан мустақил дар раванди интеллектуалӣ ду марҳала, аниқтараш марҳалаи тайёриву иҷрогӣ [16, с.46].

Дар марҳилаи тайёрӣ ҳалли масъала бо таҳлили шартҳои он амалӣ гардида, нақша таҳия мешавад. Дар марҳалаи иҷро бошад, ин нақша татбиқ мешавад.

Натиҷаи бадастомада бо шартҳову мушкилоти аз шартҳои вазифаи гузошташуда бармеомада муқоиса карда мешавад. Таҷрибаи бисёрасра чандин усулҳои таъсиррасонро ошкор кардааст, кадоме ки бо мақсади рушди ҷаҳонбинии илмии шахсият, тайёр намудани ӯ барои зиндагӣ кардан дар ҷомеа истифода шудаанду мешаванд.. Барои иҷрои меъёрҳои муқарраршуда дар ҷомеа истифодаи ин гуна усулҳо ба монанди фармон, дастур, таҳдид ва ғайра эътироф шудаанд. Агар принсипи рушди максималӣ -субъективии мактаббачаро ҳамчун асос қабул кунем, аниқтараш, чунин сифати шахсиро, ки қобилияти таносуби «ман»-ро бо муҳити атроф тавсиф мекунад, пас сохтори нави таъсиррасониро пешниҳод ва муқаррар кардан лозим аст, ки моҳиятан ба шаклҳои дигари ҳамкории байни хонандагон таъсир мерасонад.

Масалан, «илтимос» (ба ҷойи «фармон» шаклест, ки барои як андоза фаъолнокии субъект ба ҳисоб гирифта шудааст. Вақте мегӯянд: «Хоҳишмандам…», «Марҳамат карда…», «Оё наметавонед, ки…» маънои онро дорад, ки субъект мустақилона ҳал мекунад, оё ӯ иҷрои хоҳишро мехоҳад ё рад мекунад, ё дар худи шакл имкони рад кардан вогузошта шудааст. Фармон ин гуна имкониятро намедиҳад.

«Маслиҳат» (ба ҷойи «қарор») шакле, ки ба педагог имкон медиҳад ягон намуди рафторро дастур диҳад, кадоме, ки барояш дар ҳолати бавуҷудомада қобили қабул аст. Аммо, ба ин нигоҳ накарда, хонандаро ба иҷрои он вазифадор намекунад, ки ба андешаи педагог қарор оқилона аст. «Маслиҳат» ба хонанда имкони мустақилият ва интихоби фардиро бо фармоиши иҷтимоӣ

муқоиса кардан медиҳад. «Ман ба Шумо маслиҳат медиҳам, ки…», «Ба ту маслиҳат аз одами таҷрибадида ин аст, ки…» –ин гуфторҳо вазъиятро боз ҳам тезутунд сохта, хонандаро маҷбур месозад, теъдоди афзуншавандаи вариантҳои рафторро андеша кунад.

«Сӯҳбати боваринок»–табодули афкор дар заминаи боварӣ ба якдигар гузаронида мешавад. Ин усул ошкор буданро ҳидоят карда, ба педагог имкон медиҳад ҳолати кӯдакро фаҳмад ва ба ӯ ёрии амалӣ расонад. Воқеан ҳам кӯмак аллакай расонида шуда буд, ки хонанда тавонист худро ифода кунад, дар нақши субъекти рафтори шахсиаш бозад. «Эътибор» ба арзишҳо (ба ҷойи «танқид») ҳангоми суҳбат бо хонанда қайд кардани тарафҳои мусбӣ дар ӯ бовариро ҳосил намуда, нисбати изҳори ақидаҳои шахсӣ ва зоҳир намудани муносибаташ ҷасорат пайдо мекунад. «Ту ана ҳамин хел қобилиятнокӣ…», «Бо санҷобкории ту…», «Завқи баланди шумо…» ва ғайра монанди ин гуна баҳодиҳӣ аз ҷониби педагогҳо хонандаро рӯҳбаланд месозад. Аз ин пас ӯ барои эҳтиёт кардани дастовардҳояш тамоми имконияту қувваҳояшро сафарбар менамояд.

«Таваҷҷӯҳ» амали ошкоро (ба ҷойи ёрлиқ (ярлык») хайрхоҳиро ифода намуда, ҳамкориро бо шогирд гарм ва ҳусни тоза мебахшад. Ин амал завқи шогирдро оварда, ба омӯзгор муяссар мегардад, ки тамоми захираву имкониятҳои шогирдашро ошкор созад. Ибораҳое ба монанди «Аз дидоратон шодам…», «Аз суҳбат бо шумо қаноатмандӣ ҳосил мекунам…», «Бо гурӯҳи Шумо кор кардан ба ман маъқул аст…» (бояд гуфт, ки аз ин гуна амал набояд тарсид, ки гуфтори шумо аксуламали шогирдро ба вуҷуд меорад) риштаҳои ҳамбастагии устоду шогирдро мустаҳкам месозад, онҳоро ором мекунад, хавотириро барҳам медиҳад.

«Мунъакиси натиҷа» (ба ҷойи таҳдид)–тасвири амалҳои шахсӣ ба хонанда масъулият вогузор намуда, қобилияти ифтихормандиро аз натиҷаҳои амал вусъат мебахшад. «Агар ту… он вақт туро», «Агар Шумо… он вақт зарур мешавад» ин гуна тахмингӯиҳо хонандаро ба интихоб водор мекунад

ва онҳо маҷбуранд интихоб кунанд, то он ки худро субъекти воқеаи рухмедода маърифат намуда, масъулиятро ба калонсолон вонагузоранд.

«Худро ба ҷойи шогирд гузоштан» (ба ҷои омӯзонидани ахлоқ) сабабҳои ҳаракаткунандаро фаҳмидан, ҳолати ӯро фаҳмидан, мантиқи исботро заминагузорӣ кардан. «Ман ҳам қаблан фикр мекардам, ки…» ин гуна шакли таъсиррасонӣ ягонагии одамонро, умумиятро дар тақдири онҳо, монандии ғуссахӯрӣ, ҳамдардӣ, дӯстиро ба вуҷуд оварда, фосила кӯтоҳ ва сатҳи муносибатҳо баробар мешаванд.

«Муҳокимаи баробар» (ба ҷойи сар тофтан аз ҳалли мушкилот) ҳолати маърифатшуда, табодули афкор дар бораи натиҷаи он, табодули иттилоот дар бораи ҳолат, зуҳурот, раванд, воқеият, ҳолат.

«Вогузор намудани ваколат» (ба ҷои «сарпарастӣ») ба шогирд пешниҳод намудани ҳуқуқҳое, ки аз уҳдадориҳояш бармеояд, муайян намудани хусусиятҳои фардии шахсияти хонанда, ки ин гуна ҳуқуқҳоро ба ӯ медиҳад, ташаббус ва қувваи эҷодии ташаккулдиҳандаи шахсиятро ривоҷ мебахшад, чораҳои ҳамкории фаъолашро бо ҷаҳон пурзӯр месозад [29, 46, 89, 101].

««Эътибор» ба натиҷаи фаъолият» (ба ҷойи эътибор ба муваффақияти шахсӣ)–тавсифи натиҷаи воқеии кори иҷрошуда самтнокии кориро рушд мебахшад, худталабкунии баландро ба фаъолияти шахсӣ ва хонандаро барои ноил шудан ба сифати баланди ҳама гуна корҳо тайёр мекунад.

Дар мактаб бошад, қобилияти худро танзим кардану худназоратиро ташаккул медиҳад, ки барои шахсияти дар ҷомеаи муосир зиндагикунанда муҳим арзёбӣ мегардад.

Ин ду гурӯҳи усулҳои таъсиррасон дар намуди ҷадвал оварда шудаанд. Дар он нишондиҳандаҳои эҳтимолии рушди ин ё он нишонаҳои шахсият ҳангоми истифодаи ин ё он усули таъсиррасонӣ оварда шудаанд, ки бе онҳо раванди таълим муҳтавонокии худро аз даст медиҳад. Барои ҳалли мушкилоти рушди ҷаҳонбинии илмии субъектҳо истифодаи тамоми маҷмӯъи таъсиррасонӣ муҳим аст. (ҷадвали 1).

| Усулҳои ичтимоӣ-асоснокшуда | Натичаҳои эҳтимолӣ ҳангоми сураъти (чафсии) баланд | | Усулҳои индвидуалӣ-асоснокшуда |
|---|---|---|---|
| 1 Фармон | Сустӣ | Фаъол | Хоҳиш |
| 2 Қарор | Бемустақилият | Мустақилият | Маслиҳат |
| 3 Пурсиш | Пинҳонӣ | Ошкоро | Сӯҳбати боваринок |
| | | | |
| 4 Танқид | Хавотирнок | Боваринок | Ботаваччӯҳӣ |
| 5 Тамға | Агрессивность | | |
| 6 Таҳдид | Тарс | Хайрхоҳ | |
| | | Масъулият | Сурати натичаҳо |
| 7 Ахлоқомӯзӣ | Мубориза | Дӯстӣ | Ба вазъият даромадан |
| 8 Рӯй тофтан аз ҳалли масъала | | | дигар истодан |
| Ҳалли мушкилот Мушкилот-муаммо Мушкилот-масъала | | | Якчоя, баробар муҳокима кардан |
| | Чудо кардан | Муҳофизат | муҳокима кардани вазъият |
| 9 Гиперпарасторӣ | Ба камолот нарасидан | | |
| | | Ташаббуснокӣ | Супоридани ваколат |
| | | | |
| 10. Таваччӯҳ ба муваффақиятии шахсӣ | Рухсат додашуда | Худтанзимкунӣ | Таваччӯҳ ба натичаи фаъолият |
| | | | |

Чадвали 1. Усулҳои таъсиррасонӣ ба хонанда дар мактабҳои шакли инноватсионӣ

Образи ҳаёти инсон дар чомеаи мо, шартҳои зисти ӯву муҳит моҳиятан ба самти рушд таъсир мерасонад ва тағйир медиҳад. Дар натичаи фаъолияте, ки инсон амалӣ месозад, навгониҳо ба вучуд меоянд. Онҳо омилҳои пешбарандаи рушди интеллектуалӣ ва чаҳонбиниашон мегарданд.

Шартҳои зарурии рушди чаҳонбинии илмии шахсият, азхудкунии донишҳои ахлоқӣ дар раванди таҳлил ва баҳогузории амалҳо, муносибат ва сифати одамони атроф ва худи ӯст. Олим Л.И.Божович чунин меҳисобад, ки инсон шахсият шуда, соҳиби чунон сатҳи рушди ақлонӣ аст, ки ӯро қобили ифодакунии рафтор ва фаъолияти худ мегардонад. Аниқтараш, дар ӯ механизми худтанзимкунӣ дар заминаи донишҳои воқеию ҳарчониба нисбати худ асосёфта ташаккул меёбанд [65]. Олим С.А.Рубенштейн

мафҳуми шахсиятро муайян карда, ба сифати нишондиҳандаи муҳимтарин маърифатнокии муносибати субъектро нишон медиҳад. Шахсият танҳо он инсоне буда метавонад, ки бо образи муайян ба муҳити зист муносибат мекунад, муносибати хешро дониста тавре муқаррар месозад, ки он дар тамоми моҳияти он зуҳур меёбад [135].

Маърифат кардани худу муносибати хеш бо атрофро таҳлили муҳокимаи асосҳои амали хеш, рафтор, аниқтараш, сатҳи муайяни рушди дудилагиро меноманд. Бинобар он муайян кардани он муҳим аст, ки одат дар чӣ зуҳур меёбад ва чӣ тавр дар олами шахсият амал мекунад, нақши дудилагӣ дар муқаррарсозии фарҳанги худи шахс чӣ гуна аст?

Амал кардани дудилагӣ дар ҷаҳони шахсро дар маводи баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳии сифати шахсият омӯхтан мумкин аст [33, 54, 135].

Баҳодиҳии нисбатан устувору монанд ва одатӣ дар хонандагон бо сатҳи баланди рушди ҷаҳонбинии илмӣ ба мушоҳида мерасад. Ин гуна хонандагон ба сифати воситаи худбаҳодиҳӣ одатан таҳлили объекти фаъолият ва усулҳои азнавташкилдиҳии онро истифода мебаранд, ки боваринокии амалҳои муназзами худбаҳодиҳиро пурзӯр месозанд. Ба сатҳи пасти рушди ҷаҳонбинии илмии шахсият норасоии дудилагии худбаҳогузорӣ, категориянокии баланди он ва ғайримонандро мувофиқат мекунад. Хонандагони сатҳи ҷаҳонбинии илмиашон паст тавассути худбаҳодиҳӣ ба тарафҳои натиҷаноки фаъолият рӯ меоранд, ки ба боваринок набудани натиҷаи охирон чун воситаи худтанзимкунӣ оварда мерасонад.

Хонандагонро бо усулҳои умумии таҳлили маводи таълим, усулҳои худбаҳодиҳӣ омӯхта, мо ҷаҳонбинии илмии онҳоро рушд мебахшем. Тавре таҳқиқ нишон медиҳад, хонандагони мактабҳои ибтидоӣ аз якдигар бо сатҳи ташаккулнокии баҳогузорӣ ва худбаҳодиҳӣ ҷаҳонбинии илмии шахсиашон фарқ мекунанд. Як зумра бачагон аллакай аз доираи васеи ченакҳои баҳодиҳӣ ба таври кофӣ истифода бурда метавонанд, бо зоҳир нашудани сатҳи баланди дудилагӣ онро муқоиса ва ҷамъбаст карда метавонад. Дигарон бошанд, теъдоди маҳдуди ин ченакҳоро истифода бурда, субъективнокӣ ва

шавқмандӣ дар интихоби онҳоро зоҳир намуда, онҳоро муқоиса ва асоси баҳоро ҷамъбаст намекунанд. Таҳлили маълумотҳо имкон дод баъзе маълумотҳо дар ҳамбастагӣ бо хонандагон муайян карда шавад. Ин дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон интихоби ҳамсолонро ба нақши хонандаи манфӣ рад ва тавсифи манфиро сабуктар месозанд. Онҳо ояндаи рушди «бад»-ро ба хубӣ дида метавонанд.

Воқеиятнокӣ ва далелнокии муҳокимаҳои баҳодиҳӣ аз як тараф дар мувофиқат омадани ақидаи як нафар бо нафари дигар, дар маҳорати гуфта тавонистану асоснок намудани назари махсуси худ нисбати сифат зуҳур мекунад. Асосноксозии андешаи шахсӣ бошад, чун қоида басо баланд аст.

Дудилагӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба сифатҳои шахсӣ бо мавҷудияти гумон дар интихоб, саҳв, аз меъёр зиёд интихоб кардани вариантҳо, муҳокимаи бисёркаратаи фикрҳои ҷудогона тасдиқ мегардад.

Тавре дар боло зикраш рафт, интихоб ба ин ё он нақш асосан дар вобастагӣ ба зоҳир намудани сифатҳо дар муомила ва ҷараёни таълим сурат мегирад. Пешниҳодҳо дар дастури вазифаҳои интихоб бо назардошти на танҳо сифатҳои воқеӣ, балки қобилияти тахминӣ ё аллакай маълум амалӣ ва басо кам нигоҳ дошта мешавад.

Нишондиҳандаҳои тавсифшудаи дудилагӣ дар баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳии сифатҳои шахсӣ умуман зоҳир намешаванд ё дар ҳолатҳои алоҳида дучор мешаванд. Ба сифати асосноксозии интихоб такрори яке аз меъёрҳои супоридашуда баромад мекунад. Далелҳое оварда мешавад, ки дар бораи нафаҳмидани хусусияти персонаж ва меъёри баҳогузории он шаҳодат медиҳанд.

Ғайридудилагӣ он гуфтаҳоеро ҳисобидан мумкин аст, ки дар онҳо ба сифати интихоби далел интиқод бо фактҳои ҷудогона ба ягон намуд таҳлилу ҷамъбасткунӣ оварда мешавад. Ба гурӯҳи ғайридудилагӣ он муҳокимаҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо баҳо ба интиқоди бевосита ба андешаи оне, ки мавқеи «зӯр» - ро ишғол кардааст, асоснок мешавад. Сатҳи ифоданокии нишондиҳандаҳои баррасишуда имкон медиҳанд, меъёри (сатҳи)

ташаккулнокии дудилагиро дар баҳогузории ҷаҳонбинии илмии шахсият муайян карда шавад. Ташаккулнокии нисбатан баланду сатҳи якуми дудилагӣ дар ин ҷода бо он тавсиф мешавад, ки вақти баҳогузорӣ ба рушди ҷаҳонбинии илмӣ амалан тамоми маҷмӯи нишондиҳандаҳо истифода мешавад. Сатҳи дуюми ташаккулнокии дудилагӣ бо мусаввараи якхела тавсиф мешавад: нишондиҳандаҳои дуилагӣ ягон-ягон зоҳир шуда, баҳои манфӣ нисбатан қотеъона садо медиҳад. Аммо малакаи муҳокимаи баҳодиҳии худӣ басо дар сатҳи баланд хос аст.

Сеюм, аз ҳама сатҳи пасти ташаккулнокӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмӣ бо тасаввурнокии минималӣ дар муҳокимаи баҳодиҳӣ фарқ мекунад.

Дудилагӣ ба ташаккули ин ё он маҷмӯи сифатҳои шахсӣ таъсир мерасонад ва баръакс, ташаккулёбии сифатҳои зарурии шахсият ба меъёри ташаккулнокии дудилагӣ таъсири худро хоҳад расонд. Маводҳои мавҷуда бозгӯи ҳамбастагии зичи он омилҳо ва сабаби ҳамҷоягист. Аз як тараф мавҷуд будани сифатҳои шахсии мусбӣ дар сохтори шахсият ва чун самараи муносибати мусбӣ ба он аз берун шароитҳои мусоидро барои рушди он дар маҷмӯъ, барои таҳлил ва додани меъёрҳои аҳамиятноки баҳодиҳӣ фароҳам меоварад.

Маҷмӯи сифатҳои манфии ташаккулёфта бо раванди зерини мухолиф вобастагӣ дорад: пайдо шудани муносибатҳои хилофатнок бо аксуламали самаранок, ҷудоӣ аз коллектив. Ин ҳама дар азхудкунии муносибатҳо ҳангоми таҳлили меъёрҳои баҳодиҳӣ, маърифат кардани хеш дар муносибат кардан бо дигарон садди роҳ мешаванд.

Аз тарафи дигар гуфта метавонем, ки сатҳи баланди дудилагӣ нисбати зуд азхуд намудани меъёрҳои баҳодиҳии аҳамиятнок ва муносибатҳои зарурӣ, муайян кардани фарҳанги шахсият, ташаккул ёфтани худбаҳодиҳӣ чун яке аз омилҳои муҳими маърифат мусоидат мекунад.

Дудилагии рушднокарда ин гуна оқибатҳо дорад: инсон ба талабот нодуруст муносибат мекунад, норасоиҳои онҳоро дида наметавонад ва нисбати ислоҳаш намекӯшад. Воқеияти ғайироддиро қайд кардан зарур аст,

ки: «аз ҳама бадтарин» бо теъдоди зиёдтарини тавсифҳои манфӣ, сатҳи баланди дудилагӣ аз баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳии сифатҳои шахсӣ дарёфт гардид. Аз афташ ин воқеият бо он тавсиф мешавад, ки «пешвоёни манфӣ» аз рушди худмаърифаткунӣ маҳрум набуда, доимо такмил меёбанд. Байни асосҳои маъруфият нисбати рушди ҷаҳонбинии илмӣ нақши муайянро ақлу дониш ҳамчунин, ин гуна сифатҳо мебозад: адолат, боваринок ба кӯмак расида тавонистан, некӣ ва ҷасорат. Таҳлили тавсифи ба якдигар додашаванда нишон медиҳад, ки се шакли тақсимоти сифатҳои афзалиятнок вуҷуд дорад: «авҷӣ»–бо зуҳури рӯшани ягон намуд сифат дар манзари нисбии тақсимоти баробари дигарон; «дуавҷа», ки дар он ду сифати пешбарро муайян мекунанд, ки онҳо метавонанд якнақшавию гуногуннақша бошанд. Аниқтараш, якдигарро пурзӯр месозанд ё ба ҳар соҳа мутааллиқанд, вақти муайянсозии сифат нисбатан баробар тақсим мешавад, кӯмак мерасонанд. Агар фаъолияти мукаммал дар ҳама гуна сатҳҳо амалӣ шавад, пас дудилагӣ ба вуҷуд меояд, кадоме, ки ба рушди шахсият дар олами ҷаҳонбинӣ таъсир мерасонад.

Назарияи муосири шинохт мафҳуми «ҷаҳонбинии илмӣ»-ро чун назаре, ки инсон ба сифати ғояҳои бовариноки дониш, консепсияи назариявӣ, тахмин тафсир мекунад, кадоме, ки зуҳури табиати ҷомеаро фаҳмонида, чун меъёри рафтор, фаъолияту муносибат хизмат мекунанд. Назарҳо барои ҷаҳонбинӣ аҳамияти калон дорад. Аксари олимон изҳор доранд, ки асоси педагогӣ ҳамчунин таълимоти педагогӣ фалсафаи маърифати илмӣ маҳсуб мешавад. Дар таҳқиқоти мо борҳо ба категорияи фалсафа рӯ меорем, аммо ин ҳаргиз маънои ба таври механикӣ илова кардани муқаррароту принсипҳои фалсафӣ, қонунҳо ба предмети ҷустуҷӯшавандаро надорад.

Муносибати илмӣ ба зуҳуроти омӯхташаванда аз муносибати тасодуфии эмпирикӣ нигоҳ медорад. Хусусияташ дар он маҳсуб мешавад, ки он на ба ҳолатҳои фалсафӣ амал мекунад, балки онро дақиқ мекунад. Ба шарофати он сохтори барои илмҳои педагогӣ хос, категорияву принсипҳо ва ғайра мегардад. Хусусияти педагогии роҳи рушди ҷаҳони илмӣ таҳқиқоти

технологияҳои инноватсионии таълиме, ки ба омӯзиши худи ҳамин роҳҳо, хоса ҳама гуна ҷодаи илми фаннӣ равона шудааст, маҳсуб мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки мушкилоти рушди ҷаҳони илмӣ ба худ диққати доираи васеи мутахассисонро, ки аз ҳар мавқеъ мекӯшанд, характеру табиати ҷаҳонбиниро муайян созанд (Л.Ф.Иличев, П.Н.Федосеев, С.М.Ковалев, В.Г.Панов) ба худ кашидааст.

Қайд мешавад, ки сохтори ҷаҳони илмӣ таркибҳои зеринро фарогир аст:

1) Таркиби воқеӣ. Ин дониш, аниқтараш намунаҳои хусусиятҳо, равандҳо, муносибати ҳақиқатноки дар хотири шахс дар шакли мафҳум, тасаввурот, ҳиссиёт, муносибат ҳифзшаванда аст. Асоси ҷаҳонбиниро дониш дар бораи табиат, ҷомеа ва инсону тафаккур ташкил медиҳад. Барои он, ки дониш ба эътиқод табдил ёбад ва вориди ҳосили умумии меъёргириҳои арзишӣ шаванд, онҳо бояд ба олами эҳсосу иродаи шахсӣ ворид шуда, андешаи субъективиро соҳиб шаванд. Ҷаҳонбинии илмӣ дар натиҷаи пайдарҳам соҳиб шудан ба дониши илмӣ-фалсафӣ, дастовардҳои илмии муосир, ҳамчунин, ҳосили усулҳои умумии маърифати ҳақиқат ташаккул меёбад.

2) Таркиби субъективӣ. Ин назарҳое, ки инсон ба сифати ғояҳои бовариноки илмӣ, консепсияи назариявӣ, фарзия аст, ки зуҳуроти табиату ҷомеаро фаҳмонида, ба ҳайси муайянкунандаи ғоя, консепсия, рафтору фаъолият ва муносибат хизмат мекунад. Назарҳо дар ҷаҳонбинӣ аҳамияти бузург доранд.

3) Эътиқод. Назарҳои сифатан баланд, ҳамчунин донистани ғоя, консепсия, назария, фарзия, кадоме, ки инсон чун ба ҳақиқат бовар мекард ва татбиқи онро ба ҳаёт зарур ва барои одамон манфиатнок меҳисобад. Биноан онҳоро ба таври эҳсосӣ ҳифз мекунад, омода аст, барои он азоб кашад, мекӯшад ба он дигаронро низ ҷалб созад, бо мақсади татбиқи онҳо қувваи иродатӣ ва корҳои амалиро истифода барад. Ба сифати эътиқод ғояҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ахлоқию эстетикӣ баромад карда метавонанд.

4) Зеҳн, ҳиссиёт. Хушнудӣ аз донистан, боварӣ ба бемаҳдудии ҳақиқат, қаноатмандии эстетикӣ ва садоқати ба эътиқоди худ аст. Эҳсосот ин хусусияти органикии эътиқод буда, биноан ҳифзи эътиқоди худ доимо бо ғуссахӯриҳои эҳсосӣ марбут аст.

5) Ирода. Элементи муҳими ҷаҳонбинӣ кадоме, ки имкон медиҳад маърифати назариявӣ (чун асоси ҷаҳонбинӣ) ва бо маърифати танқидиву амали иродатмандӣ низ муттаҳид гардад.

6) Тафаккури назариявӣ. Ин рушди қобилиятнокии инсон нисбати маърифати эҷодии дониш, зуҳуроти ҳақиқатнокӣ, такмили ҷаҳонбинӣ ва самти ирода дар татбиқи эътиқод маҳсуб мешавад [160].

Ин муайяншудаҳо зарурати рушди ин гуна сифатҳои дарккунандаи субъект ба монанди фаъолнокӣ, назари арзишӣ, муносибати оқилонаро нисбати азхуд кардани навгонӣ ба миён меоранд. Пешбарии ғояву фактҳои нав аз тарафи илму таҷриба зарурат пеш меоварад, ки ҷаҳонбинии илмӣ сифатан тағйир дода шавад.

Барои нисбатан пурра кушода додани мафҳуми «ҷаҳонбинии илмӣ» бояд худи мафҳуми «ҷаҳонбинӣ» -ро аниқ кард. Тавре академик Б.Т.Лихачёв қайд месозад: «Ҷаҳонбинии илмӣ» аз худ ягонагии органикии назари дақиқи таърихиву муҳтавонок ба ҷаҳон, эътиқодҳои илман асоснок шуда нисбати қонунҳои рушди табиат ва ҷомеа, низоми иқтисодӣ-иҷтимоии ҳаёт, сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ки мавқеи фаъолияти ҳаётии инсонро муайян месозанд, мемонад. Ҷаҳонбинӣ дар мактаббачагон дар натиҷаи пайваста азхуд кардани донишҳои илмӣ-фалсафӣ, дастовардҳои муосири илмӣ, ҳамчунин сохтори усулҳои умумии шинохти ҳақиқат ташаккул меёбад [96].

Ҷаҳонбинӣ аз худ сохтори мукаммали назарҳои илмиву фалсафӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, ахлоқиву эстетикиро ба ҷаҳон (аниқтараш, ба табиату ҷомеа ва тафаккур)-ро мемонад. Ҷаҳонбинии илмӣ ба худ дастоварди тамаддуни ҷаҳониро гирифта, инсонро аз ҷаҳони илмӣ нисбати зиндагӣ ва тафаккур, табиат ва ҷомеа бохабар месозад.

Дониши илмӣ чун қисмат, тараф, тасдиқи назари диалектикӣ ба ҷаҳон баромад мекунад [124]. Ҷаҳонбинии илмиро чун усули тафаккур, фаҳмишу баҳодиҳии воқеӣ баррасӣ намуда, мо дармеёбем, ки он аз худ алоқаи байни донишҳои гуногун, ғояҳо, мафҳумҳои илми ҷаҳонии муайяни ташаккулдиҳандаро мемонад.

Элементҳои ин сохтор назарҳо, тасаввурот, принсипҳои фаҳмонидани муносибати инсон ба ҷаҳон, муайян сохтани инсон мақоми худро дар муҳити зист ва муҳити иҷтимоиву табиат маҳсуб мешавад. Аз он, ки инсон дар фаъолияти амаливу маърифатиаш худро ба ягон намуди тарафи муайяни ҳақиқат таносуб мегирад, ҷаҳон дар назди ӯ чун дар ҳаҷмҳои гуногун менамояд. Мутобиқ ба ин худи инсон хешро ба тарафҳои гуногуни ҷаҳон гузошта, дар худ тарафҳои сифатан муайянро ҷудо ё фарқ мекунад, худро дар ҷанбаҳои гуногун мешиносад [160, с. 68].

Дар ҷаҳонбинӣ ягонагии дохилию берунӣ ва объективию субъективии тарафҳо зоҳир мешавад. Тарафи субъективии ҷаҳонбинӣ аз он иборат аст, ки дар инсон на танҳо назари мукаммал ба ҷаҳон, ҳамзамон тасаввуроти ҷамъбастшуда дар бораи худ, ки дар фаҳмишу ғамгинии «ман» -аш, фардинокиву шахсияташ зуҳур меёбад. Инсони он сатҳи рушдро ноил шуда, вақте ӯро шахсият номидан мумкин аст, тамоми хусусияту сифаташ, бо маркази мантиқӣ ва асос сохтори муайянро касб мекунад, ки ба ҷаҳонбинӣ табдил меёбад. Маҷмӯи мураккаби муносибатҳои арзишии инсонро дар худ нисбати ҳақиқати атроф муттаҳид сохта, ҷаҳонбинии илмӣ тамоми хусусияту сифатҳои шахсии худро муттаҳид, самтгирии иҷтимоӣ, мавқеи шахсӣ, шакли рафтору фаъолияти шаҳрвандиро муайян месозад. Ба шарофати ин эътиқоди ҷаҳонбинӣ ташаккул меёбад. Эътиқод чун дониш тасвири субъективии воқеияти ҳақиқат, натиҷаи азхудкунии таҷрибаи коллективӣ ва шахсии одамон маҳсуб мешавад [160]. Чун дониш маърифати инсонҳо алоҳида танҳо дар алоқамандӣ бо маърифати ҷамъиятӣ мавҷуд буда метавонад. Одамони алоҳида дониши ҷамъовардаи ҷомеаро дар тӯли таърих, раванди рушди таҷрибаи ҷамъиятиро меомӯзанд (тасарруф мекунад).

Ҳамин тариқ, таъсир ба шахсият пеш аз ҳама дар раванди тасдиқи маърифати илмии ӯ дар бораи табиату ҷомеа аст. Аммо, маърифат танҳо бо дониш ё тавассути дониш муайян карда намешавад. Дониш барои инсон бояд муҳим бошад. Аниқтараш, мебояд, ки маънои субъективию шахсиро гирад. Танҳо мафҳум, ғоя, меъёр метавонанд дар замири инсон наздик бошад, аммо муҳиму амалкунандаву дигарҳо дониши шифоҳӣ шуда мемонанд.

Эътиқод–ин «донисташаванда»-ю «фаҳмидашаванда» буда, он донишест, ки ба мавқеи дохилии шахсият гузаштааст. Бо иҷрои фаъолияти мунтазам эътиқод тамоми тартиботи рӯҳии шахсро–самтнокӣ, тамоюли арзишӣ, ҳавас, хоҳиш, эҳсосту рафторро муайян мекунад. Онҳо дар худ иродаи амал кардан мутобиқ ба талаботи объективии тараққиёти ҷомеа бо зарурати маърифаткунандаи инсонро дороанд. То оне, ки инсон ба фаъолияти зарурати зоҳирӣ бедор мешавад, ки ба талаботи ботинии ӯ нагузаштаву ба иродаи шахсиаш табдил наёфтааст, вай бе сӯзиши ботинӣ, фаъолнокӣ, бе сафарбаркунии тамоми захираҳо амал мекунанд [124, с.53].

Маърифат дар кадом сатҳе, ки набошад, доимо бо натиҷаи худ баҳои муайянро соҳиб аст. Аниқтараш, дониши ҳақиқатнокро, ки метавонад ба зиндагӣ, маърифати сарҷамъшуда мутааллиқ бошад, кадоме, ки зери таъсири анъанаву табъ, одат бошад, ки гоҳо характери консервативиро доро хоҳад буд. Ин дониш ҳамзамон дар мафҳуму муҳокимаронихо, хулосабарориҳо, фарзияҳо, назарияҳои мунъакискунандаи алоқаҳои муҳиму қонунӣ ва муносибати ҳақиқати воқеӣ амал карда метавонад. Ҳамин тавр, сухан дар бораи он меравад, ки дар ҳаёти воқеӣ ҷаҳонбинии тасодуфию ҳам илмӣ вуҷуд дорад.

Пешрафти илм натанҳо рушди таҷҳизоти назариявии онро фароҳам овард, балки ба шаклу услуби тафаккури муосир, осори худро гузошт, ки яке аз нишонаҳои он кӯшиш ба боваринокии қатъии воқеист. Факти ҳақиқат факти илмӣ мебошад, ба шарте, ки то сатҳи хулосакунии назариявӣ рафта расад. Ба инъикоси тарафҳои умумиву нисбатан муҳими зуҳуроти зиёд, хулосакунӣ воситаи фаҳмонидани онҳо ва пешбиниашон гардида,

принсипҳои ҳалли на танҳо он масъалаҳоеро, ки дар заминаашон бароварда шуда буданд, ҳамчунин тамоми онҳоеро, ки ба маҷмӯънокии мазкур мутааллиқанд, медиҳанд.

Байни хулосабарориҳои ҷаҳонбинӣ ғояҳои методологӣ нақши басо муҳимро мебозанд, ки дар онҳо қонунҳои дохилии ҳақиқат бо пуррагии бештар ва ҳаматарафа ошкор мешавад. Бо инъикоси на танҳо аслӣ, ҳамзамон заруриро ин гуна ғояҳо ба сифати яке аз механизмҳои ташкилу гирифтани дониши илмӣ баромад мекунанд. Бинобар он, дар раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ бояд ба ташаккули мафҳумҳои методологӣ, хулосабарорию ғояҳои ҳақиқатро тавсифкунанда ва заминаҳои назариявии он бояд диққати махсус дод [160]. Инсон соҳиби маҷмӯи тасаввуротҳо дар бораи ҷаҳон мебошад. Агар тартиби назарҳояш ба ягонагии маърифат, ғам хӯрдан такя кунад, ин маънои онро дорад, ки ташаккули ҷаҳонбинӣ аз таъсир расонидан ба зеҳн, ирода, эҳсосот, шахсият аз фаъолияти амалиаш вобаста аст.

Қисмати зеҳнии ҷаҳонбинӣ ҳаракатро аз инъикоси бевоситаю эҳсоси ҳақиқат ба тафаккури мафҳуми абстрактро дар назар дорад. Аммо, тафаккури мафҳум банди ниҳоии маърифати илмиву таълимӣ набуда, пайи он зуҳурот аз абстракт ба конкрет оғоз мешавад. Ин бозгашти оддӣ ба аввал набуда, балки ба конкрет, ба зинаи нисбатан баланди рушд аст, ки вақте предмет чуқур ва ҳаматарафа фаҳмида мешавад. Ҳангоми зуҳур кардан аз абстракт ба конкрет на танҳо раванди ҷамъбаст, шаддакунии хулосакунии назарӣ ба якдигар ба вуқӯъ мепайвандад, балки синтез ба амал меояд, кадоме ки минбаъда чуқурравӣ ба моҳияти зуҳури ҳаёти моддӣ дар тамоми сабабҳои алоқаву ифодаи ғайримустақимашро мефаҳмонад.

Дар ҳама гуна натиҷа фаъолияти таҳлилӣ-синтетикӣ (дар мафҳуму ғоя ва назарияҳо) ҳам донишу ҳам усули фаъолият дида мешавад. Ин ҷонибҳои гуногуни раванди маърифат буда, аммо нақши муҳимро дар ин раванд дониш мебозад. Ин ҳама хонандагонро водор месозад, ки донишу маҳорати фикррониро рушд дода амал намоянд. Ҷаҳонбинӣ донишро хароб намесозад, дорои тартиб аст, кадоме ки ҳаддалимкон сохтори дониши муосири илмиро

мунъакис месозад. Дар атроф ва асоси ғояҳои методологӣ назарияву принсипҳо ташаккул меёбад. Сохтори дониши азхуднамудаи хонандагон дар ҳаракати доимӣ бо дигар сохторҳо муқоиса ва мутобиқ ба вазифаҳои маърифатнокшавию вазифаҳои мушаххаси истифодаи онҳо markdown азнавсозӣ мешавад.

Барои он ки дониш ба эътиқод табдил ёбад, ба таври органикӣ ба сохтори умумии назарҳои талаботро афзаликунанда, интизориҳои иҷтимоӣ ва бохабар будан аз арзишҳои шахсӣ ворид шаванд, онҳо бояд олами эҳсосашонро дарк кунанд.

Ҳолати мусбии эҳсосии хонанда ӯро водор месозад, ки ба таҷрибаи шахсӣ, ба ҳаёту фаъолияти олимони бузург ва ходимони ҷамъиятӣ, асарҳои адабиву фарҳангӣ ба ҳамаи оне, ки муҳити аз ҷиҳати иҷтимоӣ-психологӣ мусоидро месозаду дастгирӣ мекунад, рӯ оварад.

Омодагӣ ва қотеъияти шахс нисбати ноил шудан ба ҳадафи дар пеш гузошташуда бевосита бо ирода алоқаманд аст. Вай аз худ самти маърифати ба зеҳну ҳиссиёт бемаъниро мемонад, ки вазифааш ба тартиб даровардани рафтору фаъолият аст. Ирода дар якҷоягӣ бо эътиқоду ҳиссиёт инсонро ба қарорҳои асоснок, амалу рафтор меоварад [124].

Ба шарофати машғулиятҳои зеҳнии рушдкунанда кӯдак масъалаҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодиро бо мақсади рушд бахшидани ҷаҳонбинии илмии худ тавассути ҷустуҷӯву дарёфти қарорҳои нав, усулҳои ғайримуқаррарии ноилшавии натиҷаҳои зарурӣ, муносибатҳои нав нисбати баррасии ҳолати пешниҳодмешуда ҳаллу фасл мекунад. Нисбатан бештар соҳиб будан ба ин ё он намуди қобилият ва майл доштан ба ҳалли вазифаи муҳтавояш муайян яке аз аввалин характери нисбатан сифатноки инсон аст.

Дар ҷараёни таҳлили назариявӣ мо кӯшидем тасвири ҷадвалии қадамҳои рушди ҷаҳони илмиро аз сатҳи репродуктивӣ то шахсӣ-муайяншуда дода бошем. Қадамҳои рушди ҷаҳони илмии субъект ба сифати диагностикаи муайянсозии сатҳи таълимнокии хонандагон хизмат карда, барои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим қувваи ҳаракатдиҳанда маҳсуб

мешавад, ки парадигмаи стохастикии таълимро муайян месозад [74, 102, 145, 147].

Ҳалли ин мушкилот барои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим муҳим мебошад. Барои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим мо таносуби байни сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмиро тасвир кардем. Ин бошад, ба педагогҳо нисбати эътирофи характери эҳтимолияти истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, эътибор додан ба субъектнокии хонанда, ҳавасмандсозии нотакрории инсон кӯмак мерасонад. Ҳаракати ҳар рушд аз рӯи траекторияи худ, ки ҷавобгӯи ҳадафу талабот ва манфиати он аст, нишондоди арзишӣ ва таълимро тағйир медиҳад.

Идроки ибтидоии ҳама гуна иттилоот савол ба миён меорад: «Ман чиро эҳсос мекунам?». Луқма, калима пайдо шуда, андешаҳои гуногун баён мешаванд. Андешаронӣ дар ин ҳолат бетартиб гардида, аксар мақолу гуфторҳои мардумӣ истифода мешаванд. Дастурамалҳои тайёр дода мешавад. Ифодаи аниқи ҳадафу мақсади фаъолияти субъект вуҷуд надорад. Фаъолият ҷой дошта бошад ҳам, асосан дар заминаи таҷрибаи ҳаётӣ амалӣ мешавад.

Маърифати илмӣ худ сохтори рушдкунандаи дониш маҳсуб ёфта, элементи асосии он назария чун шакли олии ташкили дониш ба ҳисоб меравад. Маърифати илмӣ дар худ ду сатҳи асосӣ: эмпирикӣ ва назариявиро дорост.

Дар сатҳи амалӣ ё эмперикӣ хулосакунӣ дар заминаи таҷрибаи шахсӣ, имкониятҳои маҳдудшудаи синнусоливу фардии хонандагон бароварда мешавад.

Сатҳи эмперикӣ бевосита ба (бе звеноҳои фосилавӣ) ба объекти худӣ равона карда шудааст. Ин сатҳ ба ёрии чунин усулҳо ва воситаҳо ба монанди муқоиса, мушоҳида, ченак, таҷриба вақте объект дар шароитҳои ба таври сунъӣ бунёдшудаву назоратшаванда (аз ҷумла маънаван низ) ба вуҷуд оварда мешавад, таҳлил-тақсими объект ба қисматҳои таркибӣ, индуксия–ҳаракати маърифат аз хусусӣ ба умумӣ асос меёбад.

Дар сатҳи алгоритмӣ амали мафкуравии фаъолияти субъект ба мушоҳида мерасад. Ақли ӯ аз тасаввуроту образҳои бетартиб, бо муҳокимарониҳо дар бораи зарурати корҳои амалӣ барои санҷиши боваринокии дониш пур мешавад. Баъди гирифтани тасдиқи амалӣ мафҳуми умумии ибтидоии он зуҳурот, предметҳо, ки дар бораи онҳо кӯдак донистан мехоҳад, пайдо мешавад.

Ҳавасмандӣ, хоҳиши донистан гузариши андешаҳои гуногунро ба гуфторҳои синтетикӣ ба низом медарорад. Кӯдак қодир аст, дар пеши худ ҳадаф гузошта, воситаву усулҳои ҷустуҷӯи донишро интихоб кунад. Ноилшавӣ ба мақсад бо усули санҷишу хатогӣ аз эҳтимол дур нест. Факт ва ҳолатҳои ошкоршуда озодона ба рӯи коғаз навишта мешавад. Ин аз рӯи сатҳи алгоритмӣ ба вуҷуд меояд. Сатҳи мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ қадами навбатӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмӣ мебошад.

Гуфтаҳои болоӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки аллакай дар сатҳи алгоритмӣ субъект ба мафҳумҳои умумии аввала амал кардан оғоз мекунад. Алоқамандии зичи ду сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмиро қайд кардан зарур аст, кадоме, ки гузариши ду объектро ба якдигар бо такя ба таъсиррасониҳои амалӣ, истифодаи фактҳои илмӣ ва нишондиҳандаҳои мушоҳида тавсиф мешавад. Аммо, дар омӯзиши назариявӣ субъект диққати худро на танҳо ба он хусусиятҳое, ки ба фаъолияти амалӣ истифода мешаванд, равона мекунад, ҳамзамон, мекӯшад дигар хусусиятҳо, сифатҳои омӯхташавандаро мумкин аст пинҳон аз мушоҳидаи беруна муайян созад. Субъект бо рӯ овардан ба илмҳои фаҳмиши назариявии объектҳо рӯ оварда, имкони тафсили хусусиятҳои омӯхташавандаро пайдо мекунад. Субъект бо мафҳумҳои илмӣ, истилоҳу категорияҳо ошно месозад. Ин ба маърифати мақсаду вазифа, хусусиятҳои фаъолияти шинохт мусоидат карда, ба ҷустуҷӯи усулҳои оптималии дарёфти дониш равона месозад. Ҷустуҷӯи усулҳо дар заминаи ҳалли мухолифатҳо, ки дар шахсияти худи хонанда вуҷуд дораду ба таҳияи сатҳи шахсии ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат мекунад, ба вуҷуд меояд. Рушди доимии ҷаҳонбинии илмӣ ба маърифати мафҳумҳои илмӣ мусоидат мекунад.

Биноан, ин сатҳи омӯзиши донишро метавон фаҳмидашавандаю маърифатшаванда номид. Сатҳи мушкилотӣ-ҷустуҷӯии рушди ҷаҳонбинии илмӣ ба тафриқаи натиҷаҳо мусоидат мекунад. Сатҳи мушкилотӣ-ҷустуҷӯии маърифати илмӣ бо афзалияти лаҳзаи оқилонаву ақлнорас ва шаклҳои он (мафҳум, назария, қонунҳо ва дигар самтҳои тафаккур) тавсиф мешавад. Мушоҳидаи зинда, маърифати эҳсосӣ дар ин ҷо барҳам намехӯрад, балки бо ҷанбаи муҳими раванди маърифатӣ тобеъ мегардад [48, 62, 80, 111]. Маърифати назариявӣ зуҳуроту раванди алоқаҳои дохилӣ ва қонуниятнокии бо ёрии баррасии оқилонаи маълумотҳоро инъикос месозад. Баррасӣ бо ёрии хулосабарорӣ, қонуну категорияҳо ва принсипҳо амалӣ мешавад. Нишонаҳои хоси маърифати назариявӣ самтнокии он ба худ, аниқтараш дудилагии дохилиилмӣ маҳсуб меёбад. Дар асоси дониши бо усули мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ бадастоварда маърифати шахсӣ- муайян рушд ёфта, ғояҳои наву усулҳои илман асоснокшуда ба нақша гирифта мешаванд. Барандаи маърифати шахси муайян шахсияти алоҳида маҳсуб меёбад. Хусусияти педагогии мутобиқшавии хонандагон ба муҳит қадамҳои азхудкунии ҷаҳони илмӣ маҳсуб мешавад. Нишондиҳандаҳои он дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2. Динамикаи азхудкунии ҷаҳони илмии субъект

| Қадамҳои | Сатҳҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|
| Репродуктивӣ | Паст | Сарчашмаи аввалини дониш- ҳиссиёту қабул ва эҳсосот аст. Изҳори андешаҳои гуногуни бегона, объектҳо ва тафаккури бегона. |
| Эмпирикӣ | Миёна | Усулҳои маърифат кардан: мушоҳидаву таҳлил, муқоисаву индуксияро меомӯзад. |
| Алгоритмӣ | Аз миёна баланд | Изҳори сунъӣ бо истифодаи мафҳумҳои ибтидоии умумӣ муҳокимаву хулосаи ақлонӣ. |
| Мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ | Басанда | Изҳори андеша характери таҳлилӣ дорад. Дониш дар заминаҳои илмӣ асос ёфтааст. |
| Стохастикӣ | Баланд | Изҳори андеша нишонаи баҳодиҳиро доро мебошад. Дониш ба категорияи илм такя мекунад. Методологияҳои асоснокшуда – консепсияи назариявии муаяйнкунандаи асолати дониш. Изҳори ғояҳои нав. |

Нишондиҳандаҳои қадамҳои азхудкунии ҷаҳони илмӣ, сохтори меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии субъект ба ҳам алоқаманд буда, сарҳади байни онҳо шартан ва тағйирёбанда аст. Барои он ки баробарии фундаменталиро дар рафтори хонанда ноил ва хусусиятҳои зеҳнии онро аз даст надиҳем, ба сифати асос бояд маълумоти нишондиҳандаҳоро гирифт. Аммо яке аз ин сатҳҳоро бар зарари дигараш мутлақ кардан мумкин нест, зеро баробарӣ бояд дар тамоми сатҳҳои рушди ҷаҳонбинии илмӣ вуҷуд дошта бошанд. Шакли шахсӣ–муайяни маърифат, шакли нисбатан рушдкардаи дониши илмӣ буда, маҷмӯи алоқаҳои қонуниву муҳим, ҷодаи ҳақиқатро инъикос мекунад. Хусусиятҳои ин шакли маърифат объектҳо, предметҳо ҳамчунин воситаҳои маърифатӣ маҳсуб мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ на танҳо дар бораи тартиботи маърифати илмӣ, ҳамзамон оиди пайдоиши он аз сатҳи назариявӣ ба маърифати шахсӣ-муайян далолат мекунад, кадоме, ки чӣ дар такмили худи элементҳои сохтории маърифати илмӣ ва чӣ динамикаи онҳо ошкор мешавад. Ошкоршавии тасодуф, мифҳо.

Дар аҳди қадим кӯшиши донистани ҳақиқат дар асоси тахмин асотирҳо, тафсирҳои муттаҳидшуда амалӣ мешуданд. Дар давраҳои нисбатан баъдинаи маърифати илмӣ аллакай ба даст овардани дониши муайяни назариявӣ дар шакли қонун дида мешуд. Ҳамзамон, вазифаи назария низ рушд мекард. Агар вазифаи назария дар ибтидо фаҳмонидан бошад, баъд ба он вазифаҳои пешгӯикунанда, амалӣ, сунъӣ ва методологӣ низ илова шуданд. Маҷмӯи рушди ақлонӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷомеаи инсонӣ бунёдкардашуда ва сатҳи муайяни ҷомеаро тавсифкунанда ҷаҳонбинии илмӣ ташкил медиҳад.

Ҷаҳонбинии илмии инсон бузургии ҳаёти инсон аст. Аниқтараш, он бузургие, ки бе он ҳаёти инсонӣ тавсифи шахсиашро гум мекунад. Дар натиҷаи рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда дар раванди таълим фаъолият ҷойи бузургии ҳаётро ишғол мекунад.

Мушкилоти рушди ҷаҳони илмӣ дар маърифати назариявӣ ба инъикоси нисбатан чуқур ва дурусту тарафҳои маънидори ҷодаи фаннӣ мусоидат

мекунад. Ҳол он ки рушди илм дар маҷмӯъ ба донистани на танҳо мафҳумҳои алоҳида, тавре ки он барои сатҳи пешина хос аст, ҳамзамон, ба донистани кӯдак таҷҳизоти категориалидори ҷодаи илми омӯхташавандааш мусоидат мекунад. Ин ба муайянсозии моҳияти объект ва фанни омӯхташаванда, ноилшавӣ ба ягонагии ҳадаф, раванду натиҷа, пайдоиши ғояҳои нав, чуқур донистани қонуну қонуниятнокӣ, принсипу вобастагии зуҳуроту фанҳои омӯхташаванда мусоидат мекунад.

Сатҳи илмии категориядори рушди ҷаҳонбинии илмӣ бо он тавсиф мешавад, ки зуҳурот дар асоси қонуну қонуниятнокии рушди табиати ҷомеа ва тафаккур омӯхта мешавад. Донистану бо категорияҳои илмӣ амал карда тавонистан чуқур ворид шудани маърифат ба ҳақиқат аст [154, 155]. Омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои омӯзиши технологияҳои инноватсионии таълими хонандагон имкон доданд меъёрҳои статуси категориядори мафҳуми зеринро муайянкунанда ошкор карда шаванд:

–инъикоси зуҳуроти умумии рушдкунандаи ҷаҳони илмӣ;

–инъикоси тарафҳои маънидори ҷодаи фаннии илми дақиқ;

–ҳамкорӣ бо мафҳумҳои фундаменталии илм;

–хос будани хусусиятҳои муайян;

–иҷрои вазифаҳои муайян;

–муайян намудани фаъолияти фаннӣ-амалии субъект мутобиқ ба қонуну қонуниятҳои воқеияти фаннӣ.

Ҳангоми омӯзиши мафҳуми мазкур ва ҳаракат принсипи омӯзиши ҳамаҷонибаи зуҳурот, принсипи муқаррарсозии алоқамандӣ ва вобастагии мафҳуми омӯхташванда бо дигар категорияҳои илм, принсипҳои дақиқсозӣ истифода шудаанд.

Статуси категориядори технологияи инноватсионӣ бо давраи қатъиян муайяншудаи рушд вобаста аст. Пайдоиши категорияи «ҷаҳонбинии илмӣ» дар бораи рушди минбаъдаи маърифат шаҳодат медиҳад. Хусусияти фарққунандаи ин категория муқаррарсозии вобастагӣ байни онҳо чун характери байниинтизомӣ ва ҳамчунин ҷодаи дохилифаннии илм маҳсуб

меёбад. Ин категория бо категорияҳои аллакай дар илм муқарраршуда ҳамбаста амал мекунад. Ва ин ҳамбастагӣ қодир аст ба асосноксозии лоиҳаҳои нав, ғояҳои нав таъсир расонад.

Таърихи рушди афкори педагогӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҷҳизоти категориядори илм чӣ тавр зимнан ташаккул ёфтааст. Мо мехостем алоқамандии категорияҳои асосии илмро бо мафҳуми «технологияи инноватсионӣ» қайд кунем, ки вай яке аз нишондиҳандаҳои муҳими дохилӣ ва меъёрҳои таълими самараноки таълиму тарбия, ҳамчунин, барои таҳияи муносибати нав дар муҳтавои дониш маҳсуб меёбад.

Технологияи педагогӣ дар заминаи омӯзиши предмет чун фанни илмӣ (мавзӯъ, бобҳо) асос ёфта, иборат аз блокҳо, омӯзиши хонандагон мафҳумҳои асосӣ, назария ва дигар элементҳои донишро фарогиранд. Онро педагогҳо, ки ҷонибдори парадигмаи алгоритмиву эмпирикианд, истифода мебаранд. Истифодаи технологияҳои истифодаи таълим имкон медиҳанд, муҳтавои курсро чун воситаи шинохти мавқею муносибат омӯхта шавад. Вазифаҳои мақсаднок чун қобилияти қабули қарорҳо нисбати ҳалли ҳолатҳои гуногуни мушкилот тасвир карда мешавад. Мушкилот дар заминаи оне, ки педагог муҳимияти онро барои фаҳмиши хонандагон чӣ тавр мебинад, муайян карда мешавад.

Дар он мушкилоту модулҳо, муҳтавое, ки имкон медиҳад ҷаҳонбинии илмии бачагон рушд дода шавад, оварда шудаанд. Таҳияи мавқеи шахсӣ, омӯхтани таҷрибаи эҳсосӣ-арзишии муносибатҳо, фаъолияти эҷодӣ нисбати шинохти мавқеи худ–нишонаҳои тавсифии парадигмаи стохастикӣ аст. Талаботи зарурӣ ба таҳияи сохтори шахсӣ-муайяни таълим бо бисёр сабабҳо фаҳмонида мешавад. Категорияҳое, ки дар алоҳидагӣ гирифта шудаанд, ҳанӯз назария нестанд. Назарияи илмӣ ба он шарте ҷой дошта метавонад, ки агар дониши ҷамъбастшуда дар сохтори категорияи дохилии байни ҳам алоқаманд кушода дода шуда бошанд. Онҳо ҳарчӣ пурраву чуқур моҳияти зуҳуроту равандро инъикос кунанд, аниқтараш на танҳо шакли зуҳуроти

онҳоро, ҳамчунин қонунияти рушду амал кардан, муқаррар намудан, пешгӯӣ намуданро, ки ҳамон андоза сатҳи назария баланд мегардад.

Дар сохтори стохастикии таълим таносуби мавзӯву мушкилот масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Мавзӯъ қисмати мушкилот маҳсуб намешавад. Дар шарҳи ин таносуб мушкилотро чун тавсифи муҳтавогии мавзӯъ баррасӣ кард, кадоме, ки дар он ҳолати зиддияти ягон қисмати фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ инъикос ёфтааст [163, с. 54]. Он омӯзиши минбаъдаро талаб мекунад.

Бо истифодаи парадигмаи стохастикии таълим, мо ба муносибатҳои ба образи тафаккур таъсиррасонанда, усули фаъолияти ҳар субъект такя кардем. Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ аҳамияти ҷаҳонбинии илмӣ дар он маҳсуб мешавад, ки инсонро чун маҳсули табиат ба сатҳи олии тафаккур тавсиф мекунад. Ақл асоси рушди ҷаҳонбинии илмии инсон маҳсуб ёфта, ба азхудкунии маводи барномавӣ ва рушди шахсияти хонанда таъсири ҳалкунанда мерасонад. Бо истифода аз воситаҳои таҷҳизотӣ чун яроқи ҷаҳонбинии илмӣ метавон яроқи зеҳнии меҳнатро муайян кард. Дар қаринаи (контекст) таҳқиқоти мо яроқи таълим адабиёти электронӣ, маводҳои дидактикӣ, модули ҷадвалӣ, асосҳои педагогии технологияҳои инноватсионии таълим, дастурҳои методӣ ба адабиёти электронӣ ва модули ҷадвалӣ маҳсуб мешавад. Барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ муҳити монанди фарҳангӣ бояд сохт. Иттилооти гуногуни аз берун мерасонида бо ёрии таҷҳизоти зеҳнӣ ин гурӯҳбандӣ ва ба намудҳои ҷудогонаи хотира тақсим мешаванд. Тавре таҷрибаи педагогӣ ва таҷрибаи таҳқиқотӣ нишон медиҳад, дар мактабҳои ибтидоии замони муосир рушди ҷаҳонбинии илмиро шакли васеъ паҳншуда тасаввур кардан мумкин аст. Парадигмаи стохастикӣ имконияти рушди хусусиятҳои фарққунандаи ҷаҳонбинии илмии хонандагонро дар зинаҳои аввали маълумоти миёна вусъат бахшида метавонад.

## 1.3. Сохтори мӯҳтавоии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон

Педагоги маъруф А.Я.Коменский навишта буд, ки: «Мубориза бурдан бо табиат беҳуда аст, зеро мураббияи бачагон чун табиб, танҳо ёрдамчии табиат аст, на хӯҷаини он» [74]. Аз ин рӯ, раванди таълимро бо назардошти қабули иттилоот таҳия сохт. Аниқтараш, хонандаро бояд аз рӯи принсипи ба табиат мувофиқ таълим дод. Мутобиқ ба анъанаҳои қадима муҳаққиқи табиат нисбати предмети таҳқиқшаванда он мавқеero ишғол мекард, ки мавқеи мушоҳиди беруна номидан мумкин аст. Моҳияти ин гуна мавқеъро олимон В.С.Ефимов, А.В.Лаптев, К.К.Платонов ташаккул додаанд [128].

Илми қарни сипаришуда беасос будани ин гуна мавқеъро нишон дод. Зеро, бо алгоритмҳои қатъӣ тартиботи сунъӣ ва ғайриқобили ҳаёт бунёд мешавад. Вай идоракунии доимиро талаб дорад. Тартиботи табиии қобили ҳаёт дар бетартибӣ ва бесарусомонӣ тавлид мешавад. Назарияи эҳтимолият, ки дар қарни XVII барои фаҳмонидани натиҷаҳои бозӣ бо устухон тавлид шудааст, дар замони мо аҳамияти бузурги амалиро касб мекунад. Яке аз ҳақиқатҳои муҳими ҳаёти мо он аст, ки дар ҷаҳоне умр ба сар мебарем, ки дар заминаи эҳтимолият сохта шудааст. Дар ин дунё ҳодисаҳо на танҳо вайрон ҳамзамон бунёд месозад.

Ҳақиқатҳои асосӣ дар ҷаҳон алоқаи эҳтимоливу сабабӣ-тафтишотӣ маҳсуб меёбад. Ҷаҳон дар ҳақиқат аз рӯи эҳтимолият сохта шудааст. Табиат на танҳо алтернативаро фарогир аст, балки зиёда аз ин вай доимо байни қарорҳои зиёд интихоб мекунад, ки якдигарро истисно мекунад. Ва танҳо ин тавр вай худро истифода мебарад. Вай доимо ҳақиқатро намоиш медиҳад: бе алтернатива худрушдёбӣ имконнопазир аст. Бояд аз идоракунии сохторӣ (парадигмаи алгоритмӣ ва эмпирикӣ) даст кашид. Зеро худрушдёбӣ тавассути интихобу истифодаи технологияҳои бисёр вариантҳо амалӣ мешавад. Аниқтараш, ба сохторҳо имконияти интихобро бояд фароҳам овард. Барои ин идоракуниро бояд ба дигар самт гардонд. Аниқтараш, на ин

ки бо сохторҳо, балки бо он равандҳое, ки дар онҳо ин сохторҳо иштирок мекунанд. Бо ин ба сохторҳо имконияти рафтори алтернативӣ дода мешавад. Дар муносибати ин гуна сохторҳо, чун шахсияти инсон, маънои зеринро дорад: на ин ки бо худи инсон идора кард, балки бо равандҳое ки дар он инсон иштирок мекунад, тартибро бояд озод гузошт.

Технологияи педагогӣ насли ҷавонро дар доираи сохтори парадигмаҳои пешина ташаккул медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки иҷрокунандаи зиндагӣ кардану меҳнат кардан дар сохтори манъкуниву амрдиҳӣ омӯхтаву ҳамзамон дорои тафаккури беалтернативаро ташаккул медиҳад. «Фармоиши иҷтимоӣ» маҳз ҳамин гуна буд. Мо бо он розӣ ҳастем, ки вазифаи асосии истифодаи технология аз мавқеи парадигмаҳои пешин инҳо буданд:

–дар майнаи сари хонанда ҷой кардани маҷмӯаи донишҳои тайёр ва ҳақиқате, ки аз нав баррасӣ кардан зарур нест. Бинобар он вазифаи асосии омӯзгор дар хонанда таълими донишҳо ва ҳақиқати дар боло зикршудаву санҷиши онҳо, ки чӣ тавр хонанда онро азхуд кардаасту чӣ тавр аз рӯи он амал менамояд, иборат аст.

Аз ин ҷо бармеояд, ки асоси фаъолияти таълимро бояд фаъолияти репродуктивӣ ташкил диҳад. Таълими репродуктивӣ, ки бо «ақли бегона зистан»-ро меомӯзад, ҳанӯз дар қарни XVIII танқид шуда буд. Масалан, педагоги маъруфи чех Я.А.Коменский дар асари худ «Дидактикаи бузург» қайд мекунад, ки «мактабҳо ба ҷаҳон бо чашми бегона нигаристанро» бо ақли бегона андеша карданро меомӯзанд. Ӯ менависад, ки «дуруст омӯзонидан маънии ба сари бача зӯран ҷой кардани калимаҳои омехтаи ибораву сухан рондан, афкори муаллиф ҷамъовардаро надорад, балки ошкор сохтани қобилияти фаҳмиши бача аст» [73, с.48].

Ҳамин тариқ, фаъолияти репродуктивии таълим ҷараёни таълиму тадрисро дилгиркунанда ҳам ба омӯзгору ҳам ба хонанда месозад. Дар баробари ин хатҳои зерин дар услуби таълим рӯшан ба назар мерасанд:

–дар ниҳоди бачагон шавқмандии аз ҳад зиёдро набояд роҳ дод, саволҳои тезутунд дода нашавад, баҳсу муҳокимаро пешгирӣ карда шавад, дар нозукиву тағйиоти ҷузъӣ таваққуф набояд кард;

–кӯшиш намуд мураккабро сода карда фаҳмонида шавад;

–бештар ба воқеият дода шуда, аз умумигӯиҳо худдорӣ намуд.

Ин аст технологияи педагогӣ, ки дар заминаи парадигмаи алгоритмиву эмпирикӣ асос ёфтааст. Ба ин гуна парадигмаҳо технологияи В.К.Дяченкоро мутааллиқ донистан мумкин аст [50].

Усули омӯзиши сарҷамъонаи В.К.Дяченкоро метавон дар дарсҳо (математика, забон) чун раванди додани иттилоот аз омӯзгор ба хонанда ва аз хонанда ба хонанда истифода бурдан мумкин аст. Дар баробари ин ҳам омӯзгору ҳам хонанда ба сифати барандагону интиқолдиҳандагони иттилооти тайёр ва «таҷҳизоти бахотиргиранда» амал мекунанд. Аниқтараш, дар ин ҳолат парадигмаи эмпирикӣ татбиқ мeёбад [50, 69]. Дар таҳқиқоти мо ба раванди қабули маводи таълим аз ҷониби хонанда дар ин сатҳ бояд 15 фоизи соати дарсӣ ҷудо карда шавад.

Хусусияти технологияи мазкур ҳангоми ҳидояти хонанда ба маводи таълим аз он иборат аст, ки дар ин ҳолат тақсимоти синф ба гурӯҳҳои аз 5 то 7-нафара сурат мегирад. Ба ҳар гурӯҳ вазифа дода мешавад. Вазифа аз силсилаи вазифаҳо иборат аст (масалан, вазифаи марбут бо баъзе корҳои матни аслӣ-нахустсарчашмаҳо) аз рӯи ягон боби мавзӯи омӯхташаванда ё мавзӯи ҷудогона дар ҳолати омӯзиши баробар ёякҷоя. Ҳар аъзои гурӯҳ яксилсилагӣ вазифа мегирад.

Вақти корбарии омӯзгор бо як ҷуфт хонанда омӯзгор мефаҳмонад ё ҳалли масъаларо ба ин восита ба дафтари хонанда менависонад. Барои минбаъда табодули вазифа супориш медиҳад. Ҳалли вазифаи дуюм мустақилона аст, аммо омӯзгор онро месанҷад. Яке аз аъзои гурӯҳ аз оғоз координатор таъйин мешавад. Аз он, ки як худи омӯзгор дар муддати кӯтоҳ бо ҳар хонанда ва ҳар гурӯҳ кор бурда наметавонад, агар фаъолияти берунидарсӣ, ғайриқонунӣ вазифагузориҳои иловагӣ шудани хонандагонро

ба ҳисоб гирифта нашавад, ба ӯ бояд дигар омӯзгорон ё хонандагони синфҳои болоӣ кӯмак расонанд.

Баъдан тақсими гурӯҳҳо ба ҷуфтҳо сурат мегирад. Дар ҷуфтӣ ҳар хонанда ҳалли вазифаи якумро нақл мекунад ва вазифаи дуюмро аз вазифаи шарикаш ҳал мекунад. Баъд аз ин ҳар хонанда ба худ шарики дигар меҷӯяд ва бо дигар ҷуфт кор мекунад. Баъдан вай аъзои ҷуфти сеюм мегардад ва ғайра.

Дар асл бояд ивази ҳар нафар бо якдигар сурат гирад. Омӯзгор дар ҷадвали ҳисоб кори хонандаро қайд мекунад. Дар охири машғулият натиҷаҳо ҷамъбаст ё ин ки санҷиши мавзӯъгӣ гузаронида мешавад. Ин гуна дарси амалия аксар 2-3 соати дарсиро мегирад. Тӯли 1 соати дарсӣ, ки 45 дақиқа аст, ин корро амалӣ кардан ғайриимкон аст. Ба ғайр аз зарурати ёрдамчиён (ассистентҳо) дар давраи ибтидоии амалия боз як элементи аз лиҳози технологӣ нопурра вуҷуд дорад: ивази шарикон, ки дар вақтҳои гуногун, таваккал сурат мегирад, ки идоранашаванда аст. Шарикон ба худ ҷустуҷӯ кардани шарики навро ба анҷом мерасонанд. Ягон кафолати дарёфт вуҷуд надорад. Рамзҳои рангоранг дар карточкаҳо манзари умумиро кам тағйир медиҳанд. Дар баъзе ҳолатҳои истифодаи сохтори баррасишудаистода қабл аз оғози дарс омӯзгор дар тахтаи синф ному насаби тамоми хонандагону «мерган» -ҳоро навишта нишон медиҳад, ки бояд ҷуфти якдигар шуда кор кунад. Баъд аз рӯи таҷрибаи хонандагон ба даст оварда, онҳо аллакай худашон барояшон шарик меҷустанд, ки аз ин пас зарурати ҷадвал бо мерагнҳо аз байн рафт. Фаҳмост, ки ҷадвал дар тахтаи синф оддӣ набуд. Ҳарчанд ки давоми машғулият ҳар хонанда мебоист шарикашро якчанд маротиба иваз кунад. Ҳатто бо ёрии ҷадвали ҳисоб дар як мавзӯъ дармонда шудани хонандаро пайгирӣ кардан душвор аст. Худи ба кор андохтану табодулҳо ҳеҷ гоҳ ғайримуташаккил намешаванд. Ба дӯши омӯзгор вазифаи мураккаби идоракунии ҷараёни дарс вогузор мешавад. Ин дар ҳолест, ки худи ӯ доимо дар шарикӣ бо ягон нафар ё гурӯҳи хурд кор мекунад. Ба андешаи мо бинобар ин гуна номуташаккилӣ, вобастагӣ аз ёрдамчиёну

пароканда будани механизмҳои идоракунии раванди КСО-ро, базӯр технология номидан мумкин аст, ки оянда ба соҳаи омӯзгор амалан маълум аст, басо кам истифода бурда мешавад.

Сохтори модули ташкили раванди таълиму тарбия ба омӯзгор шакли тайёрро дар намуди модул пешниҳод мекунад, ки қисмати мустақили сохтори таълим аст. Педагогҳо дар таҷриба модули К.Я.Вазинаро [27] дар намуди зерин истифода мебаранд:

–меъёр–муқаррарсозии ҳаҷми дониш;

–хусусият–муайянсозии объектҳои омӯхташаванда, раванду зуҳурот;

–усулҳо–истифодаи тарзи фикрронӣ, усули мулоҳиза, синтез, таҳлил, қиёсс, идроку вобастагӣ ба он;

–нишондиҳандаҳо–назорати азхудкунии маводи таълим.

Ин ҳама дар харитаи технологӣ мунъакис шудааст. Вазифаи омӯзгор ва хонанда дар мутолиаи ин харитаҳо ва додани баҳои субъектии дониши хонанда маҳсуб мешавад. Агар фаъолияти хонанда аз муҳтавои маводи таълим дур набошад, пас ин гуна амалҳои таълим ба тартиботи алгоритмӣ мебаранд, зеро, ки тартибот аз тартибот тавлид мешавад. Ин ба мактаби анъанавӣ хос аст, ки дар заминаи randomized пародигмаи алгоритмӣ асос ёфтааст. Ба ин пародигма дар таҳқиқоти мо бояд 20 фоизи соати дарсиро ҷудо кард. Зеро, 5 дақиқаи дарс барои баҳодиҳии субъективии фаъолияти хонанда басанда аст.

Мо дар семинарҳои бо муаллимон гузаронида мушоҳида кардем, ки парадигмаи алгоритмӣ аксар дар мактабҳои таълимашон анъанавӣ истифода мешавад. Аммо, парадигмаи алгоритмиро аз таҷриба истисно намекунем. Зеро, технологияи таълими барномакунонидашуда тавассути истифодаи техникаи компютерӣ амалӣ мекунад.

Аз ин ҷо мушкилӣ бо ҳамҷоягии мафҳумҳои «методика», «дидактика», «технология» мавҷуд аст. Масалан, услубҳое пайдо мешаванд, ки ба ягонагии сохтору шакл, образи васеъ тарғибшаванда мекунад ва технологиянокӣ оварда мерасонанд. Аммо, технология худ аз худ имкон намедиҳад, ки раванди педагогӣ пурра нишон дода шавад. Агар сохтори модулии ташкили

раванди таълимӣ-тарбиявӣ бо ҷудо кардан аз он манфиати бевосита баррасӣ шавад, дар ин ҳолат технологияи таълимро ин тавр маънидод кардан мумкин аст:

–ҷамъбасти блоки муҳтаво;

–интегратсияи намуду шакли таълим;

–ноил шудани ҳар хонанда ба мақсади худ ва имкониятҳои мустақилона кор кардан бо барномаи ҷудогонаи барояш пешниҳодшуда аст, ки дорои нақшаву амали ҳадафнок мебошад;

–ҷамъоварии иттилоот ва дастурҳои методӣ нисбати ноил шудан ба ҳадафҳои дидактикӣ. Дар ин ҳолат вазифаи педагог аз иттилоотӣ-назоратӣ то маслиҳатию мутобиқгардонӣ иборат буда метавонад.

Вазифаи технологияи таълим асосан аз он иборат аст, ки қонунҳои таҳияшуда ва принсипҳои табдил додан ба усулҳои самараноки таълиму тадрис, ҳамчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои истифодаи беҳтарин бо шаклҳои заруриву воситаҳои техникӣ хоҳад буд.

Мо чунин меҳисобем, ки аҳамияти афзалиятноки технологияи инноватсионии таълим барои татбиқи он мақсаду вазифаҳо лозиманд. Онҳо дар стандарти давлатии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Ҳадафи асосии маориф рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон маҳсуб меёбад. Бинобар ин муносибати технологӣ пешниҳод менамояд, ки воситаҳои инноватсионӣ, методу усулҳо бо мақсади рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон истифода бурда шавад.

Тавре таҷриба нишон медиҳад, муносибати технологияи инноватсионӣ аз муносибати дидактикӣ ё шахсӣ-методӣ барнамеояд, балки самти мустақили раванди таълим мебошад. Дар сохтори маорифи муосир муносибати стохастикӣ нисбати истифодаи технологияи инноватсионӣ ошкорсозии принсипҳо ва таҳияи воситаҳои раванди маърифатноксозиро бо роҳи таҳлили омилҳои баланд бардоштани самаранокии таълим бо ёрии ба вуҷуд овардану истифодаи ин воситаҳо пешбинӣ менамояд. Дар нимаи солҳои 50-уми қарни гузашта муносибати нав ба тартиботи худи раванди

таълим (технологияи таълим) арзи ҳастӣ кард. Аммо, рушди муносибати якум бо роҳи азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ идома дорад. Воридшавии онҳо ба раванди таълим худи парадигмаи маорифро тағйир медиҳад. Истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим манзараи дидактики мактаби шакли инноватсиониро якбора тағйир дода, ивази шарти пешакии онро талаб мекунад. Ин пеш аз ҳама ивази афзалиятҳои мақсаднокро дар раванди мустақилона соҳиби савод шудан ва рушди механизмҳо, муносибат дар азхудкунӣ, кадоме, ки дар сатҳи муайян ба истифодаи воситаҳои нави фароҳамоварандаи имкониятҳои васеъро барои коммуникатсияҳои гуногун, эҷодиёти шахсиву гурӯҳии тадрисгирандагон, мусоидат мекунад. Диққат асосан ба татбиқи азхудкунии бомуваффақияти мавод равона карда шудааст. Роҳи ягонаи бунёду банақшагирии модулу воситаҳои технологияҳои инноватсионии таълим–таҳияи самти умумӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии шахс ва бунёди воситаҳои зарурист.

Ба технологияи инноватсионӣ технологияҳои таълими муайян, ки дар навбати худ барномаи амали педагог дар доираи ин ва ё он модули дидактикист, пурра мувофиқат мекунад. Модул намунаест, ки ҷадвали таносуб ё ҳамкории қисматҳои таркибии сохтори мукаммалро азхуд мемонад. Масалан, модулҳои ратсионализаторӣ ё технократӣ дар амал бо истифодаи технологияи пурра азхудшуда, технологияи таълими модулӣ, таълими барномарезишуда татбиқ мешавад. Стратегияи рушди таълими шахсӣ-марказонидашудаи таълим тибқи технологӣ алҳол таҳия шуда истодааст.

Айни вақт се кӯшиши тартиб додани назарияи сохтории технологияи таълим дар маҷмӯъ вуҷуд дорад. Тартиботи якум, ба ҳамагон хуб маълум ва ба олим В.П.Беспалько [22] тааллуқ дорад. Ин назария дар заминаи консепсияи фалсафии қонуннокии воқеиро эътирофкунанда ва вобастагии сабабнокии ҳама гуна зуҳуроти табиату ҷомеаро аз он, ки объекти баррасишаванда алгоритмизатсия шудааст, бунёд гардидааст.

Дар Г.К.Селевко, дар разряди технологӣ амалан ҳама гуна маҷмӯи таҷрибаҳои зиёд ё кам шомил мешаванд. Дар баробари ин шарти аз саргузарониву аз нав ҳосил кардан халалдор мешавад, ки барои технология муҳим арзёбӣ мегардад [141].

Мо чунин меҳисобем, ки барои шартҳои (шароитҳои) дақиқ бояд технологияи таълимеро истифода бурд, ки банақшагирии эҳтимолии модулу воситаҳои таълим имкон медиҳад. Модулу воситаҳо бо ёрии омӯзиши ҳолати аввалаи хонанда, ки бисёр сифатҳояш муқаррар шудаасту мавҷудияти онҳо барои амалисозии раванди технологӣ заруранд, татбиқ мегарданд. Ҷамъбасти асосӣ ғояи таҳлил аст, ки тибқи он аҳамияти ҳама гуна мафҳумро метавон ба воситаи тасвири амали ҳангоми ташаккулдиҳӣ истифодашаванда, истифодаю санҷиши ин мафҳум маҳсуб меёбад. Барои интихоби модули самараноки таълим назорат барои диагностикаи ҷаҳонбинии илмии хонанда зарур аст. Вазифаи асосии назорат бошад, аз муайян сохтани муҳтавои мавод иборат аст. Ҷадвале, ки дар расми 6 оварда шудааст, барои лоиҳагирии модулҳои эҳтимолии таълим истифода бурдан мумкин аст.

Расми 6. Ҷадвали механизми алоқаҳои маърифатноксозӣ. (оригинал саҳ.82 сурат)

а) Объекти маориф-модули таълим. б) Меъёри интихоби модули оптималии таълим. в) Ҳолати аввала. г) Ҳолати фосилавӣ. д) Ҳолати интиҳоӣ (натиҷаҳои ба нақшагирифташавандаи таълим. е) Диагностикаи ҳолати ибтидоӣ, фосилавӣ ва ниҳоии хонанда. ё) Механизми алоқаи таълим

Пешгӯиҳои эҳтимолии натиҷанокии сифати дониш имкон медиҳад дар ниҳоди хонандагон умқи ҳаракат аз рӯи маҳруки (траекторияи) таълимро одат кунонанд. Ба сифати механизми рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон адабиёти электронӣ, модули ҷадвалӣ, маводи дидактикӣ пешниҳод карда шавад. Барои истифодаи воситаҳои инноватсионии таълими ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъсиррасон бояд диагностикаи сатҳи ибтидоии дониши хонандагонро гузаронд. Имкониятҳо ва усули ҳаракати хонандагон вобаста аз омодагиашон ба азхудкунии блоки навбатӣ фардӣ

мебошанд. Модули технологияҳои инноватсионӣ дар ҷадвали 7 оварда шудааст.

Ҷадвали 7. Модули технологияи инноватсионӣ аз рӯи рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон. (оригинал саҳ.83 сурат)

1. Диагностикаи ҳолати аввала.

2. Маълумоти пешакӣ оид ба имкониятҳои эҳтимолии хонандагон.

3. Механизми рушди фарҳанги зеҳнӣ.

4. Меъёру нишондиҳандаҳо оид ба интихоби технологияҳои инноватсионӣ.

5. Адабиёти электронӣ.

6. Модули нақшавӣ.

7. Меъёр ва нишондиҳандаҳо оид ба рушди фарҳанги зеҳнии хонандагон.

8. Маводи дидактикӣ.

9. Фарҳанги зеҳнӣ.

Дар ин технологияи инноватсионӣ вазифаи таълим таркиби вазифаҳои иттилоотиро (ҷустуҷӯ ва таҳлили иттилоот) фарогир аст. Ҷустуҷӯ аз рӯи калимаҳои асосӣ қисми вазифа мебошад. Дар ин ҳолат сарчашмаҳои иттилоотӣ онҳое маҳсуб мешаванд, ки дар муҳтавояшон мутобиқати стандарти таълим пайгирӣ мешавад. Муҳим он аст, ки хонандагон ҳалли масъалаҳояшонро бо дигар ҳалли масъалаҳои пешин муқоиса кунанду дар фарҳанг чӣ гуна роҳҳои ҳалли умумӣ ба сифати намунаҳои фарҳанг қабул шудааст, бидонанд.

Элементи асосии ҷараёни таълим–ҳалли вазифаҳои таълим аст. Ин аст, ки барои муҳокимаи кор низ вақти бисёр лозим аст. Ҳар давраи дарс аз рӯи ченаки дастёбӣ ба ҳадаф ҷамъбаст мешавад. Биноан нишондиҳандаҳои вақти ҷорӣ дар ҷадвали дарс бо рақамҳои давраҳои дарс иваз мешаванд.

Муносибати технологиро рад карда олимон мафҳуми банақшагириро истифода мебаранд, на равандро бо тамоми қисматҳояш, ки дар муҳит сурат мегирад. Дар ҳақиқат, банақшагирӣ ба технология хилоф нест. Хулосаҳои

худро мо асоснок намуда, дарёфтем, ки зеҳни маърифати ҳар шахс ба худаш мувофиқ аст.

Зиёда аз ин ягон имконияти пешгӯӣ кардани он ки дар инсони аниқ он чӣ тавр буда метавонад, вуҷуд надорад. Маҳз бинобар характеристикаи эҳтимолии банақшагирӣ мо чунин меҳисобем, ки муносибати технологиро метавон барои банақшагирии муносибати шахсӣ-марказонидашуда истифода бурд. Дар технологияҳои инноватсионии таълим диагностика ба дарёфти пешакию пешгӯии равандҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда равона шудааст. Технологияҳои инноватсионии таълим ба рушди фаъолият афзалият медиҳанд, на ба ҷамъоварии рӯйдоду воқеаҳо (фактҳо).

Тавре таҷриба собит месозад, ҳар давраи педагогика технологияи насли худро офаридааст. Аммо, дар фарқият аз наслҳои компютер ё одамон ҳамаи онҳо идома доранду рушд мекунанд. Ин синфҳои зерини технологияи таълим мебошад:

– «Усулҳои (методҳои) анъанавӣ» (УА) дар доираи парадигмаи эмпирикӣ ба воя расидаанд. Давраи муҳими таълим дарс ба ҳисоб меравад. Усулҳои истифодашавандаи таълим–фаҳмондадиҳию мусаввар ва эвристикӣ буда, шакли суҳбату нақл афзалият доранд. Воситаҳои асосии диагностика–пурсиши даҳонӣ бе қайду коркарди натиҷа, корҳои хаттӣ баъди ҷамъбасти мавзӯи омӯхташаванда маҳсуб мешаванд. Ба теъдоди давраҳои муҳими таълим давраи дарсӣ-блокиро низ ворид кардан мумкин аст. Ба технологияи ин синф метавон технологияи семинарии классикиро барои ҳалли вазифаҳои маҳдуди баланд бардоштани самараи таълимро низ шомил сохт.

Технологияи модулӣ-блокӣ (ТМБ) барои дар доираи парадигмаи алгоритмӣ коркард намудан нисбатан хос аст. Давраи асосии таълим модул ё сикл (дарсҳо) маҳсуб меёбанд. Дар ин ҳолат усулҳои истифодашаванда–фаҳмондадиҳӣ–мусаввар, эврикӣ ва барномавӣ ба ҳисоб мераванд. Афзалиятро бошад, шакли таълими суҳбату таҷриба соҳиб аст. Воситаҳои асосии диагностика–пурсишҳои барномавии хаттии ҷорӣ (тестҳо) бе қайду коркарди натиҷаҳо, корҳои хаттӣ баъди анҷоми мавзӯи омӯхташаванда ба

ҳисоб мераванд. Намояндаи хоси ин насли технология–технологияи маҷмӯи воситаҳои таҷҳизоти таълим маҳсуб мешавад, ки аз тарафи олимон Г.Г.Левитас, М.В. Волович ва гурӯҳи онҳо таҳия шудааст.

Технологияи ҳадафӣ-блокӣ (ТҲБ) мавҷи дуюми коркард дар парадигмаи алгоритмиро мемонад. Давраи муҳими таълим–блок (дарсҳо) аст. Усулҳои истифодамешудаи таълим–фаҳмондадиҳию мусаввирӣ, эвристикӣ, барномавӣ ва проблемавӣ (таҳияи таълими проблемавӣ ба пайдоиши ин технологияҳо сабабгор шудаанд) мебошанд. Дар ин ҳолат афзалиятро шакли таълими суҳбату корҳои таҷрибавӣ касб мекунад. Воситаҳои асосии диагностика–пурсишҳои ҷории даҳонӣ ё корҳои хаттӣ бе қайду коркарди натиҷаҳост. Санҷиши даҳониву хаттӣ баъди анҷоми мавзӯи омӯхташаванда гирифта мешавад.

Намунаҳои хоси технологияҳои ҳадафӣ-блокӣ инҳоанд: лексияҳо, семинарҳои гуногун [159]. Аз таҳлили сарчашмаҳо маълум аст, ки технологияҳои номбаршуда дар заминаҳои гуногуни назариявӣ пайдо шудаанд. Ин назарияи ташаккули даврагии амалҳои ақлонӣ ва таҳияи таълими барномавии таълим дар парадигмаи алгоритмӣ, назарияи таълими рушдкунанда, таҳияи таълими проблемавӣ дар технологияи ҳадафӣ-блокист. Дар натиҷа сохтори раванди таълим, интихоби усулу маҷмӯи воситаҳои таълим дар онҳо ба таври назаррас фарқ мекунанд. Аммо, моҳиятан асосҳои мустаҳкам барои банақшагирии раванди таълим дар ҳарду ҳолат якхелаанд. Ин кӯшиши ба тартиб даровардани амалҳои қатъии пайдарҳам, ба фаъолияти омӯзгору хонанда додани алгоритм, ба таври мукаммал ба роҳ мондани назорати давомот (назорати барномарезишуда ва тести ба муқоиса бо намунаи додашуда) аст. Бо ин сабаб ба фарқияти зоҳирӣ нигоҳ накарда, технологияи ин насл ба як парадигмаи алгоритмӣ тааллуқ дорад.

Технологияҳои интегралӣ (ТИ) дар парадигмаи стохастикӣ насли якум буда, давраи муҳими таълим блок (дарсҳо) мебошад, ки аз ду зердавраҳо–доимиву тағйирёбандаи қисмати дарсҳо иборатанд. Усулҳои

истифодашавандаи таълим–фаҳмонидан–мусаввари̅, эврики̅, барномави̅, проблемави̅ ва модули̅ бо раванди афзалияти охири̅ ба ҳисоб мераванд.

Мо ба он эътибор додем, ки қисми муайяни натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷодаи технологияи таълим айни замон дар атрофии чор ғояи асоси̅ ҷамъбаст мешаванд:

1. Мустаҳкамшавии воҳиди дидактики̅ (МВД). Консепсияи МВД, ки олим П.М.Эрдниев [183] пешниҳод кардааст, айни замон қобили қабули ҳамагон аст. Қисми натиҷаи он азхудкунии технологияи ҳадафи̅-блокист.

2. Банақшагирии натиҷаҳои таълим. Сухан дар бораи банақшагирии бисёрсатҳаи таълим ва забони ин гуна банақшагирист. Банақшагирии натиҷаҳои таълим ба технологияи мақсадгузори̅ тааллуқ дорад. Раванде, ки барои ноил шудан ба ҳадаф мебарад, таълими фарққунанда номида мешавад.

3. Компютерикунони̅. Таълими компютери̅ воситаи пурзӯркунии зеҳни таълимгирандагон ва рушди онҳо маҳсуб мешавад. Истифодаи адабиёти электрони̅ чун таҷҳизоти идоракунии раванди таълим ба рушди фарҳанги зеҳнии хонанда таъсир мерасонад.

Аз таҷрибаи педагоги̅ маълум аст, ки дар ҳар як самти нишондодашуда муваффақиятҳои ҷидди̅ ба назар мерасанд. Ҳолат ва рушди сохтори педагогиро метавон аз рӯи рушди технологи̅ баҳогузори̅ кард. Маҳз рушди воситаи таълим ва усулҳои марбут ба он, афзоиши «вазн»-и онҳо раванди барқароршавии технологияро дар педагогика фаъол гардонид. Барои парадигмаи стохастики̅ мустақилияти калони хонандагон хос аст. Вазифаи омӯзгор аз мақсад гузоштан, ташкили ҷараёни иҷрои он, таҳлили натиҷаҳо ба предмети мувофиқати натиҷаҳои банақшагирифташуда иборат хоҳад буд.

Фосилаи вақте ки барои ноил шудан ба гурӯҳи ҳадафи гузошташуда зарур аст, давраи таълим номида мешавад. Давомнокии давраи таълим вобаста аз характер ва теъдоди ҳадафҳо ҳархела буда метавонад. Қисматҳои муҳими ҳодисаҳои бегона–дарс ва блоки дарсҳост. Давраи таълим, ки ба омӯзиши мавзӯи сарбастаи нисбатан автономии мавзӯи курси таълим

нигаронида шудааст, блоки дарсҳо номида мешавад. Масалан, вақти барои омӯзиши мавзӯи «Монандӣ» -и курси мантиқ аз як блоки дарсҳо иборат аст.

Дарс давраи камтари таълим аст. Аниқтараш, дарс фосилаи вақти кӯтоҳтаринест, ки дар он ин ва ё он гурӯҳи мақсадҳоро метавон ноил шуд. Ин муайянсозӣ ба дигар муайянсозиҳои мавҷудаи курси дидактикӣ хилофатӣ намекунанд. Аммо, мо дар он дарсро аз соати академӣ дақиқ фарқ мекунем. Дар баъзе ҳолатҳо бешуурона монанд кардани онҳо ба якдигар ба рушди илми педагогика ва ҳам таълим халал мерасонад. Хусусан, ин дар баҳси атрофи технологияҳои навтарини таълим пайдо мешавад. Аз рӯи муайянсозиҳои мо, дарс он вақте ба анҷом мерасад, ки ҳадафҳои он ҳосил шавад. Ин ҷо мақсад аз гузаронидани дарс чист ва кадом мақсадҳо ба даст меояд, муҳим аст.

Ҳадафҳо амалҳои сохторташаккулдиҳандаи ҳама гуна фаъолият аз ҷумла, фаъолияти инноватсионӣ мебошанд. Ҳадаф чӣ гуна бошад, фаъолият низ ҳамон гуна аст. Фаъолият чӣ гуна бошад, натиҷа низ ҳамон гуна хоҳад буд. Сифати тайёр намудани иҷрокунандагон назар ба мақсад гузоштан аксар вақт ба натиҷаҳои фаъолият кам таъсир мерасонанд. Дарки он солҳои 50-уми қарни гузашта ба арзи ҳастӣ намудани қисмати махсуси илмҳои педагогика: технологияи мақсадгузорӣ мусоидат кард.

Ҳадаф–намунаи натиҷаи орзугист, кадоме, ки мехоҳанд дар вақти муайяншуда ба даст оранд. Агар субъект фаҳмад, ки кадом мушкилотро ҳал карданист, пас дар ҳадафҳояш ӯ бояд кадом натиҷаҳои аниқро дар вақти муайяншуда ба даст орад, қайд кунад. Пайи ба таври номуайян таҳия намудани ҳадафҳо ҳама вақт мавҷуд набудани натиҷаҳои пурмуҳтаво пинҳон мемонад. Барои парадигмаи стохастикӣ ҷудо кардани ҳадафҳои педагогӣ ба когнитивӣ (рушди ақлу тафаккур), эҳсосӣ (рушди эҳсос ва муносибат) хос аст. Зери ин ҳадафҳо ба нақша гирифтани давраҳои таълим (блокҳо, дарсҳо) осон аст. Ба ҷои саволҳои муғлақи «Чиро бояд тарбия кард?», «Чиро рушд диҳем?» ҷавобҳои мушаххасу дақиқи зеринро додан мумкин аст:

–ман дар давраи навбатии таълим барои рушди ақл ва тафаккури хонанда чӣ кор карданиам?

–барои рушди ҳиссиёти хонандагон, муносибати эҳсосии онҳо нисбати олам ва муносибати байни худи онҳо чӣ кор карда метавонам?

–ба обутобёбии бадани (ҷисми) хонандагон, мутобиқсозии ҳаракати онҳо, пешгирии хасташавӣ, беҳолӣ (рушди психомоторӣ) чӣ кор мекунам?

Агар воситаҳои дастраси санҷиши воқеии ҳадаф мавҷуд бошад, он вақт ҳадаф диагностикӣ мешавад. Дар ҳақиқат диагностикӣ будани ҳадафҳо барои имконияти балоиҳагирии раванд шарти зарурист. Барои он, ки имкониятҳояш технологизатсия аст. Танҳо дар ҳолати ҳадафҳо дорои маълумоти хусусияташон будан дар бораи балоиҳагирии раванд ҳарф задан мумкин аст, ки барои ноил шудан ба ин мақсадҳо мусоидат мекунад. Ҳадафи аз рӯи амалҳо пешниҳодшуда вазифа номида мешавад. Пешниҳоди ҳадаф дар намуди вазифа зарур ва шарти басандаи имконияти балоиҳагирии раванд барои ноилшавии онҳост. Пешниҳоди гурӯҳи ҳадафҳои давраи таълими сохтори вазифа банақшагирии натиҷаҳои таълим номида мешавад. Банақшагирии натиҷаҳои таълим аз рӯи ҳар мавзӯи курси таълими «Асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ» -ро метавон бо тартиботи вазифаҳои таълимии ин мавзӯъ пешниҳод кард. Ин имкон медиҳад таълимро тавре ба нақша гирифта шавад, ки дар он қисми ҳадаф ҳуқуқи мустаснои (махсуси) хонанда мегардад. Вай метавонад ҳадафро аз пешниҳодшудаҳо интихоб кунад. Ҳадаф барои ҳамагон умумӣ буда наметавонад. Ҳар кадом бояд имконияти худ рушд додани ҷаҳонбиниашонро дошта бошанд. Паёмади ин гуна дастурҳои ҳадафнок ба қабатҳо ҷудошавии натиҷаҳои банақшагирии таълим аз рӯи горизонталӣ-ҳамвории муҳтавои ҳар предмет, ҳамзамон аз рӯи вертикалӣ–аз рӯи сатҳи умқи воридшавӣ ба ин муҳтаво, азхудкунии он маҳсуб мешавад. Маълум мегардад, ки дар бораи сатҳи банақшагирии натиҷаҳои таълим ҳарф заданамон мумкин аст. Таъмини ноил шудан ба натиҷаҳои гуногуни банақшагирифташавандаи таълим барои гурӯҳҳои гуногуни хонандагон дар доираи як раванди таълим тафриқаи он номида мешавад. Банақшагирии

натиҷаҳои таълим ва тафриқаи раванди таълим ба ҳамдигар зич алоқаманданд.

Бояд сатҳи натиҷаҳоро то оғози раванд ба нақша гирифта, онро барои хонандагон кушод мондан лозим аст, то ки онҳо озодона интихоб намоянд.

Асоси педагогӣ барои ҷудо кардани сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмии субъектҳо, натиҷаҳои банақшагирифташавандаи таълим ба назария эътирофи калон медиҳанд. Назарияи таълими рушдкунанда аз кори олим Л.С.Виготский [31] ибтидо мегирад. Дар он фаъолияти таълим гурӯҳбандӣ мешавад.

Шакли якуми фаъолияти таълим–фаъолияти репродуктивист. Маъниаш аз он иборат аст, ки хонанда он чизе, ки омӯхт, аз нав ба вуҷуд меорад (ҳама гуна таркиби мӯҳтавои таълимро).

Шакли дуюм–фаъолияти таълими азнавсозишуда аст. Вақте ки фактҳо (воқеа) аз рӯи хотира азнавсозӣ намешаванду балки ба таври худ азнавсозӣ мешаванд.

Шакли сеюми фаъолияти таълимӣ фаъолияти вариативист. Вай аз азнавбавуҷудории усулҳои амали мафкуравӣ иборат аст. Ин гузаронидани усулҳоро аз як ҷода ба дигар, аз як шароит ба дигар шароитро пешбинӣ мекунад. Аз он, ки фаъолияти таълимӣ аз нав бавуҷудоваранда аст, мо ҳолати зеринро мебинем: метавон факт ё усулҳои ба даст овардани онҳо, ё усулҳои ба даст овардани худи усулҳоро аз нав ба вуҷуд овардан мумкин аст.

Нақши муҳимро дар назария ташаккули даврагии амалҳои ақлонӣ ба фаъолияти самтгирии инсон мутааллиқ дониста, се шакли самтгириро баррасӣ мекунанд. Шакли якум дар самтгирӣ ба нишонаҳои ягонаву тасодуфии хос ба объектҳои алоҳида маҳсуб мешавад. Самтгирӣ аз рӯи шакли дуюм ба нишонаҳои маҳдуде, ки ба гурӯҳи объектҳои монанд тааллуқ дорад, нигаронида шудааст. Бинобар зарурати фарқ кардану ҳудудгузории объектҳо дар гурӯҳҳо механизмҳои таққос, мухолифгузорӣ, муқоиса ва дар ниҳоят таҳлилу амалиёти мафкуравии синтези ба он бозгашт ворид мешавад. Аз ин рӯ, самтгирӣ аз рӯи шакли дуюм ва нишонаҳои фарққунандаи он

фаъолияти таҳлилӣ-синтетикӣ маҳсуб мешавад. Ин ҷо гузаронидани дониш ба объектҳову ҳолатҳои ҳаммонанд ҷой дорад. Шакли дуюм бо самтгирӣ ба нишонаҳои глобалӣ ва хусусиятҳо, гурӯҳҳои васеи фарқкунандаи объекту зуҳурот марбут мебошад. Дар ин ҳолат гузариши дониш ба ҳолатҳои ношиносу нав ва ғайристандартӣ ба вуқӯъ пайвастанаш мумкин аст.

Пешниҳоди ҳадафҳои банақшагирифташаванда дар намуди сохтори вазифаҳои таълим имконият медиҳад раванди таълимро тағйир дода, онро чун ҳалли пайдарҳами силсилаи вазифаҳои мақсадноки интихобшуда ба тартиб даровarда шавад. Қисме аз онро худи омӯзгор бо нишон додани намунаҳои дуруст ҳал мекунад. Қисми дигари он ба таври фронталӣ бо иштироки хонандагони синф ҳал мешавад. Баъд вазифаҳо аз тарафи гурӯҳҳои алоҳида баррасӣ мешавад. Баъзеи дигар траекторияи ҷудогонаи ҳаракатро аз рӯи маводҳо барои бачагон таҳия месозанд.

Ҳамин тариқ, имконияти воқеии дур шудан аз таълими иттилоотӣ-дарккунӣ ба иттилоотӣ-фаъолиятӣ пайдо мешавад. Қабл аз оғози омӯзиши ҳар мавзӯъ ба бачагон имконияти шинос шудан бо вазифаҳо дар шакли электронӣ дода мешавад, ки натиҷаҳои банақшагирифташавандаи таълими мавзӯъро барои ҳар кадом сатҳ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки ҳар хонанда давра ба давра метавонад мустақилона роҳи шахсан банақшагирии натиҷаҳои таълимро таҳия созад.

Сохторикунониву гуруҳбандикунонии таҷрибаи назариявию амалии дар илми педагогика ҷамъовардашуда ва истифодаи он дар раванди таълим вазифаи танҳо як таҳқиқот нест. Шояд ин таҳқиқот оғози силсилаи корҳои илмӣ дар ин самт бошанд. Бо пайгирӣ асз қонуниятнокии мантиқи диалектикӣ, таҳлили ин мафҳумро мо бо ошкорсозии ибтидои ҳаракати он, чӣ гуна будани хилофатҳои он, оғоз кардем. Бо назардошти вазифаи таҳқиқоти маърифати статуси категориалии мафҳуми ҷустуҷӯшаванда дар маҷмӯи раванди педагогӣ мо ошкор сохтем, ки генезиси пайдоиши категорияи «зеҳн» тафаккур аст. Лаҳзаи пайдоиши фикр дар бораи предмет лаҳзаи фаҳмиш ва заминаи дарки предмет маҳсуб мешавад. Дар илм

тафаккур дар шакли калима падид меояд. Тартиби категориалии афкор бо мураккабии раванди мунъакиси инсонӣ тавсиф мешавад, кадоме ки ба мафҳумҳо мегузарад.

Барои интихоби технологияҳои инноватсионии оптималӣ чун категорияҳои педагогика амали мафкуравии фаъоли омӯзгор зарур аст. Ҳама гуна ҳолати педагогӣ барои омӯзгор маънои зарурати қабули қарорҳои муайянро дорад. Нусхабардории модулҳою технологияҳои бегона бе баҳисобгирии фактҳо ба набудани таҳияҳои назариявии ҷиддӣ оварда мерасонад. Худи муносибати технологӣ тайи таърихи анқариб якасраи барқароршавиаш, бо гузаштани се давра тағйиротҳои ҷиддии сифатиро паси сар кард. Инҳо эмпирикӣ-ҷамъбасти таҷрибаи омӯзгорони муваффақ дар муддати дароз бо теъдоди калони хонандагон; алгоритмӣ-банақшагирии алгоритмҳои муфассал ва қатъӣ муқарраршудаи фаъоли омӯзгорону хонандагон; стохастикӣ- банақшагирию муносибгардонии алгоритмҳои эҳтимолии идоракунии фаъолияти хонандагон.

Бо таҳқиқи мафҳуми таҳқиқшаванда тавассути призмаи категорияи «сабаб» ва «оқибат» мо сабаби истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва оқибати ин интихобро ошкор месозем. Алоқаҳои сабабӣ-оқибатӣ ба омӯзиши ҳамаҷонибаи моҳияти истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим мусоидат мекунанд. Барои муқаррарсозии алоқаҳои дохилӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим категорияи «моҳият» ва «зуҳурот» аҳамият доранд. Аз он ки моҳият нисбати зуҳурот устувортар аст, ҳангоми муайян сохтани моҳияти мафҳуми таҳқиқшаванда, хусусиятҳои нисбатан устувор ва нишонаҳои технологияҳои инноватсионии муносибкардашударо ошкор кардан зарур аст. Категорияи фазо ва вақт алоқаҳои навбатии категорияҳои «технологияҳои инноватсионии таълим» -ро муқаррар месозад:

–давомнокӣ бо вақт бо суръати ҳамкорӣ ва тағйири ҳолат алоқаманд аст;

–қабули субъективии давомнокии вақт аз теъдоду сифати амали субъект, ҳамчунин, ҳолати ботинӣ вобаста мебошад;

–вақт барнагарданда аст, аммо барнагаштани тағйирот дар гардишҳои сифатӣ ифода ёфта метавонанд, кадоме ки дар ин фосилаи вақти зуҳуроту предмети мушоҳидашавандаро паси сар намуданд (масалан, истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим аз тарафи омӯзгор чун сифати таълиму тарбия таҷрибаи бо мурури вақт бадастоварда);

–истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим чун категорияи педагогика аз фароҳам овардани шароити мусоиди меҳнат, муҳит ва макони ҷойгиршавии бароҳат вобаста аст.

Бо барқарорсозии алоқамандии байни категорияҳои «фарҳанги зеҳнӣ» ва мафҳуми «технологияи инноватсионии таълим» чун категорияи педагогика бояд нишонаҳои зеринро муайян кард:

–кӯшиши шахсият ба беназир будан;

–дарки аҳамияти шахсӣ;

–малакаи худро эҳтиром кардан.

Бо тавсифи писхологӣ (рӯҳӣ) чун идеалӣ Л.С.Рубинштейн [135] онро чун маҳсул ё натиҷаи фаъолияти психологӣ арзёбӣ мекунад. Бо муқоисаи мафҳуми «идеалӣ» ва «оптималӣ» нисбати ба даст овардани мақсади истифодашаванда, мо метавонем лаҳзаи умумии он натиҷанокиро қайд кунем. Л.С.Рубенштейн махсус қайд мекунад, ки дар азсаргузаронӣ чун дар маърифати психикӣ (рӯҳӣ) қаринаи (контексти) ҳаёти субъект аҳамияти калон дорад. Барои истифодаи технологияҳои инноватсионии оптималӣ дар ҷараёни таълим заминаи илмӣ лозим аст. Барои педагогҳо таҳқурсии илмӣ бо рушди сохтори донишҳои педагогӣ муттаҳид мегарданд [135, с.72].

Соҳаи иҷтимоии мушкилоти «технологияҳои инноватсионӣ» ба назари мо бо татбиқу рушди актуализатсияи (субъект) шахсият вобастагӣ дорад. Роҳҳои актуализатсия нишон медиҳад, ки чӣ тавр субъект бо рушди фарҳанги худ ва истифодаи зеҳнаш метавонад натиҷаҳои муайянро дар ҳаёт ноил шавад. Мафҳуми «актуализатсия» бо мафҳуми рушди шахсият, худмуайянсозии ботинӣ (ҷавобҳоро бояд аз худ ҷуст), раванди рушди имкониятҳои потенсиалии кӯдак алоқаманд аст. Мафҳуми «актуализатсия»,

«татбиқ» ва «рушд» дар сохтори мафҳуми «технологияҳои инноватсионӣ» таркибҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Дар таҳқиқи методология рушди мафҳуми таҳқиқшаванда барои омӯзиши принсипҳои ба ҳамдигар алоқаманд будан ва ҳамбастагии мафҳумҳои асосии педагогика ҷойи муайянро ишғол мекунад. Масалан, омӯзгори ба таълим оғознамуда бояд ҳамаро аз рӯи назарияи таълим донад. Олимони ба таҳияи назарияҳои гуногун машғулбуда мекӯшанд омӯзгорро бо донишҳои таълим чун раванди додани дониш, чун усули омӯзиш, чун омили фаъолгардии фаъолияти мафкуравии хонанда мусаллаҳ созанд. Аммо, чун қисмати раванди мукаммали таълим, вай наметавонад бе тарбия, маърифат, сотсиализатсия, кушодани имкониятҳои дохилии потенсиалии шахс мавҷуд буда наметавонад. Алоқамандӣ ва ҳамбастагӣ меъёри категориалинокии мафҳуми илмӣ маҳсуб мешавад. Категорияи «технологияҳои инноватсионӣ» бо дигар категорияхои педагогика бо инъикоси тасавуроти комил дар бораи ҳақиқати воқеӣ ҳамкорӣ мекунад. Ин гуна инъикос имкон медиҳад дониши боварибахшро дар бораи объекти фаъолияти омӯзгор–раванди мукаммали таълим гирифта шавад. Назарияи раванди мукаммали таълим омӯзгорро бо биниши сохтории объекти фаъолияти касбӣ, фаҳмиши моҳияти он мусаллаҳ месозад. Дар баробари ин на танҳо назария, ҳамзамон технологияи раванди мукаммали инноватсиониро донистан муҳим аст. Сабаби пайдоиши инноватсия дар педагогика ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим азнавбаҳодиҳӣ ба арзишҳои тамаддун гардид, ки дар ҷараёни он ҷомеа ба дарки зарурати тарбияи фарҳанги тафаккур дар инсон, ки қобили фаъолона иштирок кардан дар прогрессии иҷтимоӣ аст, расид. Бо ин вай худ ва ҳақиқати атрофро тағйир дод. Омили пешбарандаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар дарс муҳтавои маърифат буда, шахси асосии амалкунанда омӯзгор ба ҳисоб меравад, ки дорои салоҳияти сатҳи баланди касбӣ-педагогист.

Барои истифодаи технологияҳои истифодаи таълим дар дарсҳо омӯзгори мустақилона тафаккуркунанда лозим аст, ки дорои қобилияти ҳадаф

гузоштан, таҳлили ҳолатҳои педагогӣ, банақшагирӣ ва татбиқи раванди таълим, фароҳам оварда тавонистани муҳити солим, натиҷаи фаъолиятро пайгириву баҳо дода тавонистан, ҳамчунин, модулҳои зарурии таълимро истифода бурда тавонистан бошад. Модулҳои таълимро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

–ташкили шаклу усулҳои таълим;

–роҳҳои педагогиву воситаи таълим.

Омилҳои истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионии таълим дар дарсҳо тобеи банақшагирии ноилшавии натиҷаҳои таълим, дуруст баҳо дода тавонистан ба дониши хонанда, интихоби модули таълим, гурӯҳбандии ченакҳои онҳо, ҷустуҷӯи асосҳои таълим ва техникаи педагогӣ мебошанд.

Дар ҷадвали 8 омилҳои истифодаи бомуваффақияти технологияҳои инноватсионии таълим дар дарсҳо оварда шудаанд.

Ҷадвали 8. Омилҳои истифодаи бомуваффақонаи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим. (оригинал саҳ.95, сурат)

1. Технологияи инноватсионӣ.

2. Натиҷаи банақшагирифташавандаи таълим (диагностикӣ ва амалӣ).

3. Диагностикаи ҳолати ҷории хонанда ва пешгӯии рушди ӯ.

4. Модули таълим. Меъёри истифодаи модули таълим.

5. Асоси дидактикӣ.

6. Техникаи педагогӣ.

7. Усули таълим.

8. Шакли ташкилӣ.

9. Воситаи таълим.

10. Услубҳои педагогӣ.

Дар шароити муосир ҳолати воқеии сохтори таълим интихобу азхудкунии технологияҳои инноватсионии оптималиро талаб дорад, ки сабабҳои асосиаш инҳоанд:

–зарурати пухтарасидаи азхудкунии муносибати сохторӣ– фаъолиятӣ, батартибдарории усулҳои таълим дар педагогика;

–талабот дар татбиқи муносибати шахсӣ–муайян, ивази усули камсамари таълимии додани дониш;

–имконияти банақшагирии ҳалқаи технологии амалу усулҳо, шаклҳои ташкилии ҳамкории омӯзгору хонанда.

Парадигма ва муносибат ба ҳадафи таълим, муҳтавои он, усулу шаклҳо, воситаву услубҳои ташкили раванди таълим таъсири худро мегузоранд. Мутобиқи андешаҳои муосири фалсафӣ инсони ҷаҳонбинии худро рушддиҳанда бо муҳити воқеии ӯро фарогиранда кор надорад. Зеро, худи объекти маърифат бо илм ва таҷриба муҳитӣ кунонида шудаву дар он самтҳои муайян ҷудо карда шудаанд, кадоме, ки ба шахси вориди илмшаванда аллакай дар шакли умумӣ, муҳтавои абстрактӣ ва андешаҳояш дода мешаванд. Зери мафҳуми «услуб» одат шудааст, ки маҷмӯи усулҳои таълим фаҳмида шаванд. Аммо айни замон ду мафҳуми услуби таълим таркиб ёфтааст, ки инҳоанд: маҷмӯи услубҳои дарсгузаронӣ ва илм дар бораи қонуниятнокии ташкили раванди бузурги таълим.

Технолог он вақт ба амал оғоз мекунад, ки ҳадаф аллакай маълум асту бояд воситаҳои аниқи ноил шудан ба онро ёфт. Услуб масъалаҳои сиёсати маърифатии технологияро барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ (ба маънои маърифат) фаро мегирад. Аз ҷумла, яке аз вазифаҳои услуб ошкорсозии меъёрҳои қобили қабули ин ва ё он технология маҳсуб меёбад. Ин гуна рушдро ҳамзамон олим А.Кушнир дида мегӯяд: «Технология аз услуб бо азнавбавуҷудовариаш, устувории натиҷаҳо, мавҷуд набудани «агарҳо» -и бисёр: агар омӯзгори соҳибмаҳорат, бачагони соҳибмалака, мактаби бой фарқ мекунад. Аллакай кайҳо одат шудааст, ки услуб дар натиҷаи ҷамъбасти таҷриба ё таҳияи услуби нави тасаввуроти дониш пайдо мешавад. Зеро, технология бо назардошти шартҳои аниқу ба муайян мавқеъгирифта ба кор бурда мешавад, на аз рӯи натиҷаҳои тахминӣ [90].

С.Л.Рубенштейн қайд мекард, ки дониши инсон ва амалҳои мафкуравиаш ягонаанд. Дониш аз фаъолияти маърифатии субъект ҷудо пайдо намешавад ва бетаносуби он вуҷуд надорад. Бинобар он баррасӣ

кардани дониш аз як ҷониб чун натиҷаи амалҳои мафкуравӣ, ки онро дар худ дорад, аз ҷониби дигар чун раванди ба даст овардани ин натиҷа дуруст аст, ки дар он амалҳои мафкуравӣ инъикоси худро мебинанд. Аз ин рӯ, дониш ин натиҷаи зеҳн (инъикоси ҳақиқат) ва раванди ба даст овардани он (амалҳои мафкуравӣ) маҳсуб меёбад. [135, с.86].

Аз рӯи андешаҳои С.Л.Рубенштейн ҳама гуна мафҳуми илмӣ ин таркиби афкор ва инъикоси зиндагист. Ба дониши эмпирикии мафҳум амалҳои эмпирикии мафкуравӣ мувофиқанд, ба донишҳои шахсӣ-нақшавии мафҳум бошанд, амалҳои эҳтимолии мафкуравӣ мутобиқ мебошанд [135].

Тавре маълум аст, тафаккури хонандагон ба тафаккури омӯзгорон, ходимони фарҳанг, назоратчиёни ахлоқу ҳуқуқ монанд нест. Хонандагон мафҳум, образҳо, арзишҳо ва меъёрро ба вуҷуд намеоранд. Аммо дар раванди иҷрои онҳо хонандагон амалҳои мафкуравиро ба ҷо меоранд, ки бо воситаи онҳо ин маҳсули фарҳанги зеҳнӣ таърихан ба вуҷуд омадаанд. Дар фаъолияти таълим хонандагон раванди воқеии мафҳум, образҳо, арзишҳо ва меъёрҳои одамон бавуҷудоварандаро ба миён меоранд.

Ба азхудкунии мавод оғоз намуда, хонандагон маводи таълимро таҳлил мекунанд. Дар он баъзе муносибатҳои умумиро ҷудо мекунанд. Дар баробари ин дармеёбанд, ки он дар бисёр дигар муносибатҳои дар ин маводбуда пайдо мешавад. Муносибатҳои умумии монандиро дар шакли нишонӣ ба қайд гирифта, ба хонандагон абстраксияи муҳтавоии предмети омӯхташавандаро тартиб медиҳанд.

Таҳлили маводи таълимро идома дода, хонандагон алоқаи қонунии ин муносибати ибтидоиро бо зуҳуроти гуногуни он ошкор месозанд ва дар баробари ин ҷамъбасти муҳтавогии предмети омӯхташавандаро ноил мешаванд. Баъдан бачагон абстраксияи муҳтавогию ҷамъбастро барои рӯ намудани абстраксияҳои нисбатан бегона ва барои муттаҳид сохтан ба предмети таълимии мукаммал истифода мебаранд. Вақте хонандагон ба истифодаи абстраксияи ибтидоӣ ва ҷамъбаст чун воситаи рӯ кардану муттаҳид сохтани дигар абстраксияҳо оғоз мекунанд, онҳо ин амалҳои

мафкуравиро ба мафҳум табдил медиҳанд. Дар ин мафҳум «қафасча» - и предмети таълим ба қайд гирифта мешавад. Ин «қафасча» минбаъд барои хонандагон аз рӯи принсипҳои умумии муайяниашон дар тамоми бисёррангаҳои маводҳои воқеӣ хизмат мекунад, кадоме, ки дар шакли мафҳумӣ онҳо бояд бо роҳи баромадан аз тафаккури абстрактӣ ба фаҳмиши аниқ азхуд кунанд. Роҳи нишондодашудаи азхудкунии дониш ду нишонаи характериро соҳиб аст.

Якум, андешаи хонанда дар ин гуна азхудкунӣ ба таври мақсаднок аз рушд ба фарҳанги зеҳнӣ, ба азхудкунии маводи таълим ҳаракат мекунад. Хонандагон нахуст «қафасча» - и ибтидоии омӯхташударо ҷустуҷӯ карда, ба қайд мегиранду баъдан ба он такя намуда, хусусиятҳои бисёррангаи ин предметро рӯи кор меоранд.

Дуюм, ин гуна тартибот ба ошкор сохтани шартҳои бавуҷудоии муҳтавои фаннии мафҳуми омӯхташаванда аз тарафи хонанда равона карда шудааст. Хонандагон нахуст муносибати ибтидоии умумиро дар баъзе ҷанбаҳои фаннӣ муайян сохта, дар асоси он ҷамъбасти пурмуҳтаворо таҳия мекунанд. Ба шарофати ин муҳтавои «қафасча» - и фанни таълимдодашавандаро тартиб медиҳанд. Бо ин «қафасча» - ро ба воситаи муайян сохтани муносибатҳои нисбатан бегона аниқтараш, ба мафҳум табдил медиҳанд.

Вазифаи таълим аз ҷониби хонандагон бо воситаи амалҳои таълимӣ иҷро мешавад, ки дар зер онҳоро меорем:

–шартҳои вазифаро бо мақсади дарёфти муносибатҳои умумии объекти омӯхташаванда аз нав таҳия сохтан;

–модуликунонии муносибати муайяншуда ба предметиву ҷадвалӣ ва ё ҳарфӣ;

–аз нав таҳия сохтани модули муносибат барои омӯзиши хусусиятҳои он «дар намуди тоза»;

–батартибдарории сохтори вазифаҳои бегонае, ки бо усули умумӣ ҳал мешавад;

–назорати иҷрои амалҳои қаблӣ;

–баҳогузорӣ ба азхудкунии усули умумӣ чун натиҷаи ҳалли вазифаҳои таълим.

Ҳар як ин гуна рафторҳо аз амалиёти зарурӣ иборатанд, ки интихоби онҳо вобаста аз шартҳои аниқи ба ин ё он вазифаи таълим воридшаванда (диагностика бо амалҳои вазифа, амалиёти он бошад, бо шартҳои вазифа дар таносуб мешавад) тағйир меёбад.

Ба ҷамъбасти гуфтаҳои болоӣ мо ба чунин хулоса меоем, ки меъёрҳои башаклдаровардаи истифодаи модули технологияи инноватсионии таълим ба ҳар шарти дақиқ вуҷуд надорад. Дар ҷараёни таҳқиқ мо ошкор сохтем, ки истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда яке аз масъалаҳои фундаменталии мактаби муосир аст. Таҳқиқи ин масъала баробар бо дониши илмӣ ҳавасмандии амалиро аз худ мемонад, зеро дар ниҳоят ба ҳалли бисёр масъалаҳои педагогии марбут ба ташкили самараноки таълим ва тарбияи хонандагон равона карда шудааст.

Ошкор сохтани асосҳои педагогии истифодаи технологияи инноватсионии таълим ба педагогҳо нисбати дақиқ муайян сохтани технологияҳо, ба тартиб даровардан ва муқоисаи онҳо кӯмак мерасонад, кадоме, ки ба ин ё он парадигма мутааллиқанд. Ҳангоми муқоиса ва батартибдарории натиҷаҳои технологӣ метавон тағйироти теъдодиву сифатиро дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда тасвир кард. Бо ин метавон самти воқеии рушди онҳоро тавсиф намуд.

Парадигмаи стохастикӣ–самти инноватсионӣ дар сохтори таълим аст. Ҳалли ин масъала барои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим басо муҳим мебошанд. Зеро, то ба ҳанӯз моҳияти инноватсия аниқ карда, раванди ҳудудгузорӣ бо дониши муқаррарӣ идома дорад.

Асоси педагогии истифодаи технологияи инноватсионии таълим парадигма ва муносибатҳо маҳсуб мешаванд. Ин ба омӯзгорон нисбати эътирофи характери эҳтимолии банақшагирии раванди маърифатноксозӣ, эътибор додан ба субъектнокии хонанда, ҳавасманд сохтани нотакрор будани

хонанда, ба ҳар хонанда фароҳам овардани имконияти ҳаракат аз рӯи маҳруки (траектория) рушди шахсӣ кӯмак мерасонад. Кадоме, ки ба ҳадафу талабот, ҳавасмандии он ҷавобгӯ буда, дастурҳои арзиширо дар таълим тағйир медиҳад.

## Хулосаи боби якум

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ ба чунин хулоса омадем, ки ҳангоми истифодаи технологияҳои педагогӣ омӯзгорон худашон ҳадафи таълимро интихоб кардаанд.

Заминаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълим, ки ба рушди ҷаҳонбинии хонанда таъсир мерасонад, эътирофи шахсият, мустақилияти шахс, худбаҳодиҳии ҳар хонанда ба ҳисоб меравад. Рушди фард чун шахсият, бо таҷрибаи субъектнокии худ, аниқтараш, таҷрибаи ҳаётие, ки кӯдак то омадан ба мактаб дар шароитҳои дақиқи оилавӣ, муҳити иҷтимоию фарҳангӣ дар раванди қабулу дарки оламу одам ва амвол меомӯзад, мусаллаҳ аст. Таҷрибаи субъектиро шахсӣ, фардӣ, гузашта, ҳаётӣ, стихиявӣ меноманд. Аниқтараш, он вуҷуд дорад ва ба шахси аниқ, ба пешбарандаи ҳаёти худ бе баҳогузории таҷрибаи ҳақиқӣ, илмнокӣ, тағйирнопазирӣ, бехилофат бо мавқеи маърифати ҷамъиятӣ-таърихиаш тааллуқ дорад.

Дар доираи ин гуна муносибат хонанда азнавбавуҷудоварандаи таҷрибаи шахсӣ арзёбӣ мешавад. Бинобар он бояд аз мавқеи зерин баромад кард:

–маърифат на танҳо таълиму тарбия аст, ҳамзамон омӯхтан чун фаъолияти махсуси фардии хонанда маҳсуб мешавад;

–хонанда субъекти таълим нагардида, балки аз оғоз чун барандаи субъекти таҷриба ба ҳисоб меравад.

Дар технологияҳои маърифатноксозӣ ҳадафи таълим аллакай дар Стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Мушкилӣ дар

он аст, ки омӯзгор бояд нисбати ноил гардидан ба ин ҳадафҳо дар амал кӯшад ва дақиқ ҷудо кардани онҳоро барои ҳар дарси аниқ омӯзад. Таълими дар асоси афзалияти парадигмаи стохастикӣ таҳияёфта, ба рушди ҷаҳонбинии хонанда мусоидат мекунад. Бинобар ин омӯзгор ҳадафҳои дар стандарту барномаҳо овардашударо ба рушди таҷрибаи субъектнокии хонанда бо назардошти хусусиятҳои синнусоливу фардии онҳо ба шароити амалкунанда мутобиқат месозад. Дар раванди омӯзиши адабиёти педагогӣ мо ҳолати муосири мушкилоти истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро таҳлил намуда, ба хулоса омадем, ки то ба ҳанӯз асосҳои педагогии технологияҳои инноватсионии таълим муайян карда нашудаанд.

Дар раванди таҳқиқот ба мо муяссар шуд асосҳои илмӣ-педагогии истифодаи  технологияҳои инноватсионии таълимро дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон ошкор созем. Ҳамзамон, хусусиятҳои педагогии рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон муайян карда шуданд.

Таҳлили сарчашмаҳои назариявӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқот имкон дод муносибатҳои илмиро бобати истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон муайян сохта шавад.

Барои илми педагогика кадоме, ки ба таври мунтазам рушд мекунад, таҳияи воситаҳои наве, ки имкон медиҳад, моҳияти предмети таҳлилшавандаву зуҳуроти он ошкор ва ҳама гуна алоқаи имконпазир байни онҳо муқаррар карда шавад. Табиист, ки талабот ба тайёрии касбии омӯзгор, зарурати мунтазам такмил додани фаъолият аз ҷумла, ҷодаи услуби илмӣ, забон ва тафаккур меафзояд.

Ҳамин тариқ, барои дар таҷриба истифода бурдани технологияҳои инноватсионии таълим омодагии касбӣ ва шахсии омӯзгор ба эҷодиёт ба таври доимӣ худро такмил додан муҳим аст. Ҳолати имрӯзаи маориф таносуби самараноки эмпирикӣ, алгоритмӣ, парадигмаи стохастикиро дар фаъолияти таълимӣ-ҷаҳонбинӣ барои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда талаб дорад.

# БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОН ТИБҚИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ

## 2.1. Таҳия ва истифодаи китоби электронӣ чун воситаи самараноки технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон.

Дар асарҳои олимон-педагогҳо А.Н.Матюшкина, Е.Аленичова, Н.Монастирев [6,104], В.В.Гузеев [40], М.Е.Бершадский [21], В.А.Штофф [175] ва дигарон талаботи ба таҷрибаи педагогӣ пешниҳодшаванда асоснок карда шудаанд.

Мутобиқ ба маълумоти талабот кори таҷрибавӣ санҷишӣ дар МТМУ №1 шакли инноватсионии шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд гузаронида шуд. Тибқи қарори Шӯрои илмӣ-педагогии мактаб синфҳои назоративу таҷрибавӣ, аниқтараш, барои таҳқиқот хонандагони синфҳои 1-4 интихоб шуда буданд. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳангоми истифодаи парадигмаи эмпирикӣ фаъолияти таълимӣ-ҷаҳоншиносии хонандагон ба сатҳи репродуктивӣ равона мешавад. Хонандагон бо дар хотир нигоҳ доштани дониши тайёр, таҷрибаи гирифтани дониши навро надоранд, захира намекунанд. Бинобар он тавассути фосилаи муайяни вақт аз ҳаҷми аввалаи дониш ҳамагӣ 10-15 фоиз боқӣ мемонад.

Парадигмаи эмпирикӣ дар дарсҳо тавассути истифодаи технологияҳои конкретӣ-ҷадвалӣ ва амсилавӣ, модулӣ амалӣ мешавад. Дар муҳтавои ин

технологияҳо бисёр мусбиятҳо ҳастанд, то ки ба рушди педагогии илм мусоидат намуд, ки онро дар парадигмаи стохастикӣ истифода бурдан мумкин аст. Аммо ба андешаи мо, дар раванди истифодаи он ба фаъолияти ғайрибарномавӣ вақти басо зиёд сарф мешуд. Масалан, ба иҷрои чунин вазифаҳо ба монанди таҳияи эмблемаи худӣ ё гурӯҳӣ дар ҳолати амал кардан ба таври гурӯҳӣ. Ҳадафи ин гуна услуб ба рушди ҷаҳонбинии хонанда мусоидат намекард. Ҳарчанд шояд нишонаҳои эҷодиву қобилияти онҳоро рушд бахшида бошад ҳам. Дар технологияи В.Шаталов [172] бисёр лаҳзаҳои мусбӣ ва элементҳои ҷудогона мавҷуданд, ки метавон аз он барои рушди ҷаҳонбинии хонандагон масалан, ба таври ҷадвалӣ дар шакли нишонаҳо фаҳмонидани дарсро истифода бурдан мумкин аст.

Мувофиқ ба ҳадафи таҷриба ва фарзияи ташаккулдодашуда вазифаи кори таҷрибавӣ-санҷишӣ муайян карда шуд.

Дар давраи муайянсозӣ:

–ҳолати аввалаи истифодаи технологияи инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии хонанда омӯхта шаванд;

–баъди таҳлили адабиёти педагогӣ модули технологияи инноватсионии таълим барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда таҳия ва заминаҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии хонанда асоснок карда шавад;

–адабиёти электронӣ, модули ҷадвалӣ, маводи дидактикӣ барои рушди ҷаҳонбинии хонанда тайёр карда шавад.

Дар давраи таҷрибаи рушдкунанда:

–технологияҳои нави таълим тавассути китобҳои электронӣ, модули ҷадвалӣ тасвиб карда шавад;

–бо роҳи таҷриба самаранокии истифодаи модули технологияи инноватсионии таълим барои рушди ҷаҳонбинии хонанда санҷида шавад.

Дар кори санҷишӣ-таҷрибавии давраи дуюм, мо ба ҷои таҷрибаи ташаккулёбанда таҷрибаи рушдкунандаро истифода бурдем, кадоме ки дар як вақт таҷрибаи азнавбавуҷудоваранда маҳсуб мешавад. Дар таҳқиқоти мо

бояд ин давраи таҷриба истифода шавад, зеро мақсади азнавбавуҷудории педагогӣ дар раванди кори таҷрибавӣ-санҷишии мо рушди ҷаҳонбинии хонанда маҳсуб мешавад. Рушд–зуҳуроти бетанаффус аст. Мафҳуми «бетанаффус» -и таълим дар стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Рушд метавонад дар якчанд давра ба вуҷуд ояд, ки рушди ҳар хонанда аз рӯи маҳруки (траекторияи) шахсӣ сурат мегирад. Ҳатто, баъди анҷоми таҷриба бовар надорем, ки рушди фарҳанги зеҳнии хонанда ба охир расидааст. Вай метавонад дар звенои мобайнӣ ва синфҳои болоӣ идома ёбад. Аниқтараш, вақти истифодаи парадигмаи стохастикӣ хонандагон заминаи ҷаҳонбинии илмиро соҳиб мешаванд, ки тавассути истифодаи он давоми ҳаёти боқимонда рушди шахсӣ идома меёбад.

Тасдиқи китоби электронӣ ба мо барои тасдиқи фарзияҳои таҳқиқотиамон зарур буд. Дар давраи рушдёбии таҷриба мо технологияҳои инноватсионии таълимро барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон ба мисоли таҳкими воҳидҳои дидактикии П.М.Эрдниев тасдиқ кардем. Технологияи П.М.Эрдниев [184]-ро мо яке аз технологияҳои таълими самаранок меҳисобем, кадоме, ки онро метавон барои парадигмаи стохастикӣ истифода бурд. Барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон технологияҳои таълим лозиманд, ки зери он мо маҷмӯи мукаммали усулҳои таълими омӯзгорон истифодабарандаро мефаҳмем. Муаллим барои амалӣ сохтани таносуби самараноки электрикӣ, парадигмаҳои алгоритмиву стохастикӣ метавонад технологияи шахсӣ ё технологияи комилан навро таркиб диҳад. Дар таҳқиқоти мо муҳим он аст, ки омӯзгор бояд имкониятҳои эҳтимолии хонандагонро ба ҳисоб гирад. Ягон намуд малакаро нисбати рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда истифода барад. Дар оғози он барои хонанда шояд тасодуф буда, онро метавонад танҳо бо роҳбарии омӯзгор ба иҷро расонад. Аммо, дар натиҷа, ки хонанда ба шароитҳои зарурӣ мутобиқ мешавад, он вақт ин амалро бе ёрии омӯзгор метавонад иҷро кунад. Имкониятҳои эҳтимолии хонандагони он потенсиали зеҳнии пӯшидаро мефаҳмонад, ки дар ниҳоди хонанда табиатан пайдо шудааст.

Технологияи таълим–маҷмӯи илман асосноки фаъолияти хонандаву омӯзгор буда, дар раванди он усулҳои инноватсионии таълим истифода мешавад, ки дар муҳлати кӯтоҳтарин бо таносуби парадигмаи эмпирикиву алгоритмӣ ва стохастикии рушди ҷаҳонбинии хонанда мусоидат мекунад. Технологияи таълимро метавон дар ҷараёни таълим истифода кард. Ҳамин тариқ, технологияи инноватсионии таълим ҳангоми истифодаи парадигмаи стохастикӣ дар амал ҳамкории самараноки педагогу хонанда, аниқтараш, маҷмӯъи фаъолияти онҳоро дар раванди мукаммали таълимро бояд татбиқ созад. Мо принсипҳои асосии истифодаи технологияҳои инноватсиониро муайян сохтем, ки инҳоанд:

–илмнокӣ;

–пуррагӣ;

–сохторнокӣ;

–пайдарҳамӣ;

–маҷмӯънокии усулҳои истифодамешуда.

Дар давраи назоратӣ бошад:

–натиҷаҳои таҷрибаи рушдкунандаро ҷамъбаст кардем;

–дастурҳои методиро барои омӯзгорон оид ба рушди ҷаҳонбинии хонанда таҳия сохтем.

Ин ҷо сабабҳои усулҳои педагогии таҳқиқотро мефаҳмонем, ки тарафҳои муҳими ба мушкилоти таҳқиқ воридшаванда: моҳияту афзалияту талаботи онҳо ба усулҳои пешниҳодшаванда барои чӣ баррасӣ мекунем, чӣ тавр баҳогузорӣ ва шарҳу тавзеҳ дода мешавад?!

Муҳаққиқ Матрос Д.Ш. [103] зери мафҳуми усулҳои педагогӣ «усули расидан ба мақсад» - ро мефаҳмад. Ӯ қайд мекунад, ки усул барномаи тартибу истифодаи амалии назария аст. Дар як вақт усул субъективӣ аст, зеро, вай ёроқи андешаи муҳаққиқ буда, ба сифати ин гуна ба худ хусусиятҳои субъективии онро мегирад. Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ мо ба тавсифи муфассали усулҳои таҳқиқи дар кори таҷрибавӣ-санҷишӣ истифода мекардаамон истода мегузарем.

Муҳаққиқи дар боло номбаршуда чунин меҳисобад, ки усул ҷамъбасти синфи муайяни усулубҳо буда, методика бошад, дақиқсозии усул ба ҳисоб меравад. Дар асоси усули муайяншуда бисёр методикаро таҳия кардан мумкин аст[103]. Бинобар ин мо дар фаъолияти таҷрибавӣ-санҷишии худ усулҳои зерини таҳқиқро истифода бурдем:

–омӯзиши адабиёти педагогӣ имкон дод нопурра омӯхта шудани масъалаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро бо мақсади рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда муайян ва аз лиҳози назариявӣ заминаҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда асоснок карда шавад. Ҳамзамон, модули технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии хонанда таҳия карда шавад;

–усулҳои математикии коркарди маълумоти оморӣ. Ин гуна усулҳоро мо барои таҳлили теъдодии маводҳои воқеии дар ҷараёни таҳқиқ бадастомада истифода бурдем;

–мушоҳида–мушоҳидаи педагогӣ барои муфассал ба қайд гирифтани тағйироти сифатии дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда ба вуқӯъ мепайваста зарур аст;

–омӯзиши маҳсули фаъолияти хонандагӣ дар ҷараёни таҳқиқамон ин усул басо муҳим аст. Зеро, дар корҳои омӯзгорон натиҷаҳои дастовардҳои онҳо дида мешавад;

–усули ҷамъбасти назариявӣ–ин гуна усул барои ҷамъбасти маълумотҳои гирифташуда истифода бурда шуданд.

Дар барномаи таҷрибаи таҳиянамудаи мо се намуди таҷриба ворид карда шуда буд: муқаррарсозӣ, ки барои диагностикаи ҳолати ибтидоии рушди фарҳанги зеҳнии хонанда зарур аст. Дар давраи дуюм таҷрибаи рушдкунанда гузаронида шуд, ки дар раванди он фаъолияти таълимӣ-шиносоии хонанда бо мақсади рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда ташкил карда шуд. Дар давраи ҷамъбастӣ таҷрибаи назоратӣ гузаронида шуд, ки дар ҷараёни он натиҷаҳои таҷрибаи пешин (рушдкунанда) муайян карда шуданд.

Дар раванди таҷрибаи муқаррарсозӣ мо усулҳои таҳқиқотии зеринро истифода бурдем. Омӯзиши адабиёти педагогӣ, ки имкон дод сатҳи омӯхташудаи мушкилоти мо таҳқиққунандаро, хусусан рушди ҷаҳонбинии хонандаро муайян созем. Дар давраи таҷрибаи рушдкунанда мо усули мушоҳидаро истифода бурдем, кадоме ки нисбати баҳогузорӣ ба тағйироти сифатии дар раванди рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда бавуҷудоянда кӯмак кард. Ин усул ба он қулай аст, ки омӯзгор-муҳаққиқ дар раванди мушоҳида иштирокчии равандҳои бавуқӯъмепайваста мегардад. Ӯ тағйироти воқеиро дар рушди хонанда дида метавонад. Дар ин давра аз ҷониби мо усули омузиши маҳсули фаъолияти тадрисии хонанда истифода шуданд. Ин гуна усул ба омӯзгор-муҳаққиқ маълумоти воқеиро дар бораи натиҷаҳои бадастовардаи хонандаи аниқ бобати сатҳи муайяни рушди ҷаҳонбинӣ медиҳад.

Дар давраи назоратии таҷриба мо усули ҷамъбасти назариявии маълумотҳоро истифода бурдем. Ин гуна усул ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшудаи таҷриба ва ба таҳиясозии дастурҳои методии муайян нисбати истифодаи технологияҳои инноватсионии барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда самараноктар аст. Аз ин рӯ, метавон мақсади воқеии бавуҷудояндаро ба ҷараёни таълим пеш гузошт–ин таҳияи адабиёти таълимии электронӣ. Адабиёти электрониро чун маҷмӯи маводи назариявии маълумотдиҳӣ-иттилоотӣ ва таҷрибавӣ, вазифа барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда муайян сохт [6, 28, 87].

Афзалиятҳои зерини адабиёти электрониро муайян месозанд:

–имкон медиҳад 100 фоиз ҳайати хонандагонро фаро мегирад;

–сифати таълимро баланд мебардорад;

–вақтро барои ҷустуҷӯву таҳияи адабиёт сарфа мекунад;

–маводи барои истифодаи шахсӣ зарурро метавон чоп кард, ки вақтро барои конспекткунӣ сарфа намуда, ба омузгору хонанда имкон медиҳад, саводи муфассалро соҳиб шавад.

Ҳадафи таҳияи адабиёт дар ташкилу гузаронидани машғулиятҳои мураттаби зеҳнӣ-рушдкунанда дар баррасии хусусиятҳои гузаронидани машғулиятҳо дар инъикоси мушкилоти марбут ба характери вазифа бо хусусиятҳои кӯмак дар иҷрои он маҳсуб меёбад. Кор бо адабиёти электронӣ аз машғулиятҳои муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки хонандагон бояд малакаи кор бо компютерро дошта бошанд.

Ба сохтори муҳтавои адабиёти электронӣ талаботе пешниҳод мешавад, ки тавассути хусусиятҳои гузаронидани машғулият амалӣ мешавад. Хусусият ба гузаронидани машғулиятҳо аз рӯи адабиёти электронӣ дар он маҳсуб мешавад, ки онҳо дар заминаи муносибати таҳлилӣ асос ёфтаанд.

Муносибати таҳлилӣ аз ду тараф–тарафи теъдодиву тарафи сифатӣ тавсиф мешавад. Рушди қобилияти таҳлилкунандагӣ нисбати муайян сохтани маълумот бо рақамҳои калон ва муносибати онҳо, ки дар шартҳои вазифа нишон дода шудаанд, кӯмак мерасонад.

Дар ҳолати дуюм, аниқтараш, баррасии рушди қобилияти таҳлилкунандагӣ аз лиҳози сифатнокӣ инро мефаҳмонад: агар хонанда қобилияти таҳлил кардан дошта бошад, ӯ ҳамон андоза аниқ муносибатҳои муҳимро дар шартҳои вазифа муайян месозад, нисбатан дақиқ маълумотҳои заруриву зиёдатиро ҷудо мекунад. Қобилияти таҳлил карда тавонистан ба сатҳи таълими рушди ҷаҳонбинии хонанда тааллуқ дорад. Дар ҷараёни кор бо адабиёти электронӣ хонандагон мустақилона баробар, кам ё зиёд самаранок истифода бурдани соати таълим, маводи таълим, ҳамчунин самаранок ташкил намудани фаъолияти таълимӣ-шиносиро меомӯзанд. Дар натиҷаи кор бо адабиёт дар хонанда на танҳо ҷаҳонбинии илмӣ рушд меёбад, ҳамзамон ҳаҷми донишаш меафзояд.

Барои рушди қобилияти таҳлил карда тавонистан истифодаи вазифа «ба гурӯҳ» мақсаднок аст. Маънои умумии ин вазифаҳо дар ҷустуҷӯи нишонаҳои умумиву фарқкунанда дар калимаҳо ё предметҳои гуногун маҳсуб мешавад. Ҷустуҷӯи нишонаҳои монанду гуногун дар заминаи таҳлили се намуди

вазифа: «монандӣ», «фарқият», «буррида гузаштан», ки дар машғулиятҳо истифода бурда мешавад, асос ёфтаанд.

Дар ҳама гуна вазифаҳо ба «гурӯҳҳо», «монандӣ», «фарқият» ва «бурида гузаштан» матлуб шаклҳои гуногунро дошта метавонад. Дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми ҳалли ҳама гуна вазифаҳо як расмро интихоб карда зарур мешавад. Муносибати семантикӣ маҳз ҳамин гуна шакли матлуб дар вазифаҳои «монандӣ», «фарқият», «бурида гузаштан» -ро пешбинӣ менамояд, ки дар боло баррасӣ шуданд. Дар дигар ҳолатҳо ҳангоми ҳалли вазифа ба ҳама намуд «гурӯҳҳо» бояд ду расм интихоб кард. Зеро, ба вазифаҳои «монандӣ» -и мураккабиашон сатҳи якум вазифаҳои дар расми 10 овардашуда тааллуқ дорад.

Дар расми 11 фигураҳои геометрие оварда шудаанд, ки онҳоро дар расмҳои 10 дидан мумкин аст. Онҳоро бодиққат тамошо карда, монандиву фарқияти онҳо, фарқи макони ҷойгиршавии онҳоро дар расмҳо муайян созед.

Расми 10.




Расми А



Расми В



Расми С

Расми 11.


Расми А


Расми B


Расми C


Расми D

Дар вазифаҳои дар сурати 11 (А, В, С, Д) нишондодашуда монандӣ, фарқият, шаклу теъдод, ҳаҷмро муайян ва монандии онҳоро гурӯҳбандӣ кардан лозим аст. Як ҷуфтеро дарёбед, ки бо расми А монандӣ дошта бошанд. Ҷуфти дигареро ёбед, ки дар расми А набошад. Ҳалли ҳамҷояро дида, таҳлил кунед ва хулоса бароред.

Инак, бояд гуфт, ки дар вазифаҳои ҳама намуди «монандӣ», «фарқият», «бурида гузаштан» мақсадҳои гуногуни ҷустуҷӯии гуногунро пеш гузоштан мумкин аст. Маънои фаъолияти хонанда ҳангоми ҳалли вазифа ба «гурӯҳ» дар он маҳсуб мешавад, ки фаъолияти ҷустуҷӯии хонандагон ҳангоми ҳалли ҳама гуна вазифа ба «гурӯҳ» метавонад маънои гуногуни субъективӣ ва объективиро дошта бошад.

Ба тавсифи маънои субъективӣ фаъолияти эҷодии хонандагонро, ки бо интихоби як расм, як ҷуфт расм ё муқоисаи расмҳо қайд кардан зарур аст, дар баъзе ҳолат хонанда медонад, ки вазифаро ҳал карда истодааст, натиҷаро

ҷустуҷӯ дорад, кадоме, ки талаботи пешниҳодшударо қаноатманд месозад. Маҳз, ҳамин гуна фаъолият ҳангоми ҳалли тамоми вазифаҳо амалӣ мешавад.

Дар дигар ҳолатҳо ба хонандагон вазифа чун маънии рости фаъолияташ–санҷидани ҷавоби масъалаи то ин дам нафаре дарёфта дода мешавад. Дар баробари ин хонанда метавонад на танҳо вазифаро ҳал кунад, ҳамзамон ҷавоби онро санҷад ва вазифаро тартиб диҳад.

Баррасии маънии фаъолияти кӯдак дар маводи вазифаҳои гуногун ба «гурӯҳ» дар бораи маънии объективии фаъолияти таълимӣ-шиносоии хонандагон ҳарф мезанад: «азхуд кардани ҳалли вазифа», «азхуд намудни санҷиши ҳалли вазифа», «азхуд кардани таҳияи вазифа». Ҳар се варианти овардашудаи вазифаро хонанда метавонад бо усулҳои гуногун, хоса бо усулҳои нисбатан ё зиёдатан мураккаб ҳал кунад.

Омӯзгор метавонад ба хонанда дар ҳалли вазифаи «гурӯҳ» кӯмак намояд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки хатогиҳо ҳангоми ҳалли вазифа ба «гурӯҳ» бо он алоқаманд аст, ки тамоми раванди ҷустуҷӯи ҳалли вазифа, тамоми андешаи хонанда дар он аст, ки кадом расмро интихоб кунад: ҷуфтро ё ягон намуд гурӯҳи расмҳоро, ки ба ҷустуҷӯи мустақилона равона шудааст. Аниқтараш, фаъолияти тафаккуриаш дар «ақлаш» сурат мегирад. Бионан аз худмушоҳидаю назорат кардан аз канор пӯшида аст. Ин ҳолат ба хонандагони сустхон дар идоракунии ҷустуҷӯи мустақилона мушкилӣ оварда, сабабгори хатогиҳо чӣ дар давраи муайян сохтани нишонаҳо ва чӣ дар давраи муқоисаи мусаввараҳо мегардад.

Намуди асосии кӯмак ба хонанда дар ҳалли ҳама гуна вазифаҳо ба «гурӯҳ» дар шароити фароҳамовардаи онҳо нисбати худназоратбарӣ аз болои амалҳои ҷустуҷӯиашон маҳсуб мешавад: (саҳ.111).

1. Рангубор додани нишонаҳои ҷудокардашуда ба ҳар гуна ранг, ки имкон медиҳад, натиҷаи фаъолияти хеш ба қайд гирифта шавад.

2. Муқоисагузории мусаввараҳо аз рӯи нишонаҳои ҷудокардашуда–ба нишона вариантҳои ҳар як аз ду нишонаи ҷудошуда қайд карда шавад.

Дар асоси дигар варианти кӯмак ба хонандагон сухан ба ҳисоб меравад. Ба хонанда дар асоси варианти муайяншуда ду нишона пешниҳод мешавад, кадоме, ки дар ҳар мусаввара ҷудо мекунад. Дар давраи муқоиса бошад, номбар кардани вариантҳои нишонаҳои ҷудокардашударо пешниҳод мекунад. Бо нақли амалҳояш ва номбар кардани хусусиятҳои қабули мусаввара ба хонандагон имкон медиҳад фаъолияти худро зери назорат гиранд ва хатокардаҳои худро мустақилона ислоҳ соханд.

Истифодаи адабиёти электронӣ дар машғулиятҳо оиди маводҳои вазифаи сатҳи аввали мураккабӣ давраи ибтидоӣ дар идоракунӣ ва мунтазам рушд додани қобилияти фикрии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад.

Тасдиқи маводҳо нишон медиҳад, ки хонанда ба машғулиятҳои мунтазам дар асоси маводҳои ҷустуҷӯӣ бо шавқ муносибат менамояд. Дар андешаҳои худ волидон қайд кардаанд, ки хонандагон дар ҳалли вазифаҳои математикӣ худро нисбатан боваринок идора мекардагӣ шуданд. Ин хонандагони дар машғулиятҳои рушди зеҳнӣ иштирок мекардаро ба таври назаррас фарқ мекунонад.

Барои муайян сохтани рушди қобилияти таҳлилкунандагӣ услубҳои диагностикӣ истифода бурда шуданд, ки имконият дод сатҳи рушди ҳар хонанда бо ёрии вазифаҳои диагностикӣ то иштирокаш дар машғулиятҳо аз рӯи адабиёти электронӣ ва баъди анҷоми он муқоиса карда шавад. Мо ба чунин хулоса омадем, ки агар машғулиятҳо кам гузаронида шаванд, тағйиротро ҳам дар рушди онҳо кам умедвор бояд шуд. Бинобар он самаранокии машғулиятҳо дар рушди ҳар қобилияти ақлонӣ, аниқтараш, ба даст овардани нишондиҳандаи ҷамъбастӣ дар маҷмӯъ мушкилтар мешавад.

Таъсири машғулиятҳои мунтазамро аз рӯи китоби мазкур ба қобилияти ақлонии бачагон дар маводи таълимӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳо оид ба математикаву забон дарёфтан мумкин аст. Ҳангоми тартибдиҳӣ ба ҳисоб гирифтан лозим аст, ки супориши «иҷрои вазифа» назар ба «санҷиши ҳалли вазифа» осонтар аст. Кадоме, ки дар навбати худ назар ба «таҳияи вазифа»

осон аст. Ин усули азхудкунии вазифа ба «гурӯҳ»-ро вазифавӣ номидан мумкин аст. Барномаи таҳияи машғулиятҳо ба маводҳои «монандӣ», «фарқият», «бурида гузаштан» дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 3. Барномаи тартиби машғулиятҳо дар маводҳои «монандӣ», «фарқият» ва «бурида гузаштан»

| | Мӯҳтавои таълим | Теъдод |
|---|---|---|
| | «Монандӣ» | |
| | Ҳалли масъалае, ки дар он бояд як расм ёфта шавад | 3 |
| | Ҳалли вазифаеро санҷид, ки дар он як расмро ёфтан | 3 |
| | Вазифаеро бояд тартиб дод,ки дар он як суратро ёфтан лозим. | 3 |
| | Фарқият | |
| | Ҳалли масъалае, ки дар он бояд як расм ёфта шавад | 3 |
| | Ҳалли вазифаеро санҷид, ки дар он як расмро ёфтан лозим | 3 |
| | Вазифаеро тартиб дод,ки дар он як суратро ёфтан лозим. | 3 |
| | Бурида гузаштан | |
| | Ҳалли вазифаро бояд санҷид, ки дар он як расмро ёфтан | 3 |
| | Ҳалли вазифаеро санҷид, ки дар он як расмро ёфтан лозим | 3 |
| | Вазифаеро бояд тартиб дод, ки дар он як суратро ёфтан лозим. | 3 |
| | Ҷамъулҷамъ | 27 |

Ҳолатҳои қайдшуда имкон медиҳад машғулиятро ба маводҳои вазифаи гурӯҳ ҳамзамон аз рӯи ду барнома гузаронидан мумкин аст. Дар доираи барномаи дуюм принсипи зимнан мураккабшавии фаъолияти мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ назар ба барномаи пешин нисбатан бодиққат гузаронида мешавад.

Дар ин ҷо ба бачагон нахуст вазифаи дарёфт намудани як расмро аз ҳар намуд дода шуда, баъд вазифаро бо дарёфти таносуби расмҳо ҳал кардан зарур аст. Баъди ин бо ҳамин гуна тартиб азхудкунии фаъолияти санҷиши ҳалли вазифа ва таҳлили вазифа пешниҳод мешавад. Аммо, пайдарҳамии дигар машғулиятҳо имконпазир аст. Дар машғулиятҳои 1 ва 3 нахуст маводи вазифаи «монандӣ» ворид гардида, баъд машғулияти 1-3 ба маводҳои вазифаи «фарқият» гузаронида мешавад. Баъд машғулияти 1-3 дар маводи вазифаи «бурида гузаштан» мегузарад. Нӯҳ машғулияти дуюми 4-6 маводи вазифаи «монандӣ», «фарқият» ва «бурида гузаштан»-ро ворид месозад. Нӯҳ машғулияти охири 7-9 дар маводи вазифаи «монандӣ», баъд «фарқият», баъд

аз он «бурида гузаштан» мегузарад. Дар заминаи усули овардашудаи азхудкунии вазифа ба «гурӯҳ» на ин ки муҳтавои вазифа вақте хонанда нахуст аз рӯи нӯҳ вариант ҳалли вазифаҳоро азхуд мекард, балки маънии фаъолият мавҷуд аст.

Маънии фаъолият аз он иборат аст, ки нахуст нӯҳ варианти фаъолият аз рӯи ҳалли се намуд бо се шакли ҷустуҷӯшаванда, баъд нӯҳ варианти фаъолият оид ба санҷиши се намуд бо се шакли ҷустуҷӯшавандаю нӯҳ вариантҳои фаъолият оид ба таҳияи ҳама намуд вазифаҳо бо тамоми вариантҳои ҷустуҷӯшаванда азхуд мешавад.

Ҷадвали 4. Барномаи тартиби машғулиятҳо ба вазифаҳои «монандӣ», «фарқият» ва «бурида гузаштан»

| | Мӯҳтавои машғулиятҳо | Тедоди соатҳо |
|---|---|---|
| | «Монандӣ», «Фарқият», «Бурида гузаштан» | |
| | Ҳалли вазифае, ки дар он як расмро ёфтан лозим аст. | 2 |
| | Ҳалли вазифае, ки дар он як ҷуфт расмро ёфтан лозим аст. | 2 |
| | Ҳалли вазифае, ки дар он таносуби суратҳоро ёфтан лозим аст. | 2 |
| | Ҳалли вазифаҳоро санҷид, ки дар он як расмро ёфтан лозим аст | 3 |
| | Ҳалли вазифаҳоро санҷид, ки дар он як ҷуфт расмро ёфтан лозим аст | 3 |
| | Ҳалли вазифаҳоро санҷид, ки дар он таносуби расмҳоро ёфтан лозим | 3 |
| | Вазифаеро бояд тарттиб дод, ки дар он як расмро ёфтан лозим аст | 3 |
| | Вазифаеро бояд тарттиб дод, ки дар он як ҷуфт расмро ёфтан лозим | 3 |
| | Вазифаеро бояд тартиб дод, ки дар он таносуби расмҳоро ёфтан | 3 |
| | Ҷамъулҷамъ | 24 |

Инак, баррасии вариантҳои имконпазир ба тартиби сикл аз 24 машғулият оид ба рушди ҷаҳонбинии илмӣ ба вазифаи «гурӯҳ» нишон медиҳад, ки ҳар варианти тартиби барномаи сикл дар заминаи муносибатҳо асос ёфтаанд. Агар дар синф бачагони донишашон бақувват назар ба сустхонҳо бошанд, он вақт усули «вазифавӣ» (таҳлилӣ ва синергетикӣ)-ро ба тартиби сикли машғулиятҳо истифода бурдан мумкин аст. Дар ҳолати баръакс, он вақт усули «фаъолият»-и (параксиологӣ ва ғ.)-ро истифода бурдан мумкин аст.

Мавҷудияти қобилиятҳои умумии ақлонӣ аз рӯи амалхои зерин арзёбӣ мешавад: таҳлили мӯҳтавои вазифаро дақиқ гузаронидан; амалҳои гуногуни ҷустуҷӯиро ба ҷо овардан; оид ба татбиқи усули ҳалли вазифа ба нақша гирифтани қадамҳои оянда; гузаронидани баррасии асоснок дар бораи алоқаи натиҷаи бадастоварда бо шартҳои пешин.

Ҳамин тариқ, воридсозии бачагон ба фаъолияти доимии ҷустуҷӯӣ кӯшиши онҳоро ба тафаккуру ҷустуҷӯ ташаккул дода, эҳсоси боварӣ ба қувваи худро нисбати имкониятҳои зеҳнии шахсӣ бедор месозад.

Барои тасдиқи ғояҳои худ ба сифати мисол намунаи як машғулиятро оид ба азхудкунии ҳалли вазифаҳо аз рӯи мавзӯи «монандӣ» меорем.

Ин ҷо се намуд нақлиёти ҷамъиятӣ кашида шудаанд: якеаш ҷудо ва дуяш якҷоя аст: «А» ва «В».

Расми А, Расми В.





–«А» кадом намуди нақлиёт аст?

–Ин троллейбус.

–Дуруст.

–Дар расми «В» кадом намуди нақлиёт оварда шудааст?

–Онҳо трамвай ва автобусанд.

–Дуруст.

–Расми «А» аз «В» бо ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?

–Дар боло ду хатти рост, 4 тиреза ва 3 дари пӯшида дорад.



–Дуруст.

–Кадом намуди фигураҳои геометриро дорад?

–Доира, чоркунҷа, секунҷа, росткунҷа.

–Дуруст.

–Расмҳо аз кадом ҷиҳат ба ҳам монандӣ доранд?

–Онҳо тирезаҳо, дарҳо, шинаҳо ва фигураҳои геометрии якхела доранд.

–Дуруст.






–Троллейбус аз автобус бо чӣ фарқ мекунад?

–Троллейбус бо қувваи барқ ҳаракат мекунаду автобус бо сӯзишворӣ.

–Дуруст.

–Трамваю троллейбус бо ҳам чӣ монандӣ доранд?

–Ҳарду бо қувваи барқ ҳаракат мекунанд.

–Дуруст.

–Ҳаҷми кадом нақлиёт ба назар калон метобад?

 



–Автобус.

–Думруст.

–Ҳаҷми кадом наклиёт хурд менамояд?

–Трамвай.

–Думруст.

Монандӣ ва фарқиятро ба диаграммаи Венни ворид месозем.

Нақша аз саҳ.117-и оригинал!!!

Автобус: 1. Автобуси бо сӯзишворӣ ҳаракаткунанда. 2. Имконияти васеъро чӣ дар шаҳру чӣ берун аз он дорад? 3. Теъдоди дарҳояшон гуногун аст. 4. Зинапоя дорад.

Троллейбус: 1. Троллейбус бо қувваи барқ ҳаракат мекунад. 2. Имконияти ҳаракаташ маҳдуд аст. Танҳо дар шаҳр мегардад. 3. Зинапоя надорад.

Нақшаи мобайнӣ: 1. Нақлиёт. 2.Мусофиркашон. 3. Росткунҷа. 4. Ҳаракаткунанда. 5. Теъдоди дару тирезаҳояш якхелаанд. 6. Масоҳат.

Муайянсозӣ: 1. Шакл: росткунҷа. 2. Теъдод: дару тиреза, чархҳо, кунҷҳо, хатҳо якхелаанд. 3. Фарқият: ранг, намуд, ҳаракат. 4. Таҳлил: автобус ва троллейбус аз трамвай ба таври муайян фарқ мекунанд (ҳаракат, теъдод, ҳаҷм, масоҳат).

Барои рушди маҳорати муайян сохтани фарқият гузаронидани машғулияти махсус дар асоси маводҳои вазифаи диагностикаи «расмҳо-вариантҳо» мақсаднок аст. Ин вазифа зимнан вазифаҳои мураккабро фаро мегирад, ки дар онҳо расми ба ҳама варианти расмҳо намерасидаро лозим медонад. Ба кӯдак ҳалли вазифаи нахустин ба тариқи машқ пешниҳод карда мешавад. Агар ӯ расми нодуруст нишон диҳад, пас ба ӯ маслиҳат дода мешавад, ки фикр намояд ва ҷавоби дуруст диҳад. Агар маълум гардад, ки кӯдак ҷавоби дурустро ёфта наметавонад, бе фаҳмонидани он, ки барои чӣ ин ҷавоб дуруст аст, ӯро аз ҷавоби дуруст огоҳ мекунанд. Баъдан иҷрои вазифаи дуюми машқиро пешниҳод мекунанд. Иҷрои вазифаи дуюм низ бо он тавре мегузарад, ки чӣ гуна якум вазифа иҷро шуда буд. Баъди ҳалли ин ду вазифаи машқӣ (дуруст ё нодурустро) ба кӯдак ҳалли вазифаҳои асосӣ дар тӯли 20 дақиқа ҳарчӣ метавонад пешниҳод мекунад. Дар баробари ин дуруст ё нодуруст ҳал шудани вазифа хабар дода намешавад. Вазифаҳои асосӣ аз рӯи мураккабиашон ва аз нуқтаи назари гузаронидани таҳлили шартҳои онҳо ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд. Дар шартҳои онҳо панҷ элемент мавҷуд аст. Баъди баррасии ҳалли вазифаҳои нишон додашуда метавон дар бораи сатҳи рушди қобилияти таҳлил карда тавонистан муҳокима ронд. Хонандагон дар равнади кор бо адабиёти электронӣ нисбатан мустақил шуданд. Онҳо ҷавоби тайёрро интизор нашуда, аз калонсолону ҳамсинфон худашон ҷавобу ҳалли вазифаҳоро ҷустуҷӯ мекардагӣ шуданд.

Дар китоби электронӣ курси мунтазами машғулиятҳои ақлонӣ-рушдкунанда барои бачагони синни хурди мактабӣ пешниҳод шудааст. Курс дар асоси маводҳои се намуд вазифа таҳия шуда, 24 машғулиятро фаро гирифтааст. Курсро шартан «Асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ» номидаанд. Дар фарқият аз курсҳои фанни таълимӣ, масалан, математикаву забон, кадоме, ки рушди тафаккур мақсади асосӣ маҳсуб намешавад, вазифаи принсипиалии курси пешниҳодмешуда маҳз рушди малакаи ақлонӣ маҳсуб мешавад. На азхудкунии ягон донишу малакаи аниқ. Сикли машғулиятҳо се силсилаи машғулиятро фарогир аст, ки ҳар кадоми он 8-10 машғулиятро дар асоси

ягон намуди вазифа ворид месозад. Фарқияти вазифа аз рӯи мураккабиаш бо он алоқаманд аст, ки нисбати ҳамон як намуд вазифа метавон вазифаҳои гуногунро иҷро кард, ба монанди: вазифаро ҳал кардан, ҳалли тайёри онро санҷида дар асоси он дигарашро таҳия сохтан. Ин вазифаҳо ҳамзамон, аз рӯи мураккабии фаъолияти ҷустуҷӯиашон фарқ мекунанд: ҳалли вазифа осон аст, назар ба санҷидани танҳо як ҷавоб ба он. Санҷидани ҳалли тайёр осон аст, назар ба тартиб додани вазифа. Курси мунтазаме, ки дар дар асоси маводҳои гуногун аз рӯи мӯҳтавою мураккабии вазифаи ҷустуҷӯияш таҳия шудааст, имконияти мусоидро барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда фароҳам меоварад.

Вақти асосиро дар машғулиятҳо ҳалли мустақилонаи вазифаҳои ҷустуҷӯӣ аз тарафи бачагон мегирад. Ба шарофати ин шароитҳои мусоиди ташаккули мустақилияти амалҳо дар бачагон, малакаи худидоракунӣ дар ҳолатҳои мураккаб ба вуқӯъ мепайвандад.

Дар ҳар машғулият бо истифодаи адабёти электронӣ муҳокимаи коллективонаи ҳалли вазифаҳои муайян меистад. Ба шарофати ин усул дар бачагон он гуна сифати муҳими фаъолият ва рафтор чун дарки амалҳои худ, худназоратӣ, имконияти асосноксозии қадами мегузошта дар ҳалли вазифа рушд мекунад.

Дар ҳар машғулият баъди кори мустақилона санҷиши коллективонаи ҳалли вазифа гузаронида шуд, ки бо ин сабаб барои мӯътадилии худбаҳогузории бачагон, ки хуб тасаввур мекунанду аммо маводи таълими дарсиро хуб аз худ намекунанд, шароит пайдо мешавад. Ҳамзамон, баъзе сустии худбаҳогузорӣ дар бачагоне, ки бо муваффақиятҳои тадрисашон фарқ мекунанд, аз ҳисоби кӯшишу ғайратнокиашон аст.

Дар машғулиятҳо аз рӯи китоби электронӣ ба рушди малакаҳои эҷодӣ, тафаккури эҷодии хонандагон шароити мусоид фароҳам меояд. Масалан, дар ниҳоди онҳо чунин сифатҳои тафаккури эҷодӣ чун мутобиқшавӣ ташаккул меёбанд. Зеро, ба бачагон ҳалли вазифаро бо ҳамон як шарту лекин бо

муҳтавои гуногуни ҷустуҷӯӣ супориш дода мешавад. Ин аз кӯдак ҳамон як вазифаро ба ҳар гуна роҳи ҷустуҷӯ қабул карданро талаб дорад.

Дар раванди машғулият аз рӯи адабиёти электронӣ ин гуна сифатҳо дар бачагон ба монанди чуқур андеша кардан ташаккул меёбанд, зеро, вазифаҳои дар як машғулият ҳалшаванда ба ҳамон як намуд тааллуқ дорад, ки биноан қабули ҳамон як қоидаро талаб мекунад. Ин вазифаҳо ягонагии дохилиро доро буда, муносибати якхеларо ба ҳар ҷустуҷӯи аниқ ва ҳалли онро соҳибанд.

Дар машғулиятҳо аз рӯи адабиёти электронӣ чунин сифатҳои муҳим ба монанди танқиднокӣ, асоснок намудани андеша ташаккул меёбанд. Зеро, ҳалли вазифа аз рӯи шакли интихоби як ҷавоб (дуруст) иҷро шудааст, ҳарчанд ҳама гуна интихоб доимо асоснок намудани он, фаҳмонидани он, ки барои чӣ як ҷавоб интихоб шудаасту дигараш неро талаб мекунад. Аз ин ҷо курси мунтазами машғулият аз рӯи адабиёти электронӣ дар маводи вазифаҳои мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ барои тарбияи ҷаҳонбинии илмӣ дар ниҳоди кӯдакон шароити мусоид фароҳам меоварад, кадоме ки бо имконияти идоракунии фаъолияти андеша, ташаббус зоҳир кардан дар ҳадафгузории ону дарёфти усулҳои ноил шудан ба он тавсиф мешавад. Татбиқи ин гуна имконият, зуҳуроти фарҳанги тафаккур мавҷудияти малакаҳои зерини умумиақлониро далолат мекунад:

–таҳлили аниқи мӯҳтавои вазифаро гузаронад;

–амалҳои гуногуни ҷустуҷӯиро ба иҷро расонад;

–қадамҳои минбаъдаро оид ба татбиқи қарорҳои худ амалӣ созад;

–муҳокимаи асоснокро дар бораи алоқаи натиҷаи бадастомада бо шароитҳои аввала гузаронад.

Ҷорӣ намудани машғулиятҳои муназзами рушдкунанда аз рӯи адабиёти электронӣ дар мактаби ибтидоӣ, ворид намудани бачагон ба фаъолияти ҷустуҷӯӣ моҳиятан маълумоти ибтидоиро башарджӯстона карда, барои рушди ҳавасмандӣ нисбати ҷаҳонбинӣ шароит фароҳам меоварад. Кӯшииш

кӯдакро ба ҷустуҷӯ ташаккул дода, дар ниҳоди ӯ ҳисси боварӣ ба қувваи худро дар имкониятҳои зеҳни шахсӣ ба вуҷуд меорад.

Дар вақти машғулиятҳо аз рӯи курси пешниҳодшуда дар кӯдакон барқароршавии шаклҳои рушдёфтаи худшиносӣ ва худназоратӣ ба вуҷуд омад. Дар онҳо тарси ба хатогӣ роҳ додан, бартараф гардида, хавотирӣ ва тарси беасос кам шуд. Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ мо хулоса карда метавонем, ки истифодаи адабиёти электронӣ дар раванди таълим ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон мусоидат кард. Дар вақти тасдиқи адабиёти электронӣ муносибатҳои зерин истифода шуданд: параксологӣ, гносеологӣ, таҳлилӣ, сипергетикӣ, аксиологӣ, семантикӣ. Ҳамчунин ҳангоми тартиб додани вазифа барои хонандагон таносуби самараноки парадигмаҳои эмпирикию алгоритмӣ ва стохастикӣ ба инобат гирифта шуд.

Ба мо чунин имконият фароҳам меояд, ки айни ҳол дар мактаб машғулиятҳои мунтазам ташкил кардан мумкин аст, ки дар он ҳама гуна бачагон бо тайёрии ақлонии гуногун: пурқуввату заиф, метавонистанд вазифаҳои мушкилотӣ-ҷустуҷӯиро ҳал намоянд. Дар адабиёти электронӣ курси мунтазами ақлонӣ-рушдкунандаи машғулият пешниҳод шудааст. Курси «Асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ» дар заминаи маводҳои се намуд вазифа тартиб дода, 24 машғулиятро фарогир аст. Дар фарқият аз курсҳои фанҳои таълимӣ, масалан, математика ва забон, кадоме, ки тафаккур ҳадафи асосӣ маҳсуб намешавад, вазифаи принсипиалии курси пешниҳодмешуда маҳз рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон маҳсуб мешавад, ки ба азхудкунии донишҳои дақиқ ва малака дар иҷрои вазифаҳо оид ба фанни математикаву забон таъсир мерасонад.

## 2.2. Ҷанбаи муҳтавогии истифодаи самарноки модули ҷадвалӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон

Барои он ки модули технологияи инноватсионии сохтаамонро тасдиқ ва дар амал таносуби самараноки парадигмаҳои эмпирикиву алгоритмӣ ва

стохастикиро татбиқ намоем, дар раванди таълим мо модули ҷадвалиеро истифода бурдем, ки онро дар дарсҳои забони модарӣ истифода мебурданд.

Таълиму тарбия ба ташаккули мақсаду малакаи фаъолияти таълим равона мегардад, кадоме, ки муваффақнокии таълими хонандагони хурдсолро муайян месозад. Вазифаи асосӣ дар назди мактабҳои ибтидоӣ дар азхудкунии ваколатҳои базавию калидӣ меистад. Яке аз ваколатҳои предметӣ ташаккули амали орфографист. Ташаккули он бошад, ҳанӯз дар давраи таълими хату савод оғоз мешавад.

Хусусияти таълими хату савод дар ин кор аз дастури принсипиалӣ ба ташаккули усулҳои умумии ҳалли вазифаҳои орфографӣ ҳанӯз то он вақте, ки чӣ тавр дигар қоидаҳои ҷудогона омӯхта мешаванд, иборат аст. Ин муносибат аз тарафи методисти маъруфи синфҳои ибтидоӣ, муаллифи алифбои тоҷикӣ академик М.Лутфуллозода дар асосноксозии принсипи фонематикӣ ҷорӣ карда шудааст, ки дар заминаи он тартиби таълими хату савод ҷойгир шудааст [100].

Якум, ин ки аллакай дар давраи ибтидоии таълим хонанда бояд муайян кардан, таҳлил намудан ва ба таври мӯҳтавонок ҷамъбаст намудани он муносибатҳои лингвистиеро тавонад, ки онҳо асоси генетикаи амалҳои орфографиро ташкил мекунад. Дуюм, дар давраҳои навбатии таълим ин муносибати авваларо бояд дақиқ сохт ва ба сохтори лингвистии мафҳум, ки хусусияти забонро чун сохтори забонӣ инъикос мекунад, паҳн месозад.

Ворид намудани мафҳум дар бораи мавқеи фонемаҳо, морфемаҳо ва қисматҳои забоншиносӣ ба бачагон шинос шуданро бо чунин қисматҳои лингвистика- фонология, синтаксис, морфология, калимасозӣ пешбинӣ менамояд. Бе омӯзиши ин бахшҳо аз ягон курсҳои забони модарӣ гузашта намешавад. Аммо, хусусияти сохтори баррасишавандаи таълим на ин ки пайдарҳамии махсус, мутаносибию ҳаҷми ин қисматҳоро тавсиф мекунад. Аниқтараш, пеш аз ҳама ташкили мӯҳтавои лингистии таълимро, мантиқи кушода додани мафҳумҳои зикршуда ва амалҳои зарурии таълими бачагонро бо маводҳои забонӣ: ҳаракат аз усули умумии вазифаҳои орфографӣ ба

дақиқсозии ин усул барои ҳар намуди хусусии орфограммаро шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар раванди тасдиқи модули ҷадвалӣ дар таълимӣ-шиносоӣ дар ниҳоди хонандагон ҷаҳонбинии илмӣ алалхусус, малакаи кор бо сарчашмаҳои гуногуни иттилоот рушд меёбад. Дар баробари ин муносибати стохастикӣ ба таълим аз байн меравад.

Курси таълими хату савод сохтори вазифаҳои таълимро фарогир аст. Дар сурати ҳалли ҳар як чунин вазифа бачагон ба андозаи зиёд ё кам тамоми амалҳои зарурии таълимро иҷро мекунанд. Давраи таълими Алифбо бо иҷрои амалҳои фарохи таълими модуликунонӣ (диққати асосӣ ба тасвири амали бачагон бо модулҳо равона шудааст) алоқаманд аст.

Аз рӯи андешаи муаллифони Алифбо барои хонандагони синфи 1-уми забони тоҷикӣ Маҳмадулло Лутфуллозода, Файзулло Шарифзода [100] дар давраи таълими хату савод бояд бачагонро ба сохтори овозӣ самт гирифтан омӯхта шавад. Дар ин давра усули таҳлили пайдарҳамии овозҳо дар калимаҳо ташаккул дода шавад. Барои муайян сохтани шакли овозии калима бачагон дар калима ҷудо намудани овозҳои алоҳидаро меомӯзанд. Ва дар асоси нишонаҳои артикулятсионӣ садоноку ҳамсадо, садоноки зададор ва безада, садоноки сахту мулоими онҳоро фарқ мекунанд. Амали асосӣ дар таҳлили овозӣ малакаи муайян сохтани қувваи ҳар овози минбаъда маҳсуб мешавад. Д.Б.Элконин [181] ин амалро чун тариқи овозӣ бисёр номбар кардани калима тавсиф кардааст.

Воситаи асосии таҳлили овозӣ ҷадвали нақшавии инъикоскунандаи пайдарҳамӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили шакли овозиро бачагон дар доираи калимаи маънидор мегузаронанд. Бо ворид сохтани тавсифҳои нави овозҳо бояд ба он такя кард, ки бачагон аллакай аҳамияти калимаи забони модариро медонанд. Масалан, калимаҳои «пул» (арзиш,нарх) ва «пул»-ро (гузаргоҳи болои наҳр, рӯд, ҷӯй, кӯпрук....)ҳар гуна қабул мекунанд. Бинобар он фарқ дар талаффузи ин калимаҳои мухолиф (сахтиву-мулоиматӣ) аз тарафи бачагон чун фарқияти маънидор қабул мешавад.

Дар давраи навбатии таълим бачагонро ба «кашфи»-и муносибати мураккабу гуногунмаънои овозу ҳарф раҳнамо шудан зарур аст. Баъди ин хонанда ба графикаю орфография ворид мешавад. Принсипи умумии ворид намудани бачагон ба орфография бо муҳтавои воҳиди асосии он– орфограммаҳо чун нишон додани овозҳо, кадоме, ки бояд аз қатори имконпазирҳо интихоб кунад, муайян карда шудааст. Ин фаҳмиши орфограммаҳо хусусиятҳои зерини усули умумии амалҳои орфографиро муайян месозад, кадоме, ки бачагон бояд соҳиб бошад:

–фаҳмиши ҳарфҳо чун ишорати шартии овоз;

–тартиби як қатор ишоратҳои имконпазири ҳарфии овози мазкур;

–интихоби ҳамон ягона навиштаҷот аз қатори навиштаҷот–назариявии имконпазир, кадоме, ки аз нуқтаи назари меъёри қабулшудаи орфографӣ дуруст аст (охирон дониши қоидаро пешбинӣ менамояд, аниқтараш, оне, ки одатан ба ташаккули амалҳои орфографӣ оварда мерасонд). Фарқияти «овоз ва ҳарф»-ро хонандагони синфи якум дар намунаи таҳлили таркиби калимаҳо ҳарфҳоро бо масъалагузорӣ «нишон додани шаш овози садонок 24 ҳарфи овози ҳамсадо дар алифбои тоҷикӣ вуҷуд дорад» кушода медиҳанд.

Дар тамоми давраи таълимӣ хату савод вазифаи зерин: ҳарфҳо кадом корро ба ҷо меорандро ҳал мекунанд. Табиист, ки ҳангоми иҷрои ин вазифа бачагон бо тамоми ҳарфҳои алифбои тоҷикӣ ошно мешаванд. Аммо истифода намудани ҳар ҳарфи нав дар нутқи хаттиву шифоҳӣ на танҳо барои кӯдак ҳарфро хондаву навишта тавонистан, балки муҳтавои онро фаҳмида тавонистан ба роҳ монда шудааст. Вақти шиносоӣ бо ҳар як ҳарфи нав бачагон ягон намуд хусусияти баррасишавандаи муносибати «овозу ҳарф»-ро дарк мекунанд ё мавқеи онро муайян карда мегиранд. Ин муносибатро таҳлил намуда, бачагон аз қатори овозӣ ба қатори ҳарфӣ (хат) ва аз ҳарфӣ ба овозӣ (хониш) мегузаранд. Дар баробари ин муносибати семантикии парадигмаи стохастикии таълим татбиқ мешавад.

Таҳлили овозию ҳарфӣ ҷавҳари дигари дарсҳои таълими саводро ташкил медиҳад. Беҳуда нест, ки ба ин паси ҳам се лаҳзаи дарсҳои омӯхтани овоз ва

ҳарфи нав (лаҳзам 2, 3, 4) дохил мешаванд. Барои осон шудани кори муаллимон мо ин лаҳзаҳоро ҷудо-ҷудо нишон дода бошем ҳам, ҳамаи онҳо як ҷавҳари тому яклухти мантиқаи бо ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд.

Муаллим нутқи алоқанок ташкил намуда, Фишори мантиқиро болои калимаҳои зарурӣ мегузорад. (Калимаҳои зарурӣ гуфта чунин калимаҳоеро меномем, ки дар аввал, мобайн ё охири онҳо овози нав вуҷуд дошта бошад. Солҳои пеш калимаи заруриро аз ҷумла ҷудо мекарданд. Ҳоло ҳам як қисми методистон дар ҳамин ақидаанд, вале мо дар натиҷаи мушоҳида ва таҷриба ба хулосае омадем, ки ҷудо намудани он якбора аз нутқи алоқанок мувофиқтар аст. Тавре ки дар мисоли омӯхтани овоз ва ҳарфи Х дидем, хубтар мешавад, ки калимаи заруриро бори аввал бачаҳо талаффуз кунанд. Азбаски пештар таҳлили овозию ҳарфӣ дар таълими савод он қадар мавқеъ надошт, ба ин кор кам аҳамият медоданд. Ҳоло масъала ба таври дигар гузошта мешавад: дар ҳар дарс таҳлили овозию ҳарфӣ, албатта, мавқеъ дорад ва ҳатман 1-2 калима таҳлил карда мешавад. Бо мақсади осонтар намудани кори муаллимон дар зер калимаҳои зарурии тахминиро мутобиқан ба ҳар як овозу ҳарф меорем.

| Овоз ва ҳарф | Калимаи зарурӣ |
|---|---|
| Г | Гулрӯ, гавазн |
| Б | Барра, бел |
| П | Пиёз, |
| Т | Тарбуз |
| Р | Анбор, рӯбоҳ |
| К | Кабӯтар |
| Ч | Чашма |
| У | Умар, уқоб |
| Я | Яхдон, Шамсия |
| Ъ | Саъдӣ, шамъ |
| Қ | Қалам, қафас |

| Овоз ва ҳарф | Калимаи зарурӣ |
|---|---|
| О | Олу, оҳу |
| А | Анор, ангур |
| Л | Лола, лона |
| Н | Нон |
| М | Мор, мурғ |
| В | Кова, гов |
| Ш | Шона, шер |
| Х | Хона, харгӯш |
| Й | Майна, най |
| Ю | Юган, Юнус |
| Ӯ | Рӯбоҳ |
| С | Соат, сабад |
| З | Зоғ, занбур |
| И | Искана, китоб |
| Ф | Фирӯз, ғилоф |

| | |
|---|---|
| Д | Дойра, дутор |
| Ҷ | Ҷоруб, ҷайра |
| Ё | Гиёҳ, ёл |
| Ж | Манижа |

Дигар шарти калимаи зарурӣ пештар ҳамин буд, ки ғайр аз овозу ҳарфи нав ҳарфҳои боқимонда ба талабагон шинос буданд, зеро хонандагон аз ҳарфҳои шинос истифода карда калима мехонданд. Вале барои таҳлили овозӣ ин талабот шарт нест. Хонандагон аз рӯи талаффуз ва шунид овозҳо ва ҷойи онҳоро муайян мекунанд.

Аз ҷадвали боло маълум мешавад, ки талабагон дар давоми соли таълим (давраи таълими савод) 70-75 калима таҳлили овозӣ-ҳарфӣ мекунанд. Бояд таъкид кард, ки ин хеле хуб аст. Мо муаллимони зиёдеро медонем, ки умуман таҳлили овозӣ-ҳарфӣ намегузаронанд ва баъд шикоят мекунанд, ки талабаҳояшон хондаю навишта наметавонанд. Ҳол он ки шарти асосии хондану навиштан таҳлил овозӣ-ҳарфист.

Дар робита ба ин саволе ба миён меояд, ки таҳлили овозӣ-ҳарфӣ чист ва он чӣ тавр гузаронида мешавад?

Яке тахлили фонетикии калима, яъне таҳлили овозҳои калима аст ва дигаре таҳлили овозӣ-ҳарфии калима. Ин ду чизро бояд аз ҳамдигар фарқ кард. Таҳлили фонетикии калима, ки таҳлили овозҳои таркиби калимаро дар

назар дорад, барои давраи таълими савод хос набуда, ба синфҳои болотар марбут аст. Таҳлили овозӣ-ҳарфӣ бошад хоси давраи саводомӯзист ва он бачаҳоро то андозае ба таҳлили давраи дуюм-таҳлили таркиби овозии калима (фонетики) омода месозад.

Пештар барои таҳлили овозӣ-ҳарфӣ калимаи заруриро аввал ба ҳиҷоҳо ҷудо менамуданд ва баъд ҳар як ҳиҷоро алоҳида-алоҳида таҳлил мекарданд. Ҳоло бошад, калимаи заруриро, чи тавре ки дар боло ҳам қайд кардем, аз ҷумла не, якбора аз нуқтаи мураттаб ҷудо намуда бидуни ба ҳиҷоҳо ҷудо кардан таҳлил мекунем. Таъкид мекунам, калимаи заруриро ба ҳиҷоҳо ҷудо накарда, якбора таҳлил менамоем. Дар ин маврид аввал таҳлили овозӣ мекунем ва бар таъкиби он таҳлили ҳарфӣ.

Таҳлили овозӣ гуфта мад кашида талаффуз кардани овозҳои алоҳидаи калимаро меномем. Ҳарфҳоро не, овозҳоро талаффуз мекунем. Масалан: ооолллуuу, лллооолллааа, хххооонннааа. Бояд дар назар дошт, ки ҳамаи овозҳои садонок ва як қисм овозҳои ҳамсадо мад кашида талаффуз карда мешаванд, аммо баъзе овозҳои ҳамсадо хусусан овозҳои д, т, ч, к, п, ро, ки бо мад кашидан мувофиқ нестанд, кӯтоҳ талаффуз мекунем. Таҳлили овозӣ се мақсад дорад:

а) ҷудо ва муайян намудани ҷойи овоз дар калима;

б)муайян намудани миқдори овозҳои калима ва модели он;

в) тайёр намудани талабагон ба имло.

Агар мақсад ҷудо ва муайян намудани ҷои овози нав дар калима бошад, онгоҳ танҳо ҳамон овозро мад кашида талаффуз мекунем. Мисол, агар хоҳем, ки аз калимаҳои олу, оҳу овози «о»-ро ҷудо кунем, он гоҳ ооолу, оооҳу талаффуз мекунем, агар хоҳем, ки аз калимаи «мӯза» овози «ӯ»-ро ҷудо кунем, он гоҳ мӯӯӯза, агар хоҳем, ки аз калимаи «Фирӯз» овози «ф»-ро ҷудо кунем, он гоҳ фффрӯз талаффуз мекунем. Пас аз ҷудо кардани оврз талабаҳо оиначаҳояшонро (дар он ҷое, ки имкон аст) гирифта, ҷои ташкилшавии овозро (артикулятсия) мушоҳида мекунанд. Мақсад аз ин кор на он аст, ки мо ба бачаҳои 7-сола бигӯем, ки ин овоз лабию онаш ғайрилабӣ ва сеюмаш

забонист. Ба ҳеҷ ваҷҳ. Балки он аст, ки худи бачаҳо мушоҳида кунанд ва дар оинаҳо бубинанд, ки дар вақти талаффузи ин ё он овоз органҳои нутқ чӣ гуна вазъиятро қабул мекунанд. Барои мо ҷараёни мушоҳида ва натиҷаи он муҳим аст. Дар талаффузи овозҳои садонок органҳои нутқ монеъ намешаванд. Бинобар ин овозҳо ором, озод бемалол мебароянд: о, а, и, у... Муаллим аз маврид истифода бурда талаффузи ин овозҳоро ба чароғаки сабзи сари роҳ (светофор) монанд мекунад. Роҳ боз аст, марҳамат гузаред. Дар вақти талаффузи ҳамсадоҳо чӣ? Ҳатман ягон чӣ ба онҳо халал мерасонад, монеъ мешавад, ки ин ҳолатро худи бачаҳо дар оинаҳо мушоҳида менамоянд: М,Л,П,Б... Талаффузи ҳамсадоҳо ба чароғаки сурх монанд аст, то замоне ки чароғак сурх аст, бояд интизор шуд.

Баъзе овозҳоро на танҳо аз калимаҳои ифодакунандаи аломат ё ҳаракати онҳо ҷудо мекунем, инчунин метавонем аз калимаҳои тақлиди овозӣ низ ҷудо намоем. Масалан, садои трактор, чирчири малах, қурқури қурбоққа, овози бузу бузғола ва ғайра. Намунаи ин мисолҳо дар саҳ. 18, 19, 20, Алифбо оварда шудааст.

Агар мақсад муайян намудани микдори калима ва тасвири модели он бошад, он гоҳ ҳамаи овозҳои калимаро мад кашида талаффуз мекунем: мммооодаааррр, зззаааммmиинннн... Дар давраи тоалифбо бо мақсади сохтани қолаби (модели) калима овозҳоро талаффуз карда истода дар қолаб ба ҷои аломати овозҳо, яъне ҳарфҳо доирачаҳо мегузорем: xxxooоннnааа !о!о!о!о!, паадааарpp !о!о!о!о!о!. Дар давраи таълими алифбо бошад, ҷои доирачаҳоро соҳиби онҳо-ҳарфҳо мегиранд, яъне муаллим талаффуз карда истода (бачаҳо ҳам) аз алифбои бурида ба ҷои овозҳо ҳарфҳои заруриро гузоштан мегиранд. !х!о!н!а!, п!а!д!а!р!. Ин корро вақте мекунем, ки тамоми овоз ва ҳарфҳои калима ба талабаҳо шинос бошанд. Баъзан зери ҳарфҳо доирачаҳоро низ мегузоранд: !х!о!н!а!о!о!о!о!

Ба ин тариқ, агар баробари талаффузи ҳар як овоз аломати он, яъне ҳарф дар қолаби калима гузошта шавад, таҳлили ҳарфист. Азбаски дар қатори

таҳлили овозӣ таҳлилиҳарфӣ ҳам ҷой доред, мо дар давраи таълими савод онро таҳлили овозию ҳарфӣ меномем.

Таҳлили овозӣ-ҳарфӣ дар ҷараёни таълими савод хониши дурусту шууронаи талабаҳоро таъмин намуда, барои имло замина мегузорад. Воситаи асосии дарёфту қайди муносибати баррасишаванда модули ҷадвалист. Дар мисоли ворид намудани ҳарфи я дар амалия нишон медиҳем, ки чӣ тавр ин модул чун воситаи ҳалли вазифаи таълим ва такягоҳи амали зарур мешавад. Вазифаи таълим, ки ҳангоми иҷрои он бачагон муносибати байни овозҳои садоноку ҳарфҳоро муайян месозанд, ба ин тартиб таркиб ёфтааст:

1. Ба хонандагон чунин вазифа дода мешавад: масалан, модули овозии калимаи «якбарга»-ро тартиб диҳед.

Хонандагон бошанд, амалҳои зеринро иҷро мекунанд:

–калимаро бо пуррагӣ номбар мекунанд;

–овози авваларо пурра дар калима дароз мекашанд;

–онро номбар мекунанд, тавсиф мекунанд ва онро бо чоркунҷаи сабз ишора мекунанд;

2. Месанҷанд, ки оё ҳамаи овозҳо муайян карда шуданд?

3. Бо муқоисаи садо додани овоз дар ибтидои калима бачагон дар ҷадвал қайд мекунанд, ки дар ибтидои калима се овоз истодааст (й, а ва к) кадоме, ки дар хат бо ҳарф нишон дода шудааст: (й, а) (к)ё–?




Дар ҷадвал савол ба қайд гирифта шудааст, ки бо қабули он бачагон ба фаҳмиши маънои вазифаи таълим, ки муносибати овозу ҳарфро дахл мекунад, оғоз мекунанд. Ҳалли ин вазифа талаб мекунад, ки хонандагони синфи якум тавсифи гуногунмаънову ихтилофи муносибати баррасишавандаро бояд дарёфт кунанд. Ин гуна ихтилоф дар назди бачагон дар шакли бархӯрди нуқтаҳои назар дучор меояд. Зеро, дар ҷавоб ба саволи

муаллим: дар хат чӣ тавр 3 овоз (ҳамсадову садонок) дар ибтидои калима чӣ тавр ишора карда мешавад, дар синф ду тасдиқ пешниҳод мешавад:

1. Ҳарфро бояд навишт.

2. Барои қайди ҳамон як овоз (й) дар мавқеъҳои гуногун (дар ибтидои овоз ва баъди ҳамсадо) ду ҳарфҳои гуногун зарур аст.

Самти муҳим дар таҳлили овозӣ онест, ки раванди ташаккули усули амали таҳлили овозӣ ва малакаи бурдани назоратро дар бораи дуруст иҷро намудани он муттаҳид сохтан зарур аст. Дар баробари ин худи хонанда бояд усули таҳлилу назоратро нишон диҳад. Воситаи асосии назорати амалиётӣ нисбати таҳлили дуруст гузоштани овози ҷудошуда дар калимаи таҳлилшуда маҳсуб меёбад.

Аз 28 хонандагони синфи якум 21 хонанда тавонистанд таҳлили овозиро бехато иҷро кунанд, ки 72 фоиз аст. Дар ин бачагон усули назорати иҷрои дурусти амал дар сатҳи баланд ташаккул ёфтааст. Боқимонда 7 хонанда [28 %] ба иҷрои вазифа ба хатоҳои ночиз роҳ доданд. Бо ин бачагон дар давоми чоряк ба овозҳои гуногуни забонӣ машғулият гузаронида шуд. Қоидаи дуруст нишон додани овозро дар хат ҷадвал кӯмак расонд. Ба онҳо имкон дод аз ҳолати ягона (калимаи лангар) ба хулосаи умумӣ гузаранд. Қайд кардан зарур аст, ки хулосаро бачагон дар натиҷаи амал бо калима ҳосил карданд, на аз хабари шифоҳӣ ба омӯзгор, ки ба рушди фарҳанги зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад. Воситаи амали хонандагон модули ҷадвалии калимаи аниқ шуд.

Табиист, ки усули умумии нишон додани сахтӣ-нармии садонокҳо дар хат бо ёрии ҳарфи садонок аз факти ягона бароварда шуда, дар ҷадвали ҷамъбастӣ қайд гардида, танҳо баъди ин ба таври овозӣ ташаккул дода шуд.

Модули таълимие, ки дар расми 14 оварда шудааст, ба хонандагон дар ҷавоби таҳлили омилҳои лингвистии зарурӣ кӯмак мерасонад. Масалан, аз хонандагон пурсидан мумкин аст:

–барои нишон додани овози (о) чанд ҳарф лозим аст?

–оё ҳарфҳо барои нишон додани овоз (у) басанда аст?

–ҳарфҳои э ва е кадом корҳоро ба иҷро мерасонанд?

Амали боз ҳам муҳими модули таълим он аст, ки вай асоси воқеии амали хат мегардад. Омӯзгор калимаи қаторро мегӯяд, бачагон бошанд, овози якум (қ)–«ҳамсадои нарм»-ро муайян мекунанд, дар ҷадвал он сутунчаеро меёбанд, ки дар он усули нишон додани мулоиматӣ оварда шудааст. Бо ангушти худ ба рӯи он бурда, ҳарфи «қ»-ро ёфта, баъд калимаи «қатор»-ро менависанд. Ин шакли амали кӯдак аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ ният дорад дар ҷадвал маҳз муносибати овозу ҳарфро номбар кунад. Ин шарти ташаккули банақшагирии дурусти амали кӯдак маҳсуб меёбад.

Вазифаи нави таълим дар назди бачагон дар раванди дарёфти хилофат байни донистани онҳо дар бораи муносибати овозу ҳарф ва зуҳуроти нави орфографии ба қоидаи пешин тобеъ набуда, пайдо мешавад. Зеро, бачагон аллакай медонанд, ки овозҳои ҳамсадо овозҳои ҷуфт аз рӯи нармӣ-сахтиашонро мефаҳмонанд. Бинобар ин қироати онҳо (талаффузи сахт ё нарм) аз ҳисоби ҳарфи минбаъдаи овози садонок ба вуҷуд меояд. Ин қоида ҳангоми навишта гирифтани ҳарфи нави садонок тасдиқи худро меёбад.

Баъди оне, ки ин қоида ин гуна санҷишро тоқат кард, хонанда пешниҳод мекунад, ки ин қоида дар ҳарфҳои овози ҳамсадои (ҷ, х, ғ, қ,) санҷида шавад. Сатҳи ташаккулнокии таҳлили овозӣ дар ин давраи таълим ин гуна аст, ки бачагон бе мушкилӣ хусусияти ҳарфҳои пешниҳодмешударо дарёфт мекунанд, бинобар ин қироати онҳо дар заминаи садоноки оянда ба вуҷуд наомадааст.

Баъди оне, ки бачагон хусусияти ин ё он ҳарфи омӯхташударо дарёфт мекунанд, аз хонандагон хоҳиш карда шавад, ки кадом аз садонокҳоро баъди ҳарфи ҷ, ё, ҳ, агар ин ҳарф танҳо овози нарми ҳамсадоро фаҳмонад, навиштан лозим аст, пешакӣ гӯянд.

Инак, давоми чанд дарс бачагон дар ҷадвал орфограммаҳои синфи муайянро мебароранд ва қайд мекунанд. Дар хотири кӯдак принсипи умумӣ-садонокҳо баъди ҳамсадо ким чӣ хел махсус навишта мешаванд, боқӣ мемонад. Меъёрҳои асосии ин гуна дарсҳо буданд:

–ошкор сохтани таҷриба бо роҳи масъалагузорӣ;

–ташкили табодули мӯҳтавои таҷрибаи субъект байни хонандагон;

–дастгирии омӯзгор фарзияҳои нисбатан дурусти хонандагонро аз рӯи масъалаи баррасишуда;

–дар асоси онҳо батартибдарории маводи омӯхташуда (мафҳум, усул);

–ҷамъбаст, сохторикунонии таҷрибаи субъекти хонандагон дар дарсҳо.

Ҳамин минвол, ба шарофати модули ҷадвалӣ педагог дар дарсҳо аз парадигмаи эмпирикии таълим дур рафта, зимнан ҳаҷми парадигмаи стохастикии таълимро афзун месозад. Дар дарсҳо маводҳои дидактикии гуногунро истифода бурдан лозим аст. Меъёри асосии интихоби мавод инҳоанд:

–истифодаи сарчашмаҳои гуногуни хабару иттилоот;

–иҷрои вазифаҳои проблемавӣ, дохилию гуногун аз ҷониби хонандагон;

–пешниҳоди вазифаҳои шаклан, намудҳои гуногуни вазифаҳо барои интихоб;

–ҳавасмандсозии хонандагон нисбати интихоби мавод мувофиқи хоҳиши худашон.

Барои фаъол гардонидани усулҳои кори таълим бояд ҳавасмандии хонандагонро нисбати истифодаи усулҳои гуногуни кори таълим ба баррасии усулҳои нисбатан самаранок бедор кард. Дар ҷараёни баррасӣ усулҳои нисбатан шахсӣ-аҳамиятнокӣ ба вуҷудомада пайдо мешавад. Дар баробари ин на танҳо натиҷа, ҳамзамон раванди иҷрои вазифаро баҳо додан лозим аст. Чолокии омӯзгор аз рӯи меъёрҳои зерин зуҳур мекунад:

–маҳорати ба кор ворид сохтани ҳар хонанда;

–пешниҳод намудани имконияти зоҳир намудани ихтироъкорӣ ба намудҳои кор, характери маводи таълим, мавзӯи иҷрои вазифа дар дарсҳо;

–фароҳам овардани шароити мусоид нисбати мустақилона фаъол гардидани ҳар хонанда;

–расонидани кӯмак (омӯзанда, ҳидояткунанда, ҳавасмандкунанда) ба бачагон.

Давоми якчанд дарсҳо вақти навиштани диктант хонандагон навиштанро қатъ намуда, ба ҷадвал рӯ меоранд. Онҳо аз ҷадвал чӣ тавр навиштани калимаи аниқро меҷӯянд. Омӯзгор махсус азёд кардани ин қоидаро ташаккул намедиҳад, автоматизми хати ин орфограммаҳо дар охири синфи 1 ба вуҷуд меоянд. Дар ибтидои таълим тавлиди фарҳанги зеҳнии хонандагон нисбати кор бо ҷадвал, талаботу одат ба дастури якуми маълумотдиҳӣ рӯ овардан муҳим аст. Зимнан, ташкили дохилии амали хат ҷамъбаст гардида, самтгириҳои он пурра ба нақшаи дохилӣ мегузаранд. Ва ба хонандагон дигар маводҳои такягоҳӣ лозим намешавад. Бояд қайд кард, ки худи нақшаи дохилии амали орфографӣ дар ниҳоди кӯдак дар заминаи меъёргириҳои нахуст дар ҷадвал супоришдодашуда таркиб меёбанд. Дар ин бора ҳодисаи боз гардонидани кӯдак ба ҷадвал агар дар навишт мушкилот пайдо шавад, далолат мекунанд. Хонандагон ба ҷадвал рӯ оварда, дар ҳолати зарурӣ ин ё он навиштро асоснок месозанд. Ҷадвал барои хонанда на танҳо такягоҳи амал, ҳамзамон, воситаи воқеии ба хотир гирифтан, муҳокимаву андеша мегардад, ки ҳангоми таносуби самараноки се парадигма муҳим мебошад.

Дар синфи таҷрибавӣ ташаккули усулҳои умумии амалҳои орфографӣ чунин таркиб меёбанд, ки бачагон барвақт (дар миёнаҳои синфи 1) мавҷудияти аксари вазифаҳои орфографиро дарёфт кунанд, кадоме, ки дар чор соли минбаъдаи таълим онҳоро бояд иҷро кунанд. Аниқтараш, онҳо муайян карданд, ки дар бораи қоидаи навиштани калима чиро намедонанд. Тавре зикр карда будем, дар охири давраи омӯзиши алифбо хонандагони синфи 1 бо орфографияи мавқеъашон мустаҳкам шинос гардида, бояд ба омӯзиши орфографияи мавқеъашон заиф гузаранд. Аммо то ин ки кӯдак дониши худро дар бораи орфография ва надонистани орфографияро маърифат кунад, дар таълим бояд мафҳуми «мавқеи фонологӣ»-ро ворид сохта, ба хонандагон донистани мавқеи мустаҳкаму заифи фонемаро омӯхтан зарур аст.

Ин ҷо хусусиятҳои он вазифаи таълимро, ки ҳангоми иҷрои он бачагон бо зарурати фарқи мавқеи мустаҳкаму заифи фонема дучор меоянд, менависем. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки расми химчаро кашанд. Ӯ аз хонандагон эрод мегирад, ки калимаҳои оддиро намефаҳманд. Зеро яке расми кӯлро кашидаасту дигаре шохчаи холиро. Ҳамзамон, ишора ба он мекунад, ки «шояд дар ин нофаҳмӣ айби бачагон неву овоз бошад, ки кори худро нисбати фарқи калимаҳо дуруст иҷро намекунанд. Ин чӣ гуна овозҳо аст? Барои чӣ онҳо «қобилияти корӣ»-и худро гумм мекунанд? Ҳангоми фаҳмидани ин саволҳо бачагон ба иҷрои вазифа нисбати фарқ кардани мавқеи мустаҳкаму заифи фонемаҳо мепардозанд. Дар баробари ин маълум мегардад, ки овозҳои мавқеъашон мустаҳкамро бачагон доимо метавонанд бо ҳарф ишора кунанд. Овозҳои мавқеъашон заиф бошад, бачагонро ба интихоб кардани яке аз якчанд нишонаҳои ҳарфӣ дучор мекунад. Масалан, дар калимаи «биёр» барои мавқеи сусти садонок 3 ҳарф баҳс мекунанд.Бо гузаронидани таҷрибаи навиштану талаффузи калима, бачагон боварӣ ҳосил мекунанд, ки ҳангоми се навиштан талаффузи калимаҳо ва маънии онҳо тағйир намеёбанд.

Интихобро байни ифодаҳои имконпазири ҳарфии мавқеашон заиф дар кадом асос бояд кард? Бачагон инро намедонанд. Ва надонистани худро онҳо бояд хуб фаҳманд. Масалан, агар кӯдак даъво кунад, ки чӣ тавр навиштани калимаро дар хотир дорад, омӯзгор метавонад ба навишти дигар маҷбур кунад. Дар баробари ин ба хонанда нишон медиҳад, ки ӯ дурустии иддаои худро асоснок карда наметавонад. Ӯ намедонад, ки барои чӣ калимаи мазкур маҳз ҳамин тавр навишта мешавад. Бачагон аксар исботи беихтиёриро пеш мегиранд. Масалан, кӯдак тасдиқ мекунад, ки: «Ман медонам, барои чӣ дар калимаи хонанда ҳарфи х навишта мешавад: хонанда олим шудан мехоҳад». Омӯзгор беасосии даъвои хонандаро нишон дода мегӯяд: «Ман чунин меҳисобам, ки бояд ҳарфи И навишта шавад: зеро, хонанда ба мактаб барои таҳсил омадааст». Ин гуна баҳсҳои махсус ташкилшаванда бо хулосаи зерини омӯзгор ба анҷом мерасанд. Айни ҳол дар ин калима кадом ҳарфро

навиштан муҳим нест. Биёед, онро дида бароем, ки барои чӣ исбот карда наметавонад, ки кадом ҳарф дар ин ҷо навишта мешавад?!».

Баъди баррасии ҷанбаи надонистанҳо (орфограммаи мавқеашон заиф) ва дарёфти сарҳади дониш омӯзгор хонандагонро ба муҳокимаи умумӣ даъват мекунад. Барои муҳокима калимаҳои мувофиқро бояд интихоб кард, ки ин ба хонандагон имкон медиҳад, бо донистани қоидаҳои дигари орфографӣ шинос ва дарк карда, бехато нависанд.

Сарфи назар кардани мавқеи заиф нишондоди он аст, ки усули санҷиши ин гуна орфограммаҳоро хонанда ҳанӯз азхуд накардааст. Ҷорӣ намудани мафҳум дар бораи мавқеи мустаҳкаму заифи овозҳо ба ҷараёни таълим барои он лозим аст, ки дар хонандагон амалҳои таълимии баҳодиҳӣ рушд дода шавад. Акнун ҳар давраи навбатии таълим, на танҳо аз захира намудани дониши нав аз ҷониби хонандагон, омӯхтани қоидаҳои нави орфографӣ иборат аст, ҳамзамон, барои аз байн бурдани надонистан зарур мебошад. Масъалаи айни ҳол сарҳади байни донистану надонистан аз куҷо мегузарад, доимо дар дарсҳо муҳокима мешавад. Шакли асосии ин кор қайди ин ё он калимаҳо бо сарфи назар кардани мавқеи заиф аз тарафи бачагон маҳсуб меёбад. Ин гуна қайд барномаи фарохи омӯзиши минбаъдаи орфография, усули таҳияи вазифаҳои нави орфографӣ ва дар як вақт шартҳои асосноки қабули онҳоро фарогир аст. Қайд бо ихтисораҳо ба кӯдак чун қайди таълими аслӣ не, номукаммал, аммо доимо ба хонанда дар бораи номукаммал будани дониши ёдоваркунанда маҳсуб мешавад. Бинобар он пайвасти «сужетҳо» ҳангоми вазифагузориҳои минбаъдаи таълими забони русӣ бетағйир такрор меёбанд: мо ҳама гуна калимаҳоро бе ихтисор навишта наметавонем, боядислоҳи хатогиҳоро омӯхт.

Дар синфҳои 1 ва 2 дар маводи орфограммаҳои решагӣ қоидаи умумии хатро аз мавқеи заифӣ мебароранд: мавқеи заиф аз мавқеи мустаҳкам санҷида мешавад. Дар ин ҳолат хонанда бо вазифаи нав дучор меояд: мавқеи мустаҳкамро чӣ тавр ва дар куҷо бояд ҷуст? Масалан, садоноки безадаро дар калимаи …. Ин ҷо калимаи мувофиқро бояд интихоб кард?! Ё ин, ки бо

кадом аз се калима… ин ҷо калимаи мувофиқро интихоб бояд кард?!! Бояд мавқеи заифро дар калимаи…. санҷид.

Бо посух додан ба ин саволҳо бачагон принсипи фонетикии хатро дониста гирифта, мавқеи заифро дар реша аз рӯи мавқеи мустаҳкам дар ҳамон реша месанҷанд. Мавқеи заифро дар охир аз мавқеи мустаҳкам бо ҳамон баохиррасӣ месанҷанд. Барои муайян сохтани «калима бо ҳамин гуна реша» чиро мефаҳмонад, бачагон бо этимологияи калима шинос ва таҳлили аҳамияти луғавии (лексики) калимаро меомӯзанд. Дар як вақт онҳо санҷиши решагии орфограммаҳоро омӯхта аммо, орфограммаҳоро дар боқимонда морфемаҳо сарфи назар мекунанд. Ин вазифаи таълим барои оянда аст. Дар синфҳои 3 ва 4 бачагон қоидаҳои асосии хати мавқеъашон заифро дар синфҳои нави морфемаҳо–бандаки исму сифатро паҳн мекунанд. Барои ҷустуҷӯи калима бо ҳамин гуна бандак бачагонро зарур меояд, ки амали бандакро муайян созанд. Барои ин онҳо тағйирот ва мувофиқати калима бо падежҳо, ҷинсу шумораро омӯхта, ҷадвали ҷумлаҳои сода ва ибораро тартиб медиҳанд (тартиб додани ҷадвали морфологию синтаксисӣ чун пешина усули асосии таҳлили зуҳуроти забонӣ боқӣ мемонад).

Дар синфи 4 қоидаи асосии хати мавқеъашон заиф ба қоидаи навишти бандаки феълҳо ба префиксу суффиксҳо дахл мекунанд. Дар баробари ин бачагон бо амали ин морфемаҳо шинос ва ташаккули калимаҳоро меомӯзанд. Ҳамин минвол, ҳалли вазифаи орфографии дар синфи якум додашуда дар бораи навиштани мавқеи заиф давоми солҳои таҳсил дар синфҳои ибтидоии тадриси забон идома ёфта, барои он муайян сохтани қонуниятнокии нав ба нави забониро талаб дорад. Қайд месозем, ки кашфи ҳар қонуниятнокии навбатӣ бо вазифаҳои дар назди бачагон дар давраи пешини таълим гузошташуда асоснок карда шудааст. Бинобар он барномаи курс, ки зоҳиран чун номгӯи параграфҳои китоби грамматика менамояд, воқеан ҳам, барои кӯдак чун дақиқсозии пайдарҳамии усулҳои ҳалли ин ё он вазифа: чӣ тавр аз сухани овозӣ ба хаттӣ гузаштан мумкин аст, қарор хоҳад дошт. Дар баробари ин донишҳои нави назариявии забон дар ин курс характери аз ҷониби

омӯзгор вобастанашударо дорост («Имрӯз мо кӣ будани феълро фаҳмида мегирем»), ки онҳо барои кӯдак дар азхудкунии амали хат лозиманд. Бе ин дониш онҳо дурусту бехато навишта наметавонанд, ки инро хонандагон хуб медонанд.

Акнун дар масъалаи таносуби муҳтавои назариявию амалии курси забони модарӣ истода мегузарем. Барномаи муқаррарии забони русӣ дар мактабҳои ибтидоӣ-афзалияти курсҳои амалии ба омодасозии бачагон ба омӯзиши мунтазами минбаъдаи забон дар мактаби миёна дар заминаи назариявию грамматикӣ равонагардида маҳсуб мешавад. Ин кандашавии муваққатии амалияю назарияи орфография ба он оварда мерасонад, ки навиштанро кӯдак чун малакаи моторӣ на, чун маҳорати мураккаби фарҳанги зеҳнӣ меомӯзад, ки азхудкуниаш соф муносибати назариявиро ба забон мемонад. Тартиб додани раванди таълим бо истифодаи модули ҷадвалӣ ва ҷамъбасти пурмуҳтаво имкон медиҳад, фосилаи байни мӯҳтавои амаливу назариявии таълими забон барҳам дода шавад.

Дар бораи он, ки истифодаи модули ҷадвалӣ сатҳи баланди малакаи орфографиро таъмин мекунад ва ба фаҳмиши бачагон қонуниятҳои асосиву хусусиятҳои орфографӣ таъсир мерасонад, натиҷаҳои зерин бозгӯи онанд. Хонандагони синфи 3, ки орфографияро дар асоси назариявӣ омӯхтаанд, диктанти басо мураккабро бехато [75%] навиштанд. Дар синфе,ки орфографияро ба таври муқаррарӣ омӯхтаанд, ин гуна бехато ҳамагӣ 15% навиштанд. Дар синфи назоратӣ вақти асосии соати таълим аз охири синфи 1 то охири синфт 2 ба машқу санҷиши орфограммаҳои решагӣ сарф мешавад. Дар синфи назоратӣ ин мавод дар охири синфи 1 таълим дода, дар синфи 2 бошад, баробари омӯзиши орфографияи бандак такрор мешавад. Дар диктанте, ки аз хонандагони синфи 2 гирифта шуд, 90% бачагони дар синфи санҷишӣ таҳсилнамуда дар орфограммаҳои решагӣ хато накарданд. Дар синфҳои назоратӣ бошад, ин гуна бачагон 50%-ро ташкил доданд.

Хат бо хатогиҳои мавқеи заиф барои хонандагони синфҳои назоратӣ-воситаи воқеии пешгирии хатоҳои орфографӣ мегардад. Дар ин бора

маълумоти таҷрибаи навбатии муқоисавӣ далолат мекунад. Бо гирифтани диктант дар синфи назоратӣ мо ба бачагон чунин тавсия додем: дар он ҷое, ки ба дурустии навиштаашон чандон боварӣ надоранд, аз болои он ҳарф аломати савол гузоранд. Дар баробари ин бачагон огоҳ шуда буданд, ки ҳарфи болояш аломати савол гузошташуда хато набуда, дар баҳогузорӣ ба инобат гирифта намешавад. Дар синфҳои назоратӣ бачагон диктантро бо сарфи назар намудани мавқеъҳои заиф, он ҷое, ки дар навишт чандон бовар надоштанд, навиштанд. Бинобар ин дар синфи назоратӣ сифатнокӣ 90 фоизро ташкил дод. Ин фисад он бачагоне буданд, ки дар калимаҳо «шубҳа ба дурустии навишт»-и худро гузошта буданд. Дар синфи назоратӣ бошад, сифатнокӣ 25%-ро ташкил дод. Байни диктантҳои бехато 10%, кадоме ки нишонаи шубҳа барои кӯдак чун воситаи пешгирии хато хизмат кард. Дар синфи таҷрибавӣ бошад,ин гуна кор ҳамагӣ 53%-ро ташкил дод. Ҳамин тариқ, дар раванди таълими таҷрибавии забони модарӣ малакаи басавод навиштан дар бачагон дар заминаи амали махсус ташаккул меёбад, ки бо ёрии он метавон орфограммаҳои маълумро аз номаълум ҷудо кард, аниқтараш дар асоси баҳодиҳии таълим.

Дониши кӯдак дар бораи надонистани худ–лаҳзаи маънидори рефлекси (одати) ӯст. Бинобар ин ҳам ҷудокунии пайдарҳами маълум аз номаълум дар раванди таълим бо татбиқи амалҳои орфографӣ ба ташаккули ин гуна характеристика он амалро дар замири хонандагон чун одатнокӣ ташаккул медиҳад. Дар ин бора натиҷаҳои ченаки назоратии аз ҷониби мо тариқи индивидуалӣ бо 60 хонандагони синфи 3-и дар синфи таҷрибавӣ таҳсилкарда ва он хонандагони синфи 3, ки дар синфи назоратӣ таҳсил кардаанд, гузаронидашуда шаҳодат медиҳанд. Методикаи ба муайянсозии характери амали орфографии ба нақша гирифташаванда равонашуда (самтнокӣ ба натиҷа ё усули ҳалли вазифаи огфографӣ) аз 10 вазифаи се шакл иборат буд.

1. Вазифаҳои орфографии «рост», ки усули хуб азхудшудаи амали орфографии дар шароитҳои бачагон одаткардаро талаб дорад. Масалан, дар калимаи замин ва бӯлак кадом ҳарфҳоро навиштан лозим аст.

2. Вазифаҳои орфографие, ки ҳаллашон бо усули ба бачагон хуб маълум пешниҳод шудаасту ба ин гуна вазифаҳои ба хатогӣ водоркунанда монанд набуда. Масалан, «Биёед, калимаи «моҳ-дорӣ»-ро бо калимаи якрешагии «моҳидорӣ» месанҷем. Дурустии иҷрои ин вазифа ин гуна ҷавоб аст: «Ин гуна баррасӣ кардан мумкин нест: ҳарду калимаи аз як решаанд, аммо, бо калимаҳои якрешагӣ аз рӯи орфограмма дар реша, дар калимаи «моҳидорӣ» садоноки безада байни решаҳост. Дар калимаи дуюм бошад, «дор» ба ҳайси сифат меояд. Ин ҷо бо суффикс санҷидан мумкин нест. Ҷавобҳои нодуруст онҳое ҳисобида шудаанд, ки дар онҳо бачагон бо натиҷаи ҳалли вазифа розӣ шудаву ношуда ба усули пешниҳодшудаи гирифтани натиҷа ғайританқидона муносибат карданд: «Калимаи санҷишӣ дуруст интихоб шудааст, аммо, чунин навишта мешавад: А ва О (инҷо калимаҳои дурусту мувофиқро ба қоидаи имло интихоб кардан лозим аст!)-ро интихоб кардан лозим аст. Ин ҷо калимаи санҷишӣ нодуруст интихоб шудааст. Беҳтараш бо калимаи «моҳидорӣ» санҷида шавад.

3. Вазифаҳои орфографӣ, кадоме, ки ҳаллашон бо усули бегона ба ҷо оварда мешавад, ки баробари он натиҷаи дуруст ба даст меояд. Масалан, «садоноки безадаро дар калимаи «боғпарвар»-ро метавон бо калимаи якрешагии «боғдор» санҷидан мумкин аст. Ту розӣ? Ҳангоми ҳалли ин вазифа ҷавобҳои усули пешниҳодшудаи амал дуруст ҳисобида шуд. Дар калимаи «боғпарвар» албатта, О навишта мешавад, аммо бо калимаи «боғдор» санҷидан мумкин нест. Орфограммаҳо ба реша бо калимаҳои якрешагӣ санҷида намешаванд.

Натиҷаҳо. Вазифаҳои «рост»-и орфографиро хонандагони синфҳои таҷрибавию назоратӣ амалан як хел иҷро карданд: мутаносибан 94 ва 93%-и хонандагон вазифаҳои додашударо ба иҷро расониданд. Вазифаҳое, ки дар он ҷавоби бо усули нодуруст ҳосилшуда буд, 48%-и хонандагони синфҳои таҷрибавӣ ва 14% хонандагони синфҳои назоратӣ иҷро карда буданд. Вазифаи боз ҳам аз ин мураккабтарро, кадоме, ки усули дурусти иҷрои вазифа бо усули нодуруст ба даст меояд, 39 фоизи бачагони синфи таҷрибавӣ

ва 11 фоиз бачагони синфи назоратӣ ба иҷро расонида буданд. Фарқият байни синфҳо назаррас аст.

Нишондиҳандаҳои таҷрибавии овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳолати баробарии азхуднокии усули амали орфографӣ (натиҷаҳои баланди ҳалли вазифаҳои «рост») хонандагони синфҳои таҷрибавию назоратӣ аз рӯи одат ба усули азхудкардаи амал комилан фарқ мекунанд. Бачагоне ки орфографияро бо ёрии модули ҷадвалӣ омӯхта буданд, қабулнокии усули муайяни амалро дар ин ё он ҳолати аниқ беҳтар баҳо дода метавонанд. Дар ин бора ҳатто шакли муҳокима ҳангоми ҳалли вазифаи «рост» далолат мекунад. Зеро 85%-и хонандагони синфҳои таҷрибавӣ ба саволи «кадом ҳарфро навиштан лозим аст» гуфтанд, ки «ин ҳарфро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст». Аниқтараш, ҷавобро аз рӯи ҷадвали «аз усул ба натиҷа» тартиб доданд. Масалан, «Аввал решаро ҷудо мекунем. Барои ин калимаҳои хешовандро интихоб мекунем…». Танҳо 25% хонандагони синфҳои назоратӣ чунин баррасӣ карданд; боқимондаҳо якбора ба натиҷа нишон доданд. «Ин ҷо навишта мешавад…». Танҳо баъди саволи омӯзгор ин хонандагон ба ҷустуҷӯи исбот пардохтанд, ки аксаран наёфтанд.

Ҳамин тариқ, таълими забони модарӣ бо истифодаи модули ҷадвалӣ ба ноилшавии се ҳадаф равона шудааст:

–дар бачагони синфҳои поёнӣ таъмини ташаккули самараноки донишу малакаи орфографӣ;

–мусоидат кардан ба ташаккули худи фаъолияти таълимӣ, дар навбати аввал амали таълими баҳодиҳӣ дар хонандагони синфҳои поёнӣ;

–фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули одат чун характери махсуси амали орфографӣ.

Бо истифодаи модули ҷадвалӣ омӯзгор ба ҳадафҳои таълим ноил мешавад. Ин бошад, ба рушди маҳорати фарҳанги зеҳнӣ бо баҳисобгирии 6 муносибат мусоидат мекунад. Усули гносеологӣ-дониши иловагии назариявиро соҳиб мешавад; семантикӣ бошад, тавассути сохтори нишонии забон сохтори фонетикиро маърифат мекунад; параксиологӣ–маводи

омӯхташударо дар амал татбиқ мекунад; таҳлилӣ бошад, маҳорати таҳлилиро рушд медиҳад; аксиологӣ – аз маводи омӯхташавандаи забон хонандагон арзишҳои ба худ зарурриро мегиранд; синергетикӣ бошад, дониши нав гирифтаро синтез мекунад.

Модули ҷадвалӣ чун яке аз воситаҳои рушди фарҳанги интеллектуалӣ маҳсуб ёфта, нисбати татбиқи таносуби се парадигма–эмпирикӣ, алгоритмӣ, стохастикии мо пешниҳодмекарда кӯмак мерасонад.

Дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ маҳорати хонандагон нисбати азёд кардани (репродуктивӣ), истифодаи таҷрибаи пешин (эмпирикӣ), амал кардан аз рӯи алгоритми додашуда (алгоритмӣ), мустақилона ҳал кардани мушкилоти мавҷуда (мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ), изҳор доштани ақидаи худ (стохастикӣ) санҷида шуд.

## 2.3. Самаранокии муҳтавои корҳои тачрибавӣ-санҷишӣ оид ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни дарсҳо

Дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-санҷишӣ мо таносуби самараноки парадигмаву муносибат, ҳамчунин, дастовардҳои таълимии хонандагони синфҳои 1-4-ро дар раванди рушди ҷаҳонбинии илмиро ба сифати асос гирифтем. Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ мо барномаи таҷрибаро таҳия сохтем, кадоме ки дар ҷадвали 5 оварда шудааст. Дар барнома меъёрҳои асосии корҳои таҷрибавӣ–санҷишӣ давраҳо, муҳтавои онҳо, усулҳои таҳқиқу банақшагирии натиҷаи ниҳоӣ буданд. Ҳадафи барномаи корҳои таҷрибавӣ-санҷишӣ азназаргузаронии самаранокии механизми рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда маҳсуб ёфт.

Ҷадвали 5. Барномаи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-санҷишӣ

| № | Давраҳои кори таҷрибавӣ санҷишӣ | Мӯҳтавои корҳои таҷрибавӣ-санҷишӣ | Усулҳои таҳқиқот | Натиҷаи ниҳоӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Давраи муайяншаванда (2015-2016 с.с.) | Диагностикаи ҳолати аввалаи рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон | Омӯзиши адабиётҳои педагогӣ, гузаронидани тест, қисмати муайяншаванла, таҳлилу гузаронидани анктеа | Ошкор намуцдани ҳолати аввалаи рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон |
| 2 | Давраи рушдкунанда (2017-2018 с.с) | мутобиқгардонӣ Воситаҳои рушди ҷаҳонбинии илмӣ. | Мушоҳидаи қисмати фосилавӣ, омӯзищи маҳсули | Санҷиши самаранокии истифодаи |
| 3 | Давраи назоратӣ (2019-2021 с.с.) | Санҷиши натиҷаҳои давраи рушдкунанда ва таҳлили натиҷаҳои ҳосилшуда. | Усули назоратии мушоҳида, гузаронидани тест, хулосаи маълумотҳои ба даст омада. | Дастурҳои методӣ барои омузгорон оид ба истифодаи воситаҳои рушди ҷаҳонбинӣ |

Диагностика(ташхис) элементи муҳими раванди таълим маҳсуб мешавад. Педагогҳо чунин меҳисобанд, ки «диагностикаи таълим–раванди муайянсозии фаъолияти таълими хонандагон ва педагогҳо бо мақсади ошкорсозӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва ислоҳи таълим аст» [16]. Дар ибтидо мо муносибати омӯзгору хонандаро ба масъалаи таҳқиқшаванда муайян кардем. Дар як вақт мушкилоти омӯзгоронро ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон ошкор сохтем.

Кори таҷрибавӣ-санҷишӣ бевосита аз тарафи худи муҳаққиқ гузаронида шуд. Дар раванди фаъолияти педагогӣ бо таҳлили муҳтавои стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ ва барномаҳои таълими математикаву забон хулоса баровардан мумкин аст, ки айни замон дар зинаҳои аввали мактаб инҳо ба назар мерасанд:

–якум, муҳтавои таълим бо ҳамон метод дар забони модарӣ гузошташуда аз дастурҳои принсипиалии ташаккули усулҳои умумӣ дар ҳалли вазифаҳои орфографӣ иборат аст;

–дуюм, дар давраҳои барвақттарини таълим хонанда муайян кардану таҳлил ва ба таври муҳтавонок ҷамъбаст намудани он муносибатҳои лингвистиро, ки асоси амалҳои орфографиро ташкил медиҳанд, бояд донад;

–сеюм, дар давраҳои навбатии таълим бошад, ин муносибати авваларо бояд аниқ ва дар сохтори мафҳумҳои лингвистикӣ паҳн кард. Кадоме, ки хусусияти забонро чун сохтори нишонӣ инъикос месозад.

Баъди пурсиши омӯзгорони синфҳои ибтидоии мактабҳои таҷрибавӣ муносибати омӯзгоронро ба гузаронидани дарсҳои грамматика ва математика муайян кардем. Ҳамзамон, он мушкилиҳоеро ошкор сохтем, ки онҳо дар раванди истифодаи китобҳои нав дучор меоянд. Дар таҳқиқот 64 омӯзгорон аз мактабҳои гуногун фаро гирифта шуданд.

Натиҷаҳои анкетаи гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки 56%-и омӯзгорон айни замон истифодаи воситаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагонро дар зинаҳои аввали таълим имконпазир меҳисобанд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар ҷавоби 34 фоизи омӯзгорон оварда шудааст, ки ба онҳо на ҳама вақт мӯҳтавои маводи таълим ба ҷаҳонбинии илмии хонанда таъсиркунандаро интихоб кардан муяссар мегардад.

Интихоби воситаи ташкили фаъолияти хонандагон 28 фоиз аст. 26 фоизи омӯзгорон нишон додаанд, ки дастури методӣ оид ба истифодаи воситаҳои рушди фарҳанги зеҳнии хонандагон вуҷуд надорад. Норасоии донишро аз рӯи рушди фарҳанги зеҳнии хонанда 11 фоизро ташкил дод. Дониши асосҳои

педагогӣ ва муносибатҳои технологияи инноватсионии таълим бошад, ба 8 фоиз расидааст.

Бо назардошти маълумотҳои анкета ба назар мерасад, ки омӯзгорон бо мушкилоти муайян дар истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дучор омадаанд. Зеро, бисёре аз онҳо дар бораи асосҳои педагогӣ ва муносибатҳо дар истифодаи он дониши назариявиро надоранд. Ин зумра 8 фоизи пурсидашудагонро ташкил дод.

Таҳлили маълумотҳои ба дастомада дар бораи пайдо шудани шавқу ҳаваси бачагон ба машғулиятҳо, ки он такя бо парадигмаи стохастикии таълим гузаронида мешавад, шаҳодат медиҳанд, на ба машғулиятҳое, ки дар заминаи парадигмаи таълим гузаронида мешаванд.

Ҳамин минвол, пурсиши омӯзгорон нишон медиҳад, ки надоштани дониши парадигмаи муносибати технологӣ ва таъсиррасон ба рушди ҷаҳонбинии илмӣ яке аз омилҳоест, ки фаъолияти омӯзгоронро дар истифодаи воситаи рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон халалдор месозад. Натиҷаҳои анкетаи гузаронида дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

Ҷадвали 6. Саволҳои анкетаи омӯзгорон.

| | Саволҳои анкета ва вариантҳои ҷавоб | Теъдоди |
|---|---|---|
| | Шумо дар дарсҳо воситаҳои ба ҷаҳонбинии | |
| | а) ҳа | 31 |
| | б) не | 69 |
| | Шумо чӣ андеша доред, истифодаи воситаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда дар курсҳои | |
| | а) ҳа | 54 |
| | б) не | 46 |
| | Ҳангоми истифодаи воситаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда оё ягон мушкилӣ мекашед?<br>1. Интихоби мӯҳтавои маводи бва рушд | |
| | 2. Интихоби усулҳо, шаклҳо, воситаҳои тащкили фаъолияти хонанда. | 30 |

| | | |
|---|---|---|
| | 3. Доир ба саволи гузошташуда надоштани маводҳои методӣ | 26 |
| | 4.Норасоии дониш оид ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон.<br>Донистани асосҳои педагогӣ ва муносибатҳо дар технологияҳои инноватсионӣ технологӣ | 24 |
| | Оё Шумо методикаи ташхиси рушди ҷаҳонбинии хонандаро медонед? | |
| | а) ҳа | 15 |
| | б) не | 85 |

Дар баробари ин ба пурсидашвандагон саволҳои зерин дода шуд:

–Ба назари Шумо муҳтавои фанҳои математикаву забон чӣ гуна потенсиали таълимӣ-тарбиявиро дороанд?

–Кадом мавзӯъҳо аз математика имкониятҳои дохилиро барои ошкор сохтани донишҳои амалӣ соҳибанд?

–Муносибати худро ба мӯҳтавои китобҳои таълимии муаллифони тоҷики замони муосир баён созед.

–Нисбати такмили ташкили раванди таълимӣ-маърифатӣ чӣ таклифу пешниҳодҳо доред?

Ин ҷо ҷавобҳои додашударо меорем. Фанни математика ва забон дар муҳтавои худ алоқаҳои воқеии табиатро инъикос намуда, дорои потенсиали бузурги рушд ҳастанд. Аз рӯи андешаи омӯзгорон маематикаву забон вазифаҳои семантикию гносеологиро бомуваффақият иҷро намуда, бо усулҳои маърифати илмӣ шинос ва алоқаи таълими ҳаётро бо дигар фанҳо амалӣ месозад. Дар ин радиф малакаи умумимантиқиро (муқоиса кардан, ҷамъбаст намудан, ва ғайра) банақшагириву таҳлилро рушд медиҳанд. Мутаносибан тамоми мавзӯъҳои математикаву забони модарӣ барои хонандагони синфҳои 1-4 имкониятҳои дохилиро барои ошкор сохтани аҳамияти амалии машғулиятҳо аз фанни математикаву забони модариро фаро гиранд.

Аммо 85 фоизи омӯзгорони пурсидашуда қайд мекунанд, ки мӯҳтавои курси муосири математикаи синҳои 1-4 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба татбиқи муносибати марказонидашудаи тадрис нигаронида шудааст. Зеро, аз як ҷониб тибқи зуҳуроти синфии ба ҷамъбасти эмпирикӣ нигаронидашуда таркиб ёфтаанд. Дар ин радиф номувофиқатии мӯҳтавои маводи таълим ба он минимум, кадоме, ки хонандагонро ба сатҳҳои имконпазиру ҳатмӣ бояд азхуд кунанд, вуҷуд дорад. Вазифаҳои ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъсиррасон пешбинӣ нашудаанд. Мутобиқ ба ин танҳо 15 фисади омӯзгорони пурсидашуда дар бораи амалан ғайриимкон будани маҳдуд шудан танҳо бо як технологияи таълим барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда дар ҷараёни тадрис иддао карданд. Аксар вақт омӯзгор элементҳои якчанд технологияро вобаста ба шароитҳои воқеии синф ва мактаби аниқ баробар истифода мебарад. Дар таҳқиқоти худ нисбати иҷрои талаботҳои стандарти давлатӣ, мо модули ҷадвалӣ, адабиёти электронӣ ва маводи дидактикиро таҳия кардем.

Бомаърифат кардани тамоми муҳимияти ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда омӯзгорони пурсидашуда як қатор чораҳоро нисбати аз байн бурдани омилҳои пасткунандаи самаранокии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълими хонандагон дар дарсҳои математикаву забон пешниҳод месозанд:

–аз нав дида баромадани ташкили мӯҳтавои лингвистии таълим, мантиқи паҳншавии мафҳум ва амалҳои зарурии таълими бачагон бо маводҳои забону математика; ҳаракати рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон аз ҳалли умумии вазифа (орфографӣ, математикӣ) ба дақиқсозии ин усул барои ҳар намуди бегона (орфограмма, вазифа);

–чуқур омӯхтани муҳтавои ҳуҷҷатҳои асосӣ дар соҳаи маориф (стандарти давлатӣ, барномаҳои таълимӣ, адабиёти дарсӣ) бо мақсади рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон;

–барои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим утоқҳои дарсиро барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо таҷҳизоту лавозимоти дарсӣ муҷаҳҳаз сохтан;

–фонди китобхонаи мактабро бо адабиёти илмӣ-методии таъсиррасон ба рушди ваколатнокии омӯзгор пурра карда шавад. Натиҷаҳои анкета имкон дод андешаҳои омӯзгорон муайян карда шавад. Байни ҳадафҳои афзалиятнок кадоме, ки онҳоро ба роҳбарӣ мегиранд, бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим инҳо маҳсуб мешаванд;

–рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон 2 фоиз. Пурзӯр намудани ҳавасмандӣ ба омӯзиши фанни математикаву забон 20 фоиз, беҳдошти сифати таълим 17, пурзӯр сохтану рушди таҷрибаи субъективии хонандагон 4 фоиз ва рушди саводнокии фаннӣ 37 фоиз. 20 фисади омӯзгорон ҳавасманди донистани хонандагон аҳамияти амалии донишҳои математикаву забонанд. Бо назардошти нишондиҳандаҳои фоизӣ метавон гуфт, ки бисёре аз омӯзгорон муҳимияту алоқамандии рушди фарҳанги зеҳнии хонандагонро бо аҳамияти амалии донишҳои маетматикиву забон то ба охир намефаҳманд. Истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим аз тарафи омӯзгорро дар заминаи парадигмаҳои алгоритмӣ тартиб медиҳад. Инҳо 60 фоиз омӯзгоронанд. 4 фисади омӯзгорони пурсидашуда парадигмаи стохастикиро истифода мебаранд. Парадигмаи эмпирикиро бошад, 36 фоизи омӯзгорон истифода мебаранд. 60 фисади пурсидашудагон бошанд, чунин меҳисобанд, ки ҳангоми фаҳмонидан 60 фисади воситаҳои эътирофшудаи таълим адабиёти электронӣ маҳсуб мешаванд. Адабиёти илмӣ-электронӣ бошад, 15 фоизро ташкил медиҳад. Модулҳои ҷадвалӣ бошад, 0 фоизи адабиёти таълимӣ 0 фоиз. Адабиёти маълумотдеҳ 12. Адабиёти илмӣ-оммавӣ 5 фоиз. Натиҷаҳои анкетаи истифодаи технологияи инноватсионии таълим аз ҷониби омӯзгорон дар ҷадвали 7 оварда шудаанд.

Ҷадвали 7. Натиҷаҳои таҳқиқи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим.

| № | Саволҳои анктера ва варинатҳои ҷавоб | Теъдод |
|---|---|---|
| 1 | Бо истифода аз технологияҳои инооватсионии таълим Шумо | |
| 1.1 | Беҳтар кардани сифати таълим | 16 |
| 1.2 | Рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда | 2 |
| 1.3 | Пурзӯр намудани асоснокии омузиши фанҳои математикаву забон | 15 |
| 1.4 | Рушди саводнокии фаннии хонандагон | 25 |
| 1.5 | Дарки аҳамияти амалиий донишҳои математикиву забон. | 20 |
| 1.6 | Баланд бардоштани сатҳи маърифатии хонандагон | 20 |
| 1.7 | Бой ва рушд додани таҷрибаи субъектии хонандагон | 3 |
| 2 | Ба назари Шумо дар кадом парадгимаҳои педагогӣ, истифодаи технологияҳои инновтаисонии таълим тартиб дода шаванд?. | |
| 2.1 | Парадигмаи эмпирикӣ | 36 |
| 2.2 | Парадигмаи алгоритмӣ | 60 |
| 2.3 | Парадигмаи стохастикӣ (категорияи эҳтимояият). | 4 |
| 3 | Ба андешаи Шумо истифодаи кадом аз технологияҳо ба рушди ҷаҳонбинии хонанда мақсаднок аст? | |
| 3.1 | Истифодаи муносибатҳои анъанавии Использование (С.Н. Лысенкова, Ш.А. Амонашвили, В.Н. Зайцев) | 48 |
| .2 | Таълими барномарезишуда (Б.Ф. Скиннер).<br>Назарияи ташаккуули даврагии амалҳои ақлонӣ. (А.И. Подольский), КСО (В. Дьяченко) | 12 |
| .3 | Технологияи шахсӣ-мақсаднок. (Якиманская). Шахсӣ-марказонидашуда. (Карл Доджерс). Таълими мушкилот (Лернер, Махмутов) | 40 |
| | Ҳангоми фаҳмонидаи мавзӯъи ошкоркунандаи аҳмияти нащариявию амалиии донишҳои математикиву забон шумо аз кадом воситаҳои таълим истифода мебаред? | |
| | Китоби дарсӣ | 60 |
| | Маълумотнома (справочник) | 12 |
| | Адабиётҳои илмӣ-оммавӣ | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| | Адабиётҳои илмӣ-методӣ | 15 |
| | Адабиётҳои бадеӣ | 9 |
| | Модули ҷадвалӣ | 0 |
| | Адабиёти электронӣ | 0 |
| | Ба фикри Шумок адом аз шакли фаъолияти таълим барои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим нисбатан самарноктар аст? | |
| | Дарс | 75 |
| | Дарсҳои иловагӣ, маҳфилҳо | 15 |
| 3 | Шакли корҳои берунаазсинфӣ | 10 |

Адабиёти бадеӣ дар раванди таълим басо кам истифода бурда мешавад. Ҳамагӣ 9 фоизи омӯзгорон онро чун воситаи таълим меҳисобанд. Аксари пурсидашудагон 75 фоиз чунин меҳисобанд, ки технологияҳои инноватсионии таълимро дар дарсҳо бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст. Дар дарсҳои факултетивӣ 15 фоиз, дар доираи машғулиятҳои беруназсинфӣ бошад, 10 фоиз.

Ҳамин тариқ, таҳлили анкетаи омӯзгорон муҳимияти таҳқиқоти мушкилот, фаҳмишу эътирофи он аз ҷониби омӯзгорон новобаста аз мураккабиҳо, зарурати истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон тасдиқ месозад.

Дар давраи назорати таҷрибаи педагогӣ барои муайян сохтани муносибати ба масъалаи зарурати ошкор сохтани аҳамияти амалии донишҳои математикиву забонӣ дар зинаи ибтидоии таълим барои хонандагони синфи 4 анкета пешниҳод шуда буд.

Натиҷаҳои анкета собит сохтанд, ки 94 фоизи хонандагон зарурати машғулияти аз рӯи адабиёти электрониро бо ёрии модулҳои ҷадвалӣ дар азхудкунии донишҳои фаннӣ мефаҳманд. Ба саволи «дар муҳити воқеӣ оё Шумо зуҳуроти математикӣ ва забониро мефаҳмед?». 87 фисад ҷавоби мусбӣ доданд. Хонандагони синфи 4 мисоли инъикоскунандаи зуҳуроти математикиву забониро дар муомиларо оварда тавонистанд. Дар ин радиф дар техникаву ҳаёт, муҳит он предметҳоеро дарёфтанд, ки бо ёрии онҳо

вазифаҳоро дар мавзӯи «монандӣ», «фарқият», «бурида гузаштан» тартиб додан мумкин аст. Ин 94 фоизи хонандагон бо тақсим кардани бутун ба қисмҳо ва бо таҳлили қисм чун воҳиди бутунӣ, мекӯшанд заминаи илмии зуҳуротро бо ёрии луғати мафҳумӣ ба даст оранд.

Дар ҷараёни анкета воситаҳои таъсиррасон ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон муайян карда шуданд. 42 фисади хонандагон бошанд, васеъ истифода бурдани модули ҷадвалӣ, адабиёти электронӣ ва маводи дидактикиро зарур медонанд. 12 фоиз бошанд, зарур медонанд, ки теъдоди соати курси «Асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ» зиёд карда шавад. Истифодаи ҳолатҳои ҳаётӣ барои тартиб додани вазифаҳои ошкоркунандаи нақши математика ва забонро дар ҳаёти ҳаррӯзаро 16 фоиз зарур медонанд.

Робитаи математикаву мантиқ, забонро бо логопед 6 фоиз, ба ҳисоб гирифтани «таҷриба»-и ҳар хонанда 10 фоиз, истифодаи вазифаҳои дидактикӣ, бозиҳо 17 фоиз ва теъдоди ночизи дигар ҷавобҳо 6 фоизро ташкил доданд.

Ба саволи «Оё Шумо мехоҳед, ки дар звенои миёна машғулиятро бо истифодаи адабиёти электронӣ, модули ҷадвалӣ идома диҳед?», 42 фоиз ҷавоби мусбӣ, 15 фоиз ҷавоби рад доданд, ки бозгӯи ҳавасмандии баланд ба машғулиятҳо бо истифодаи адабиёти электронӣ ва модули ҷадвалист.

Ҳамин минвол, таҳлили маълумотҳои бадастомада аз зуҳури ҳавасмандии хонандагон ба машғулиятҳои ба парадигмаи стохастикии таълим, ҳамзамон ба машғулиятҳои дар заминаи таълимоти парадигмавию алгоритмӣ асосёбанда шаҳодат медиҳанд. Натиҷаҳои анкета оид ба истифодаи воситаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар ҷадвали 8 оварда шудааст.

| № п/п | Саволҳои анкета ва вариантҳои ҷавоб | Теъдоди хонандагони ба саволҳо ҷавоб дода ба ҳисоби % |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Ба андешаи Шумо китоби электронии таълим ва модули ҷадвалӣ оё ба азхудкунии фанҳо таъсир расонида метавонанд? | |
| 1.1 | Ҳа | 94 |
| 1.2 | Не | 6 |
| 1.3 | Дигар ҷавобҳо | - |
| 2 | Оё Шумо дар муҳити зисти воқеъӣ зуҳуроти математикиву забониро мебинед? Номбар кунед. | |
| 2 Л | Ҳа | 86 |
| 2.2 | Не | 14 |
| 2.3 | Дигар вариантҳо | - |
| | дешаи шумо бобати он, ки омузиши фанҳои математикаву н рушди ҷаҳонбинии илмиро сабук ва ба он мусоидат ард. Чӣ гунна аст? | |
| 3.1 | Афзун намудани теъдоди соатҳои таълими «Асосҳои илмии ҷаҳонбинӣ» | 10 |
| 3.2 | Ба таври васеъ истифода бурдани модули ҷадвалӣ, китоби | 41 |
| 3.3 | Истифодаи ҳолатҳои ҳаётӣ барои тартиб додани масъалаву вазифаҳои муайянкунандаи нақши математикаву забон дар ҳаёти ҳаррӯзара.. | 15 |
| 3.4 | Алоқамандии математикаву мантиқ, забон бо логопедия | 5 |
| 3.5 | Ба ҳисобгирии «таҷриба-и ҳар хонанда. | 9 |
| 3.6 | Истифодаи масъалаҳоиву бозиҳои дидактикӣ. | 15 |
| 3.7 | Дигар ҷавобҳо | 5 |
| 4 | Дониши бо ёрии китоби электронӣ ва модули ҷадвалӣ | |
| 4.1 | Ҳа | 82 |
| 4.2 | Не | 18 |
| 4.3 | Дигар ҷавобҳо | - |

| | | |
|---|---|---|
| 5 | Оё шумо дар звенои миёна бо истифодаи китоби электронӣ ва модули ҷуғрофӣ машғулиятро давом додан мехоҳед? | |
| 5.1 | Ҳа | 79 |
| 5.2 | Не | 21 |
| 5.3 | Дигар ҷавобҳо | - |

Дар оғози соли таҳсил дар синфҳои назоративу таҷрибавӣ баъди 20-25 рӯзи таҳсил дар хонандагони синфи 1 зеҳни муҳимро бояд дарёфт кард. Он имкон медиҳад, холи миёнаи пешрафтро дар ибтидои соли таҳсил ошкор карда шавад. Ошкор намудани аҳамияти холи миёнаи пешрафт дар хонандагон барои ба нақша гирифтани истифодаи шаклҳои ташкилии дарс дар элементҳои гуногуни блок, ҳамчунин, барои пайгирии натиҷаҳо зарур аст.

Дар синфҳои назоративу таҷрибавӣ хонандагони синфҳои 1-уми тариқи суҳбат ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумии шакли инноватсионии №1, шаҳри Панҷакент гузашта шомил гардиданд.

Бо ба инобат гирифтани ҳолатҳои мазкур меъёрҳои асосии интихоби хонандагон ба синфҳои назоративу таҷрибавиро инҳо ҳисобидем:

–омодагӣ ба мактаб;

–муайянсозии сатҳи рушди ақлонӣ.

Омодагӣ ба таҳсил аз тарафи рӯҳшиноси мактаб аз рӯи тестҳои махсус таҳлил карда шуд. Усули гузаронидани ин гуна таҳлил дар китоби «Рабочая книга школьного психолога» муаллифон И.В.Дубровина, М.К.Акимова, Е.М.Борисова, ҳамчунин, дар китоби «Диагностика школьной зрелости»-и Р.Римский, Р.В.Овчаров ва Я.Йирасека [62] оварда шудааст.

Сатҳи рушди ақлонии хонандагонро дар оғози соли таҳсил ва охири он бо мақсади санҷиши қобилияти хонанда нисбати фаъолияти мафкуравӣ, фаҳмишу мутобиқшавӣ ба ҳолати нави таълим, ҳалли мушкилоти гуногун санҷидем.

Ба сифати нишондиҳандаи расмиятчигии таълимнокӣ мо холи миёнаи хонандагонро аз рӯи предметҳои таълимдодашаванда гирифтем. Холи пешрафт дар синфҳои назоративу таҷрибавӣ нишон медиҳад, ки рушди ақлонӣ ба меъёрҳои иҷтимоӣ-психологӣ мувофиқ аст. Ин ҳолат исбот месозад, ки суҳбат ба интихоби хонандагон ба гурӯҳҳо таъсир нарасонад. Ин нишондиҳандаи дар оғози соли таҳсил муқарраршуда дар ҷадвали 9 оварда шудааст.

| Синфҳо | Холи миёнаи пешрафт | |
|---|---|---|
| | Назоратӣ («А», «Б») | Таҷрибавӣ («В», «Г») |
| 1 «А» «Б» | 3,4 | 3,5 |
| 1 «В» «Г» | 3,3 | 3,7 |

Ҷадвали 9. Аҳамияти холи миёнаи пешрафти хонандагон дар оғози соли таҳсил дар синфҳои назоративу таҷрибавӣ.

Зеҳни актуалӣ-зеҳнест, ки ба зеҳни потенсиалӣ такя мекунад. Нисбати гузаштан аз имконпазир ба ҳақиқӣ кӯмак расонида, ба рушди қобилияти инсон нисбати таҳлил–синтези зухуроти муҳит мусоидат мекунад. Маърифати актуалӣ ба сабабҳои рушди қобилияти ақлонии инсон мусоидат мекунад, кадоме дар заминаи он зеҳни актуалӣ пайдо мешавад.

Барои хонандагони синфҳои мазкур баробари дарёфти аҳамияти холи миёна хонандагон дар ибтидои соли таҳсил дар синфҳои назоративу таҷрибавӣ, сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмӣ аз рӯи услуби Д.Векселер [122] муайян карда шуд. Ин услубро мо барои баҳодиҳии дақиқи сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон тавассути зерҳисоби коэффитсиенти иҷрои вазифа истифода бурдем.

Мо муқаррар кардем, ки дар синфи назоратӣ сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмӣ назар ба синфи таҷрибавӣ баланд аст. Дар синфи таҷрибавӣ 0,45, синфи назоратӣ бошад, 0,48-ро ташкил медиҳад. Ин маълумотҳоро аз рӯи формулаи дар ҷадвали 10 овардашуда ҳосил кардем.

К=п/№

Кадоме, ки К-коэффитсиенти азхудкунии маводи таълим; п–суммаи ҷавобҳои дуруст; №–теъдоди умумии саволҳо.

| Синф | Коэффициенти азхудкунии маводи таълим | |
|---|---|---|
| | Синфи назоратӣ | Синфи таҷрибавӣ |
| 1 | 0,48 | 0,45 |

Ҷадвали 10. Аҳамияти коэффитсиенти азхудкунии маводи таълим.

Ҳамин тариқ, маълумотҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки мувозиҳои (параллелҳои) синфҳои якум аз рӯи ин меъёрҳо чун тайёрӣ ба мактаб ва сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмӣ байни синфҳои ҷудошуда фарқияти махсусро доро нестанд.

Табиист, ки ҳар як аз ин синфҳоро метавон ба сифати назоратӣ ва таҷрибавӣ интихоб кард. Тавассути интихоби озод ду гурӯҳи хонандагон ва волидони хонандагони синфи 1 соҳиби номи «назоратӣ» (1а, 1б) дуи дигар «синфҳои таҷрибавӣ» (1в, 1г) шуданд.

Дар охири нимсолаи якум мо ба хонандагон вазифаҳои сатҳҳои гуногун додем. Вазифа қатъиян аз рӯи тартиб аз якум вазифа то охирин вазифа иҷро мешавад. Ягон намуд имконияти интихоби вазифаи мутобиқ ба сатҳи хоҳиши хонанда пешбинӣ нашудааст. Зеро ин бо худбаҳодиҳӣ алоқаманд аст. Худбаҳодиҳӣ дар хонандагони синфҳои якум ғайримонанд басо баланд аст. Вазифа дар сатҳи репродуктивӣ, эмпирикӣ, алгоритмӣ дар стандартҳои таълим оварда шудааст. Вазифа дар сатҳи мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ ва стохастикӣ бошад, сатҳи базавӣ аст. Вазифаи хонандагон иҷро мекарда санҷида мешавад, зеро ҳадафи он гирифтани омӯзгор маълумот дар пешрафти блоки дарсҳост. Тамоми иттилооти гирифташуда дар дарси ислоҳ истифода бурда мешавад. Аз рӯи баҳо хонандагон метавонанд ба гурӯҳҳо муттаҳид гардида, якҷоя корҳояшонро таҳлил кунанд. Хонандагоне, ки холи баландро соҳиб шуданд, вазифаҳои ғайристандартиро иҷро мекунанд. Ба дигарон кӯмак мерасонанд ё бо омӯзгор кор мекунанд. Бисёре аз бачагон бинобар ғайримонандӣ, шакли тафаккур, хотира ва дигар шаклҳои психика

дар ин давра вазифаро басо суст иҷро мекунанд. Мавҷудияти адабиёти электронӣ, ки дар он якчанд барномаҳо оварда шудааст, вазифа-транежерҳо ва вазифаҳои назоратӣ имкон медиҳад дермониро дар амали хонандагон кам созад. Пешрафт дар иҷрои вазифа-тренингҳо аз рӯи имконияти таъмини ҳар хонанда бо маҷмӯи вазифаҳо, суръати индивидуалии кор, мустақилияти комил дар иҷрои вазифа, назорати бетанаффус ва идоракунӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар синфҳои таҷрибавӣ иҷрои вазифаи таркиби базавӣ баланд аст. Натиҷаҳои таҳқиқи сатҳи фосилавии рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар ҷадвали 11 оварда, дар расми 16 инъикос шудаанд.

| | Синфҳои назоратӣ ба ҳисоби, % | Синфҳои таҷрибавӣ ба ҳисоби, % |
|---|---|---|
| Репродуктивӣ | 19 | 7 |
| Эмпирикӣ | 38 | 8 |
| Алгоритмӣ | 19 | 24 |
| Мушкилотӣ- | 12 | 51 |
| Стохастикӣ | 5 | 10 |

Ҷадвали 11. Натиҷаҳои таҳқиқоти сатҳи фосилавии рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон




Диограмма-ҷадвали 11. Рушди натиҷаҳои таҳқиқи рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон.

Дар асоси таҳлили адабиёти назариявӣ мо сохтори меъёрҳои нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагонро таҳия кардем. Бо истифодаи сохтори меъёру нишондиҳандаҳои мазкур дар раванди таълим метавон чӣ тавр рушд кардани зеҳни потенсиалиро пайгирӣ кард. Зеҳни потенсиалӣ–зеҳнест, ки дар инсон ҷой ёфта, асоси ягонагии дохилии тамоми шаклҳо, ҳаракати он, тамоми фарқиятҳо ва хилофатҳо аз ҷумла, ақл маҳсуб мешавад. Дар ҷадвали 12 муносибатҳои илмӣ ва сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда инъикос шудаанд.

Дар давраи рушд баробари баҳо додан ба таълимнокии хонандагон аз рӯи натиҷаҳои корҳои хаттӣ бо интихоби ҷавоб, мо аҳамияти холи миёнаи пешрафти хонандагонро дар охири соли таҳсил дар синфҳои назоративу таҷрибавӣ, пешрафт, сифати дониш, коэффитсиенти таълимнокиро ҳисоб кардем.

Таҳлили маълумоти дар ҷадвал ва расмҳо овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки хонандагони синфҳои назоратӣ дар ҳолатҳои нав нисбати истифодаи маводи азхудшуда мушкилӣ мекашанд. Аз ин рӯ, онҳо усулҳои маърифатро дар сатҳи эмпирикӣ истифода мебаранд. Барои он, ки самаранокии истифодаи воситаҳои инноватсионии рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва таъсири онҳо ба пешрафту сифати дониш санҷида шавад, мо корҳои хаттии ҷамъбастӣ гузаронидем, ки натиҷаҳояш дар ҷадвали 13 оварда шудааст. Давоми 4 соли таълим сифати дониши дар синфҳои таҷрибавӣ баланд гардида, 85 фоизро ташкил дод. Пешрафт бошад, 100 фоиз таъмин гардид. Ин рақамҳои боваринок дар ҷадвали 13 оварда шудаанд.

| Нишондиҳандаҳои таълимнокӣ % | Синфҳои | Синфҳои таҷрибавӣ, |
|---|---|---|
| Пешрафт | 100 | 100 |
| Сифати дониш | 70 | 85,5 |
| Коэффисиенти | 60 | 76 |



Диаграмма ба ҷадвали 13

Ин рақамҳо бозгӯи онанд, ки истифодаи парадигмаҳои стохастикӣ ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда мусоидат мекунанд, ки сатҳи дониши азхудшудаи маърифаткардаро баланд мебардорад. Истифодаи модули ҷадвалии таълим ва адабиёти электронӣ имкон дод 5 сатҳи номбаршудаи ҷаҳонбинии илмии субъектҳои таълимро бо назардошти хусусиятҳои индивидуалиашон фаро гирифта шаванд. Дар натиҷа ҳадафи асосноксозии назариявии раванди технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон татбиқ гардид.

Ҷадвали 12. Сохтори меъёрҳову нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон. Аз саҳ.154 оригинал!!

Барои хонандагони хурдсол рушди интенсивии ҳаёти илмӣ хос аст. Таҳлили маълумотҳо имкон медиҳанд, ки хулосаи зерин баровarда шавад: хонандагон ба ҷои умумӣ ҷудо кардан ба объектҳои гуногун ишора мекунанд, ҳарчанд пайи амали фарқсозӣ тафаккури равшан-амалӣ ва равшан-образнок қарор дорад. Пайи «монандӣ» бошад, амали ворид сохтан ба категорияи ҷалбшуда пинҳон аст. Табиист, ки фарқ намудан барвақту баъд ҷамъбаст кардан фаро мерасад, шаҳодат аз ивази амалҳои психологӣ, гузариш аз шаклҳои возеҳи тафаккур ба забонӣ-мантиқии ҷамъбастсозӣ мебошад. Бинобар ин барои хонандагони синфҳои поёнӣ вазифаҳои зерин ба монанди «зоғ-моҳӣ», калимаҳое, ки дар онҳо умумиятро ёфтан душвор аст, басо мушкил мегардад. Дар мактаббачагони хурдсол амалиёти ҷамъбасткунӣ пайдо мешавад, кадоме, ки шакли ҷудо намудани нишонаҳои умумиро ба худ мегирад. Аммо, аксар пайи он ҳамчунин муқоисаи возеҳ ё ворид намудани предметҳо ба ҳолати умумии возеҳ пинҳон аст, ки барояшон иҷрои вазифаи зерин ба монанди «асп-аспсавор» мушкил аст. Ин калима дар шароити мухолифат қарор дошта, муқоиса кардан басо мушкил аст. Дар таҳқиқот ҳамчунин мантиқнок будани раванди изҳори андеша баҳогузорӣ шуд.

Тафаккури инертии пасти хонандагон ҳангоми муқоисаи калима бо монандӣ фарқ кардан ё баръакс бо эътибор додан ба ҳолатҳои дуюмдарачаи ночиз парешон мегардад. Дар ин гуна ҳолатҳо риштаи муҳокимаро аз даст додан мумкин аст. Барои ошкор сохтани сабабҳои шавқмандии хонандагонро ба математикаву забон, мо аз услуби Г.И.Шукина, ки ба хусусияти предмети таълими баррасимекарда мутобиқ гардонида шудааст, истифода бурдем [177]. Ба саволи «Шуморо адабиёти электронӣ модули чадвалӣ аз кадом чиҳат шавқманд кард? чавобҳои зерин пешниҳод шуданд:

–бо муҳтавои илмии худ;

–бо оне, ки онро омӯзгор таъмин мекунад;

–ҳалли вазифаҳои орфографию математикаро мефаҳмидагӣ шудем.

Ин ҳама далолат аз он мекунад, ки бачагони дар синфҳои тачрибавӣ таҳсил мекарда мӯҳтавои воситаҳои таълимро қабул кардаанд. Дар ин зумра бачагон назар ба бачагони дар синфҳои назоратӣ таҳсилкунанда қувваи баланди ақлонӣ- асосноксозӣ ба назар мерасад. Давоми соли таҳсил  аз болои рушди ақлонӣ-асоснокӣ назорат бурда шуд. Ин омили асосии рушди чаҳонбинии илмӣ бино ба ақидаи олими амрикоӣ Паскуаль Леоне қувваи эътибор номида мешавад. Қувваи эътибор дар давраи амалҳои аниқ ба хонандаи хурдсол нисбати ба даст овардани қобилияти ичрои амалҳои фасеҳу баргардандае, ки мутобиқ ба қоидаҳои мантиқ ичро мешавад, кӯмак мерасонад. Хонандаи ин сатҳи рушдро ноилшаванда амалҳои ичромекардаашонро мантиқан фаҳмонида метавонанд. Қодиранд, аз як нуқтаи назар ба дигараш гузашта, дар баҳо додан нисбатан воқеъбин бошанд. Дар охири соли якуми таҳсил қувваи ақлонӣ-асоснокӣ дар синфҳои назоратӣ 10 фоизро ташкил дод. Дар синфи тачрибавӣ бошад, 18 фоиз. Дар охири соли дуюми таҳсил дар синфҳои назоратӣ тағйирот вучуд надорад. Дар синфи тачрибавӣ эътибор ба омӯзиши мавод то 38 фоиз боло рафт. Дар охири соли сеюми таҳсил бошад, 15 фоиз, дар синфи тачрибавӣ бошад, 38 фоизро ташкил дод. Дар охири соли чоруми таҳсил сатҳи рушди ақлонӣ-асоснокии

қувва дар синфи назоратӣ 5%-ро ташкил дод. Дар синфи таҷрибавӣ бошад, ин сатҳ баландтар буда, ба 42 фоиз расидааст.

Маълумотҳои гирифташуда имкон медиҳанд хулоса бароварда шаванд, ки вазифагузорӣ назди хонанда аз шартҳои монанди рушди фарҳанги зеҳнии мактаббачагони хурдсол назар ба ҳалли бевоситаи вазифаҳои аниқи амалии шакли зарур маҳсуб мешавад, ки барои синфҳои муқаррарӣ чун хатти асосии ташкили таълим қабул гардидааст.

Аз ҷадвали дар расми 18 овардашуда маълум, ки сабабҳои афзалиятнок дар хонандагони гурӯҳи назоратӣ ваколатнокии омӯзгор ва аҳамияти амалии донишҳои гирифташаванда аст. Хонандагони  гурӯҳи таҷрибавӣ мавҷудияти иттилооти шахсӣ- муайянро дар мухтавои курси «Асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ», модулҳои ҷадвалӣ, сатҳи таълиму имконияти иҷрои вазифаҳои амалии характерашон эҷодиро қадр мекунанд.




Рами 18. Ифодаи теъдодии сабабҳои рушди ҷаҳонбинии илмӣ.

Аҳамияти холи миёнаи пешрафти хонандагон дар охири соли таҳсилро мо давоми 4 соли таълим ҳисоб кардем. Дар синфҳои назоратӣ аҳамияти холи миёна назар ба синфҳои таҷрибавӣ паст аст. Гузаронидани машғулиятҳо аз рӯи адабиёти электронӣ, модули ҷадвалӣ ва бо истифодаи маводи дидактикӣ

аз фанҳои математикаву забон ба азхуд намудани самаранокии хонандагон барномаи маводро мусоидат кард.

Бо хулосаи гуфтаҳо ба назар мерасад, ки мушкилоти истифодаи адабиёти электронӣ, модули ҷадвалӣ, маводҳои дидактикӣ аз фанни забони русӣ ҳалли худро наёфтаанд. Дар давраи муосир хилофати байни талабот дар истифодаи воситаҳои технологияҳои инноватсионии таълим ва сатҳи воқеии омодагии муҳити муосири маориф ба назар мерасад. Аз ин ҷо роҳи андешамандона истифода намудани технологияҳои нави таълимӣ дар заминаи назарияи эҳтимолият (парадигмаи стохастикӣ) бармеояд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаи рушдкунанда муайян карда шуд, ки азхудкунии маводи воқеӣ аз ҷониби хонандагон дар сатҳи репродуктивию эмпирикӣ қарор дорад. Нишондиҳандаҳои паст аз ҳисоби дар таълим истифода шудани парадигмаҳои эмпирикию алгоритмӣ мебошад. Аниқтараш, он технологияи таълиме истифода бурда шуд, ки дар онҳо потенсиали зеҳнии шахсии объект ба раванди ташкили машғулиятҳои дарсӣ ба инобат гирифта нашудаанд.

Натиҷаҳои ҳосилшуда моро ба он андеша водор карданд, ки дар таълим бояд парадигмаи он иваз карда шавад. Бинобар он таҷрибаи рушдкунанда ба роҳ монда шуд, ки мӯҳтавои он дар заминаи парадигмаи стохастикии таълим таҳия ва истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандаро мефаҳмонад. Тавре дар боло зикр кардем, ба сифати воситаи рушди ҷаҳонбинии илмӣ адабиёти электронӣ ва модули ҷадвалӣ гирифта шуда буд. Дар раванди таълим азхудкунии маводи таълим аз тарафи хонандагон санҷида шуд. Натиҷаи санҷиш дар ҷадвали 14 ва расми 19 оварда шудааст.

| Сатҳҳо | Синфҳои назоратӣ, % | Синфҳои таҷрибавӣ % |
|---|---|---|
| Репродуктивӣ | 18 | 24 |
| Эмпирикӣ | 46 | 18 |
| Алгоритмӣ | 21 | 22 |

| | | |
|---|---|---|
| Мушкилотӣ- | 10 | 16 |
| Стохастикӣ | 5 | 20 |

Ҷадвали 14. Натиҷаҳои сатҳи ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар давраи рушд

Натиҷаҳои давраи рушд аз натиҷаҳои давраи муайяншуда фарқ мекунанд. Дар синфҳои таҷрибавӣ бошад, иҷрои вазифа дар сатҳи мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ андаке зиёд то 16 фоиз (10 фоиз буд) шуд, дар сатҳи стохастикӣ бошад, натиҷаи иҷрои вазифа 10 фоиз буд, ки то 2 фоиз паст фаромад.

Дар синфи назоратӣ бошад, фоизи иҷрои вазифаи таркиби базавӣ поён фаромад, ки дар ин бора рақамҳои зерин шаҳодат медиҳанд: дар сатҳи мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ 10 фоиз (8 фоиз буд), фоизи иҷрои вазифа дар сатҳи стохастикӣ бетағйир монд – 5 фоиз.




Расми 19. Динамикаи рушди ҷаҳонбинии илмӣ.

Таҷрибаи рушдкунанда бо мақсади гирифтани алоқаи бозгашти мунтазам ва иттилооти муосир дар бораи пешрафти ҳар хонанда гузаронида шуд. Ҳамзамон, имконияти муттаҳидшавии фанҳои таълим омӯхта шуда, модули ҷадвалии таълим, адабиёти электронӣ ва тафаккури рушдкунандаи

субъекти таълим истифода шуд. Натиҷаҳои таҷрибаи рушдкунанда дар ҷадвали 15 оварда шудааст.

| Сатҳҳо | Синфҳои назорвтӣ % | Синфҳои озмоишӣ, % |
|---|---|---|
| Репродуктивӣ | 22 | 21 |
| Эмпирикӣ | 43 | 10 |
| Алгоритмӣ | 22 | 20 |
| Муаммоӣ -ҷустуҷӯӣ | 7 | 20 |
| Стохастикӣ | 6 | 29 |

Ҷадвали 15. Натиҷаҳои сатҳи ҷаҳонбинии илмии хонанда дар давраи рушд.




Диаграмма ба ҷадвали 15. Натиҷаҳои ҷаҳонбинии илмии хонанда дар давраи рушд.

Барои санҷиши таълим бо истифодаи адабиёти электронӣ ва модули ҷадвалӣ мо меъёру нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагонро истифода бурдем, ки дар ҷадвали 12 оварда шудаанд. Дар раванди таълим бо истифодаи адабиёти электронӣ ва модули ҷадвалӣ дар ниҳоди хонандагон малакаи таҳлил, фарқ кардани нишонаҳо, рамзу нақшаҳо, бунёди муносибатҳои арзишӣ дар ҳолати нав рушд ёфтанд. Ин нишондиҳандаҳои асосиест, ки ба хонанда дар зинаи ибтидоии таълим зарур аст.

Дар давраи навбатии таҷрибаи назоратӣ мо натиҷаҳои давраи рушдро санҷидем. Натиҷаҳои ҳосилшударо таҳлил кардем. Дастури методӣ барои омӯзгорон оид ба истифодаи воситаҳои рушди ҷаҳонбинии илмӣ таҳия шуд. Дар ин радиф сифати азхудкунии хонандагон дар синфҳои таҷрибавию назоратӣ ошкор карда шуд. Хонандагон ба ҷараёни таълим сабук ворид гардиданд. Худашон маводи дидактикиро интихоб карданд, ки ба сатҳи донишашон мувофиқ буд. Сатҳи дониш ва малакаи ҳар хонанда бо хусусиятҳояшон аз якдигар фарқ доштанд, ки аз рӯи тартиботи муайяни иҷрои вазифаҳои амалии таълим дар ифодаи забонии дониш инъикоси худро ёфтаанд.

Нишондиҳандаҳои сатҳи репродуктивӣ сарчашмаи ибтидоии дониш–эҳсосоту қабул ва ҳиссиёт, изҳори ҳар гуна андешаҳои бегона, объекту тафаккури бегона, ҳамчунин, истифодаи мақолҳо, зарбулмасалҳо дигар намуд эҷодиёти даҳонакии халқ маҳсуб меёбад.

Дар сатҳи эмпирикӣ нишондиҳандаҳои муносибати гносеологӣ малакаи истифодаи усулҳои маърифат–мушоҳида, таҳлил, муқоиса, индуксия ба ҳисоб мераванд. Дар сатҳи алгоритмӣ бошад, нишондиҳандаҳо ифодаи сунъӣ бо истифодаи мафҳумҳои ибтидоии фаҳмиши муҳокима ва хулосаи ақлӣ маҳсуб мешаванд.

Агар андешаҳои дорои характери таҳлилӣ ва дониш дар заминаи фактҳои илмӣ асос ёфта бошанд, он вақт бачагон вазифаҳои таълимро дар сатҳи мушкилотӣ-ҷустуҷӯӣ иҷро карда метавонанд. Агар андешаҳо

нишонаҳои баҳодиҳӣ дошта бошанду дониш ба категорияи илмӣ такя карда бошад, ҳамчунин ғояҳои нави асолати донишро ифодакунанда пешниҳод гардад, пас ин сатҳи стохастикии рушди ҷаҳонбинии илмӣ аст. Натиҷаҳои ин қисмати муайяншаванда дар давраи назоратӣ дар ҷадвали 16 оварда шудаанд.

| Қисмати назоратӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2017-2018 | | | | |
| | стохастикӣ, % | мушкилотӣ, % | алгоритмӣ, % | эмпирикӣ, % | репродуктивӣ, % |
| Синфи назоратӣ | 3,8 | 5,2 | 22 | 37 | 24.7 |
| Синфи таҷрибавӣ | 31 | 24 | 14 | 9 | 16 |

Ҷадвали 16. Натиҷаҳои қисмати муайяншаванда дар давраи назоратӣ.




Диаграмма ба ҷадвали 16. Натиҷаҳои қисмати муайяншаванда дар давраи назоратӣ.

Маълумотҳои дар ҷадвали 16 овардашуда нишон медиҳанд, ки ҳангоми санҷиши сатҳи рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда дар синфҳои назоративу

таҷрибавӣ мо ба стандарт ва сатҳи базавие такя кардем, ки имкон медиҳад,

| Сатҳҳо | Натиҷаҳои давраи назоратӣ | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015- | | 2016- | | 2018- | | 2019- | |
| | К, % | Э,% | К,% | Э,% | К, % | Э,% | К,% | Э,% |
| Стохастикӣ | 5 | 11 | 5 | 20 | 6, | 30 | 3,8 | 30 |
